# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД 330.3**
**ТКБ 65.207.2**
**С 20**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САИДӢ ДИЛФУЗА ӮКТАМЗОДА**

# ТАКОМУЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Ризозода Тӯра Раббим

**ХУҶАНД – 2026**

# МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ………………………… 3**
**МУҚАДДИМА………………………………………………………….. 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА……………… 17**
1.1. Моҳияти механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа…………………………………… **17**
1.2. Равияҳои арзёбии самаранокии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа……………… **35**
1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба идораи механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа……………… **49**

**БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ АМАЛИШАВИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ СУҒД…………………………………….. 67**
2.1. Тавсифи умумии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд дар шароити муосир…………………………………………….. **67**
2.2. Ҷанбаҳои ташкилӣ-маъмурии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа………………………………………………………… **84**
2.3. Фишангҳои молиявӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд…………………………………………….. **102**

**БОБИ 3. ТАКОМУЛИ ҚИСМАТҲОИ ТАРКИБИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА……………… 125**
3.1. Шарикии давлатӣ ва хусусӣ чун механизми инкишофи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа…………………………………… **125**
3.2. Банақшагирӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд………………………….. **144**

**ХУЛОСА……………………………………………………………… 167**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо …………………….. 170**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…………………………………………….. 172**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ……………………………………….. 193**

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ФР | Федератсияи Русия |
| ИА | Иттиҳоди Аврупо |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| ҚҶТ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СМР-2030 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| РИИ | Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| МММ | Маҷмуи маҳсулоти минтақа |
| ШДХ | Шарикии давлатӣ ва хусусӣ |
| КОА | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| МТМК | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| ДДҲБСТ | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| в-д | воҳид |
| в. | вилоят |
| н. | ноҳия |
| ш. | шаҳр |
| млрд | миллиард |
| млн | миллион |
| ҳаз. | ҳазор |
| смн. | сомонӣ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таърих гувоҳ аст, ки дар марҳилаҳои рушди тамаддуни ҷаҳонӣ соҳаҳое, ки бо такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ алоқаманданд, дар низоми давлатӣ яке аз ниҳодҳои асосӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ташкили фаъолияти самараноки ин гуна соҳаҳо дар ҷомеа барои ноил гардидан ба муваффақиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ заминаи муносиб ба миён меорад. Махсусан дар шароити муосир, ки муаммои истифодаи захираҳои маҳдуд боз ҳам шадидтар гардид, инчунин ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника шаҳодат медиҳад, ки яке аз самтҳои асосии афзалияти рақобатии ҳар як кишвар ва минтақаҳо аз теъдод ва сифати сармояи инсонӣ вобастагии мустақим дорад.

Дар ин самт, соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, ки фаъолият, мақсад ва ҳадафи он рушди иқтидори инсонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоид, инчунин иштироки мустақим дар тайёр кардани сармояи инсонӣ ба рушди босуботи ҳар як минтақа таъсири бевосита мерасонанд. Вале дар даҳсолаи охири асри XX дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои объективӣ, аз қабили гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, «фирори зеҳнҳо», яъне берун аз ҷумҳурӣ рафтани кадрҳои илмӣ, мутахассисони варзида ва ғайраҳо ба вазъи соҳаи иҷтимоӣ таъсири ҷиддии манфӣ расонида шуд.

Аммо хурсандиовар он аст, ки дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Ҳукумати давлатӣ пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ (аз соли 1997) дар кулли ҳудудҳои маъмурии ҷумҳурӣ ободкориву созандагӣ идома доранд. Масалан, агар соли 1997 теъдоди муассисаҳои соҳаи маориф 4176 адад бошад, соли 2025 он ба 4912 адад расидааст. Теъдоди муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бошад, аз 3155 адади соли 1997 соли 2025 ба 5320 адад баробар гаштааст, ки аз пешрафт ва рушди ин соҳаҳо шаҳодат медиҳад.

Новобаста аз ин, дар самти мазкур баъзе муаммоҳо мавҷуданд, ки дар ин бора Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст: «... мо бояд барои ҳарчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯӣ намоем. Фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, хусусан, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҷиҳати таъмин намудани самаранокии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд» [1, с.7].

Дар ҳудудҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла дар вилояти Суғд дар самти инфрасохтори иҷтимоӣ муаммоҳои зерин мавҷуданд: - сатҳи дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин сифати он на дар ҳамаи ҳудудҳо қонеъкунандаи талабот ва имкониятҳои рушди муосир мебошанд; - ниҳодҳои инфрасохтори иҷтимоӣ на дар ҳама ҳудудҳо басанда мебошанд; - сатҳ ва сифати фаъолияти ниҳодҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар баъзе мавридҳо ақиб мемонад.

Дар навбати худ инфрасохтори иҷтимоӣ узви ҷудонашавандаи ҳар як ҳудуди маъмурии алоҳида, яъне низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ҳар як ҳудуд он аз рӯи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, хусусиятҳои демографӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, зичии аҳолӣ, таркиби сифатии кадрӣ, имкониятҳои иқтидорӣ ва ғайра фарқкунанда мебошад.

Бинобар ин, дар шароити муосир зарурати коркарди сиёсати минтақавӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун омили асосӣ дар

тайёр кардан ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, рушд ва таъмини босамари фаъолияти инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба таври доимӣ бояд предмети таҳқиқи илмӣ қарор дошта бошад, зеро иқтисодиёт доимо дар ҳаракат буда, ба сатҳу сифати сармояи инсонӣ талаботи нав ба нав мегузорад. Ҳамин тавр, таҳқиқи такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳамчун омили калидии баланд бардоштани сатҳ ва сифати зисти аҳолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии сармояи инсонӣ дар чорчӯбаи ҳар як ҳудудҳои алоҳидаи маъмурӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон басо мубрам мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии инфрасохтори иҷтимоӣ ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии он аз ҷониби олимони гуногуни хориҷиву ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар асарҳои олимони хориҷӣ амсоли Й. Шумпетер [84], Г Минсберг [62], Т.Шултс [90], В. Ханеш [87], Х.Ларнпэт [88], Б.А.Райзберг [71], А.Г. Гранберг [45] ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Ҷанбаҳои методии такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар асарҳои олимони рус Э.А.Исаев [50], А.Ю. Маретская [119], Л.М.Бекенова [101], И.В. Сичёва [136], Л.И. Абалкин [33], Г.М. Гритсенко [107], Е.В.Фролова [143], Е.А.Алпеева [151], Р.В. Фаттахов [142] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар илми иқтисодии миллӣ низ ба масъалаи нақши инфрасохтори иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёти минтақа асарҳои як қатор олимони ватанӣ бахшида шудаанд. Масалан, оид ба масъалаи нақш ва аҳаммияти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти минтақа олимони соҳа Х.А. Абдуқодиров [91], Д.М. Маҷидзода [118], М.М. Асоев [98], Э.Н. Якубова [150], С.С. Саидзода [130], доир ба омӯзиши инфрасохтори иҷтимоӣ чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Т.Р.,

Ризозода, Ш.А. Шарипова [128], Н.К., Билолов [155] ва дар бобати рушди самаранокии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот И.Х. Самандаров [161], Р.Н. Нишонзода [123] таҳқиқот бурдаанд.

Татбиқи механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти минтақа аз ҷониби олимон Д.Б. Қодирзода [160], З.Р. Шарифов [148], И.Р. Иброҳимзода [112], А.Ю. Холиқзода [144], Ш.С. Собирзода [134], С.И. Умарова [163], Б.С. Музаффарзода [121], Д.А. Ходиев [145] мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи интихобнамуда бо барномаҳои давлатӣ ва минтақавии зерин мутобиқат мекунад: Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз ҷумла, тибқи банди 4. – “Рушди сармояи инсонӣ”, зербанди 4.1. – “Маориф ва илм”, зербанди 4.2. – “Солимӣ ва дарозумрӣ”, зербанди 4.3. – “Ҳифзи иҷтимоӣ”, зербанди 4.4. – “Фарҳанг”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027, Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.

Инчунин таҳқиқоти илмии интихобнамуда тибқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқоти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардида, қисматҳои асосии он дар кафедраҳои тахассусӣ мавриди коркард қарор гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд бахшида шудааст. Дар кори диссертатсионӣ дар асоси низомбандии муқаррароти илмӣ-назариявӣ оид ба предмети таҳқиқот таърифи муаллифӣ таҳия

гардидааст. Вазъи муосир ва сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа арзёбӣ гардида, тамоюл ва муаммоҳои асосии он муайян карда шудаанд. Ҳамзамон нақши механизмҳои ташкилӣ-маъмурӣ ва молиявӣ-иқтисодӣ дар таъмини рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд собит карда шудааст. Амсилаи арзёбии таъсири фишангҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ коркард гардида, самтҳои асосии такомули механизми шарикии давлатӣ ва хусусӣ чун афзори муҳимми баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ асоснок гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявию амалиро доро буда, барои коркард ва амалигардонии барномаҳои мақсадноки давлативу минтақавӣ, такмили низоми идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудаанд.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** такмил ва рушд додани муқаррароти назаривию методии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд, инчунин коркарди комплекси тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии он мебошад.

**Вазифаи таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар рисола ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

- таҳқиқи муқаррароти илмӣ, муайян намудани равишҳои методии арзёбии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа, инчунин омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ баҳри такмили он;
- арзёбии вазъи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд ва механизмҳои ташкилии рушди он;
- асоснок намудани таъсири механизмҳои молиявӣ ва иқтисодӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд;
- муайян намудани равишҳои минбаъдаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа, аз ҷумла, механизми шарикии давлатию хусусӣ,

инчунин банакшагирӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** иқтисодиёти ҳудудҳо мебошад, ки ҳамчун низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҷмуаи соҳаҳои гуногуни инфрасохторҳоро дар самти фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ дар худ инъикос менамояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** механизмҳои ташкилӣ-иқтисодие мебошанд, ки ба ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ таъсири бевосита дорад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Самаранок ба амал татбиқ намудани механизми ташкилӣ-иқтисодӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҳудудӣ ва такмили он сатҳи таъминнокии ҳудудҳоро бо ниҳодҳои зарурии инфрасохтори иҷтимоӣ баланд мебардорад, инчунин бо беҳтар намудани сифати фаъолияти онҳо барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ дар ҳудудҳо мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодиёти минтақа, консепсияҳои ҷойгиркунии ҳудудӣ, консепсияҳои институтсионалӣ оид ба инфрасохтор, назарияҳои сармояи инсонӣ, асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ дар самти ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақавӣ ташкил медиҳанд. Паёми ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъминнокӣ, баланд бардоштани сифати фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҷумҳуриявӣ ва минтақаҳои он низ дар таҳқиқот ҳамчун асос гирифта шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** равияҳои илмӣ-методии низомманд, маҷмаавӣ ва диалектикӣ ташкил медиҳанд, инчунин дар таҳқиқот усулҳои оморӣ, муқоисавӣ, таҳлили амудӣ, уфуқӣ, индуксия, дедуксия, усулҳои математикии иқтисодӣ истифода гардидаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** маводҳои омории Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, маводҳои иттилоотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои нашргардида дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ аз сохторҳои байналмилалӣ, давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин шабакаи интернетӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2022-2026 анҷом дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз захираҳои моддӣ, техникӣ, иқтидори илмии кадрии ДДҲБСТ, инчунин китобхонаи донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва шабакаи Интернет анҷом дода шуда, барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот заминаи мусоиди илмиву ташкилиро фароҳам овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар инкишофи муқаррароти илмӣ-назариявӣ ва методӣ оид ба механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа, ҳамчунин коркард ва пешниҳоди тавсияҳои амалии асоснок оид ба такомули он дар вилояти Суғд зоҳир мегардад.

Дар ҷараёни пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ натиҷаҳои зерин ба даст омадаанд, ки дорои хусусияти **навгонии илмӣ** мебошанд:

- муқаррароти илмӣ-назариявӣ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ низомбандӣ гардида, ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид карда шудааст, ки тибқи он «механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа низоми мураккаби воситаву афзор ва фишангҳо мебошад, ки тавассути он дар доираи ҳудудҳои муайяни маъмурӣ барои фаъолияти соҳаҳое, ки дар инкишоф ва баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ иштироки бевосита доранд, шароити мусоид фароҳам оварда мешавад». Исбот

карда шудааст, ки равишҳои арзёбии вазъи механизмҳои инфрасохтори иҷтимоӣ гуногунҷабҳа буда, дар байни онҳо истифодаи усули интегралӣ мувофиқи мақсад мебошад. Асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷии зерин ба иқтисодиёти вилояти Суғд мутобиқат дорад: - суғуртаи иҷтимоӣ (ИА), равиши лоиҳавӣ (ФР), модернизатсияи давлатии иҷтимоӣ (Қазоқистон), усули «Дафтари амалиёт» (Ӯзбекистон);

- тавассути усули интегралӣ арзёбӣ карда шудааст, ки аз рӯи сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ в.Суғд дар умум пас аз в.Хатлон мавқеи дувумро ишғол мекунад. Дар самти таъминнокии минтақа бо унсурҳои таркибии он бошад вазъият гуногун аст. Аз ҷумла, дар вилояти Суғд аз ҷиҳати инфрасохтори тандурустӣ ва фарҳанг қафомонӣ ба назар мерасад, аз рӯи ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф дар сатҳи миёна қарор дорад, дар нақлиёт ва савдо пешқадам мебошад. Асоснок карда шудааст, ки дар рушди инфрасохтори иҷтимоии в.Суғд механизмҳои ташкилӣ нақши назаррас доранд. Аз он ҷумла: таҳкурсии институтсионалии мукаммал мавҷуд аст, вале дар таъминнокӣ бо объектҳои зарурӣ, таъминнокии иттилоотӣ ва кадрӣ муаммоҳои зерин вуҷуд доранд: нокифоя будани муассисаҳои томактабӣ, тандурустӣ, таҳсилоти умумӣ, норасоии омӯзгорон, табибон, кормандони тиббӣ, мутахассисони баландихтисос, мавҷуд набудани низоми ягонаи таъминнокӣ бо иттилоот, татбиқ нагардидани банақшагирии маҷмуии салоҳиятнок;

- асоснок карда шудааст, ки истифодаи имкониятҳои фишангҳои молиявӣ - иқтисодии минтақа баҳри рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозор нақши доминантӣ дорад. Исбот гардидааст, ки новобаста аз тамоюли рушди босуръати назарраси маблағҷудокуниҳои буҷетӣ ба инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳаҷми он талаботи муосири соҳаро қонеъ намекунад. Ин нукта бо нокифоягии музди меҳнат дар соҳа мудаллал карда шудааст. Баҳри муайян намудани таъсири фишангҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа амсилаи математикии иқтисодӣ коркард карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир аз рӯи сатҳи таъсиррасонӣ

накши доминантиро нахуст МММ ба ҳар сари аҳолӣ, пас аз он сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ мавқеи дувумро дорад. Исбот карда шудааст, ки сатҳи вобастагии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ аз фишангҳои молиявӣ-иқтисодӣ пайвастагии зич дорад;

- амсилаи татбиқи механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки унсурҳои танзими ҳуқуқӣ, таъмини инфрасохторӣ, субъектони маблағгузорӣ ва сарчашмаҳоро дар бар мегирад. Заминаҳои илмии зарурати инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ асоснок карда шудааст, ки иборатанд аз: тағйирёбии муҳити зисти аҳолӣ, шадидии муаммоҳои иҷтимоӣ, зиддияти ҷиддӣ байни талабот ва таклифоти сармояи инсонӣ, гузариш ба сатҳи баланди тараққиёт, рақамикунонии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт. Омилҳои таъсиррасони мусбат ва манфӣ ба фаъолнокии инноватсионии инфрасохтори иҷтимоӣ муайян карда шудааст, ба омилҳои мусбат мансубанд: ислоҳоти ниҳодӣ, навсозии соҳа, рушди илму техника, ҷаҳонишавӣ; ба омилҳои манфӣ мансубанд: таваҷҷуҳи нокифояи ҳукумати маҳаллӣ, норасоии кадрӣ, нокифоягии маблағгузорӣ. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи фаъолнокии инноватсионии инфрасохторҳои иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сифатнокии хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои давраи минбаъда пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳия гардидааст: таърифи муаллифии мафҳуми «механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа» дар асоси низомбандии муқарраროти илмӣ-назариявӣ оид ба предмети таҳқиқот. Асоснок гардидааст, ки равишҳои арзёбии инфрасохтори иҷтимоӣ гуногун буда, аз онҳо истифодаи усули интегралӣ, истифодаи ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ арзиши илмиро доро аст;

- муқаррар карда шудааст, ки сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд аз механизмҳои ташкилӣ бештар вобастагӣ дорад. Ошкор

гардидааст, ки муаммоҳои норасоии ҳамоҳангсозии институтсионалӣ, маҳдудияти захираҳои ташкилӣ дар рушди соҳа таъсири назарраси манфиро доранд;

- исбот карда шудааст, ки амсилаи коркардгардидаи математикӣ-иқтисодӣ таъсири назарраси фишангҳои молиявӣ-иқтисодиро дар ташаккули инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд миқдоран муайян намуда, мавқеи доминантии сатҳи рушди истеҳсоли ММД-ро тасдиқ кардааст;

- тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардидааст, ки такмили механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, танзими ҳуқуқӣ, фаъолнокии инноватсионӣ, таъминнокӣ бо сармояи инсонӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ самтҳои асосии рушди минбаъдаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба ҳисоб мерав863анд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки муқарраროти илмии рисола дар ғанӣ гардонидани назарияҳои ҷойгиронии ҳудудӣ, иқтисодиёти минтақа ва консепсияҳои инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Инчунин ҷанбаҳои методологии таҳқиқот ба такмили илмии танзими рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа равона карда шудаанд. Баъзе мақаррароти рисоларо метавонад Вазорати рушди иқтисод ва мақомоти қонунбарор дар коркарди барномаҳо ва стратегияи давлатӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ истифода барад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос мегардад, ки муқаррароти илмии асосноккардашуда аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳоқимияти давлатии маҳалҳо дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ ба асос гирифта шудааст (*маълумотнома оид ба татбиқ №220/1 аз 06.03.2026*).

Натиҷаҳои алоҳида ва тавсияҳои илмӣ-амалиро дар ҷараёни такмили барномаҳои таълимӣ ва мундариҷаи машғулиятҳо дар самти тайёр кардани мутахассисони соҳаи иқтисодиёт дар мактабҳои олӣ аз рӯи фанҳои иқтисодиёти минтақа, танзими давлатии иқтисодиёти

минтақа, иқтисодиёти соҳавӣ истифода бурдан мумкин аст *(санад оид ба татбиқ №241 аз 25.02.2026)*.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** ҳаҷми кифояи маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлилҳои оморӣ, коркарди таҳқиқот, истифодаи нашрияҳо ва маҷмуаҳои омории мухталиф, ки ба муқаррароти илмӣ мувофиқ мебошад, ташкил мекунанд. Натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ, хулосаву пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ пешниҳодгардида дар инкишофи назария ва амалияи илмии иқтисодиёти минтақа инъикос меёбад.

**Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида иҷро шудааст, ки ба шиносномаи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ, аз ҷумла ба банди 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо; банди 16. Коркарди методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии амалкарди сохторҳои корпоративӣ, тиҷорати хурду миёна, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғайра; банди 20. Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо. Принсипҳо, вижагиҳо ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаҳои инфрасохторӣ дар минтақаҳо мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ натиҷаи фаъолият ва андешаҳои илмии муаллиф аст. Интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи кори илмӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он, ҷамъ овардани маводҳои зарурии илмӣ ва оморӣ, таълифи диссертатсия, коркард ва муайянсозии муқаррароти илмӣ, таҳия ва асоснок намудани

хулосаву тавсияҳо дар диссертатсия, инчунин интихоби усулҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ мустақилона иҷро шудааст. Инчунин муаллиф дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмӣ чоп кардааст. Ҳамзамон, муаллиф дар кори конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ бевосита иштирок карда, маърузаҳои илмӣ намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Баъзе аз муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо, форумҳо ва семинарҳои байналмилаливу минтақавӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ таҳти унвони «Саноатикунонии босуръат – асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ» (Хуҷанд, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ бахшида ба Рӯзи илм ва 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия (Душанбе, 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ» (Хуҷанд, 2022), форуми II ҷумҳуриявии иқтисодӣ таҳти унвони «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд, 2022), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2023), конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ: ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ» (Душанбе, 2025), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Моделҳои инноватсионии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар марҳилаи иқтисоди рақамӣ ва хавфҳои глобалӣ» (Краснодар, 2025) ва ғайра ироа гардида, нашр шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмӣ, назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 21 асари илмии

муаллиф, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3,25 ҷ.ч. нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи номзадӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 197 саҳифаи матни компютерӣ, 42 ҷадвал, 14 схемаву диаграмма иборат аст. Феҳристи адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА

## 1.1. Моҳияти механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа

Дар шароити муосир вазифаи асосии таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва минтақаҳо такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мебошад, ки ин аз бунёд ёфтан ва рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста аст. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳимми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бунёд ва рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ дар қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро инфрасохтори иҷтимоӣ агар, аз як тараф, заминаи рушди сармояи зеҳнӣ дар кишвар ва минтақаҳои он бошад, аз тарафи дигар, ба рушди иқтидори иҷтимоию иқтисодии давлат ҳамчун омили таъсиррасон баромад мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки «...дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва такомули механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии он, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалию методологӣ ба қадри кофӣ сурат нагирифтааст. Аммо боиси қаноатмандӣ аст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои кишвар самти муҳимми сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ муайян шудааст. Дар он қайд гардидааст, ки иқтидори нокифояи идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаву маҳалҳо баръало ба мушоҳида мерасанд, зеро саҳми сатҳҳои мазкур дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таҷдиди инфрасохтори иҷтимоӣ, афзоиши талаботи ҷамъият ба хизматрасониҳои баландсифати соҳаи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба онҳо рушд хоҳад ёфт...» [74]. Дар СМР - 2030 собит мегардад, ки дараҷаи иқтидор, салоҳият ва равандҳои босифати иқтисодиву иҷтимоӣ, истеҳсоливу хоҷагидорӣ дар сатҳи минтақаҳо нисбат ба сатҳи миллӣ ба таври назаррас ақиб мондааст, ки ин боиси таваҷҷуҳи мо доир ба

такомули механизми ташкилӣ - иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа гардидааст.

Азбаски механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҷараёни мураккаб маҳсуб меёбад, сараввал, тасмим гирифтем, ки ба моҳияти назариявии он тасҳеҳ ворид намоем, зеро нодуруст дарк намудани моҳияти он барои расидан ба натиҷаҳои назаррас имконият намедиҳад.

Бинобар ин, ба ҳар як унсури таркибии мавзуи таҳқиқот, яъне сараввал моҳияти «механизми ташкилӣ-иқтисодӣ», баъдан моҳияти «инфрасохтори иҷтимоӣ» ва сипас, моҳияти «минтақа» мавриди таҳқиқ қарор доданро ба мақсад гузоштем. Дар натиҷаи низомбандӣ намудани моҳияти назариявии онҳо ақидаи худро оид ба масъалаи предмети таҳқиқот иброз менамоем.

Барои муайян кардани мафҳуми «инфрасохтори иҷтимоӣ», равишҳои мухталиф ба кор бурда мешавад, бинобар ин аз ҷониби олимону иқтисоддонон таърифҳои гуногуни истилоҳи мазкур пешниҳод карда шудааст.

Бинобар ин, дар заминаи маълумотҳои низомбандишудаи ҷадвали 1.1. мафҳуми иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии минтақаро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Ҷадвали 1.1. - Таҳқиқи моҳияти инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

| № | Муаллиф | Мундариҷа |
|---|---|---|
| 1. | Потемкин В.К. | «Инфрасохтори иҷтимоӣ зернизоми махсуси тараққиёбандаи комплекси ягонаи хоҷагии халқ мебошад, ки ба раванди такрористеҳсоли иҷтимоӣ ворид гардида, ба воситаи тақсими маҷмуи талаботи ҷамъиятӣ, даромади миллӣ, фондҳои таъиноти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, ташаккулдиҳандаи рушди тарзи ҳаёт мебошад» [69]. |
| 2. | Согачева О.В. | «Маҷмуи устувори унсурҳои моддию ашёӣ, ки ба ташкили оқилонаи фаъолияти меҳнатӣ, сиёсиву ҷамъиятӣ ва фаъолиятҳои дигари инсон, ки ба манфиати тамоми ҷамъият равона мешаванд, шароити мусоид ба миён меорад» [135, с.389]. |
| 3. | Безуглая Е.В. | «Инфрасохтори иҷтимоӣ чун маҷмуи шароити иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳам рушди кулли раванди истеҳсолот ва ҳам як воҳиди муайяни ҳудудӣ-иқтисодиро таъмин кунад» [100, с.272]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Федулов С.П. | «Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои моддию ашёиро дар бар мегирад, ки барои бунёд ва таъмини шароити маконӣ ва муваққатии ташкили фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дар заминаи талаботи он, тавҷеҳи арзишӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо зарур мебошад» [177]. |
| 2. | Ризокулов Т.Р., Шарипова Ш.А. | «Инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаи мустақилест, ки барои объектҳо ва муассисаҳои танзимкунанда шароити корӣ фароҳам меорад» [128, с.40]. |
| 3. | Маҷидзода Д.М. | «Инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи устувори унсурҳои моддие донистан мумкин аст, ки барои ташкили оқилонаи фаъолияти асосии субъектони иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад» [118, с.218-224]. |
| 4. | Асоев М. М. | «Инфрасохтори иҷтимоӣ заминаҳоро барои такрористеҳсолии қувваи корӣ барпо намуда, саломатӣ ва донишомӯзиро назорат менамояд, бо молҳои ғизоӣ ва саноатӣ, тавассути шабакаи муассисаҳои тиҷоратӣ таъмин намуда, нерӯи фарҳангӣ-ахлоқии аҳолии деҳотро дастгирӣ менамояд» [98, с.89-96]. |
| 5. | Билолов Н.К. | «Инфрасохтори иҷтимоии деҳот бояд дар асоси бисёруклада, ки ҷанбаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқию этикиро ба инобат мегирад, ба таври устувор рушд намояд. Ҳамнишинии ҳамаи намудҳои моликият, инчунин шаклҳои хизматрасонии бепул ва пулакиро зимни дар ихтиёри бахши давлатӣ ва минтақавӣ нигоҳ доштани мавқеъҳои асосӣ дар соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таъмини кафолатноки аҳолӣ бо хизматҳои бепул дар ҳудуди ҳадди ақалли давлатии стандартҳои иҷтимоии барои деҳот муқarrаргардида пешбинӣ кунад» [102, с.182]. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти дастрасшуда

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1.1. бармеояд, оид ба фаҳмиши моҳияти иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ дар асарҳои илмӣ ягонагии ақида ба назар намерасад. Дар таҳқиқи олим В.К.Потемкин моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ чунин иброз карда шудааст: «Инфрасохтори иҷтимоӣ зернизоми махсуси тараққиёбандаи комплекси ягонаи хоҷагии халқ фаҳмида мешавад, ки ба раванди такрористеҳсоли иҷтимоӣ ворид гардида, ба воситаи тақсими маҷмуи талаботи ҷамъиятӣ, даромади миллӣ, фондҳои таъиноти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккулдиҳандаи рушди тарзи ҳаёт мебошад» [69]. Дар ин таъриф, муаллиф инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун зернизоми махсуси тараққиёбандаи комплекси ягонаи хоҷагии халқ баррасӣ менамояд, ки ба мундариҷаи ин категория мутобиқ мебошад. Ҳамзамон В.К. Потемкин

ҷанбаи молиявии ташаккули инфрасохтори иҷтимоиро шарҳ додааст, аммо ҳадафи мавҷудияти он чун ташаккулдиҳандаи рушди тарзи ҳаёт муайян гардидааст, ки аз нокифоя будани баррасии таърифи шаҳодат медиҳад.

Дар таҳқиқи О.В. Согачева моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ ба тариқи зайл муайян карда шудааст: «Маҷмуи устувори унсурҳои моддию ашёӣ, ки ба ташкили оқилонаи фаъолияти меҳнатӣ, сиёсиву ҷамъиятӣ ва фаъолиятҳои дигари инсон, ки ба манфиати тамоми ҷамъият равона мешаванд, шароити мусоид ба миён меорад» [135, с.389]. Аз шарҳи таърифи О.В.Согачева чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ ба аҳаммият ва нақши инфрасохтори иҷтимоӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир намудааст, вале камбудии ин моҳият дар он аст, ки О.В.Согачева дар ошкор сохтани мундариҷаи иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои устувори моддиву ашёиро баррасӣ менамояд ва он ниҳодҳои соҳаи иҷтимоиро пурра дар бар намегирад.

Муҳаққиқи дигар Е.В. Безуглая қайд кардааст, ки : «Инфрасохтори иҷтимоӣ чун маҷмуи шароити иҷтимоию иқтисодӣ ба рушди ҳам тамоми раванди истеҳсолӣ ва ҳам як воҳиди муайяни ҳудудӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд» [100, с.272]. Аз таърифи мазкур мушоҳида мегардад, ки Е.В. Безуглая ба аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар тараққиёти ҳудудӣ эътибори хоса зоҳир намудааст, аммо муҳаққиқ дар таърифи худ ба аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар ташаккул ва тараққиёти тарзи ҳаёти солим ба таври амиқ назар накардааст.

Дар асари илмии С.П. Федулов чунин гуфта шудааст, ки: «Инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои моддию ашёӣ барои бунёд ва таъмини шароити маконӣ ва муваққатии ташкили фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дар заминаи талаботи он, тавҷеҳи арзишӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо зарур мебошад» [177]. Дар таърифи пешниҳоднамудаи С.П. Федулов хусусияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар ташаккул ва ташкили фаъолияти ҳаёт баррасӣ мегардад.

Муҳаққиқони тоҷик Т.Р. Ризоқулов ва Ш.А. Шарипова чунин мешуморанд, ки: «Инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаи мустақилест, ки барои объектҳо ва муассисаҳои танзимкунанда шароити корӣ фароҳам меорад» [128, с.40]. Мутахассисони соҳа Т.Р. Ризоқулов ва Ш.А. Шарипова дар таърифи худ аҳаммияти бештари иҷтимоию иқтисодӣ доштани инфрасохтори иҷтимоиро таъкид кардаанд ва ҳамзамон онро ҳамчун соҳаи мустақили фаъолиятбаранда баррасӣ намудаанд.

Иқтисодшинос Д.М. Маҷидзода дар таърифи худ инфрасохтори иҷтимоиро чун иброз доштааст: «Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи устувори унсурҳои моддӣ аст, ки барои ташкили оқилонаи фаъолияти асосии субъектони иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад» [118, с.218-224]. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки Д.М. Маҷидзода ба хусусиятҳои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва сохтори иҷтимоии минтақа назари хоса намудааст, вале аҳаммият ва вазифаи инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар таърифи Д.М. Маҷидзода нисбатан амиқ таҳқиқ нашудааст.

Дар таҳқиқи тахассусманди соҳа М.М. Асоев чунин оварда шудааст, ки: «Инфрасохтори иҷтимоӣ чун таҳкурсии асосӣ дар амалишавии такрористеҳсоли қувваи корӣ дар инкишофи нерӯи фарҳангиву ахлоқии аҳолии деҳот низ ниҳоди муҳим ба шумор меравад» [98, с.89-96]. Бояд қайд намуд, ки М.М. Асоев дар мафҳуми пешниҳод намудаи худ иброз намудааст, ки фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии деҳот равона мегардад, вале ин мафҳум моҳияти иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ба таври мушаххас баён намесозад.

Яке аз таърифҳои нисбатан васеи инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар таҳқиқоти Н.К. Билолов пешниҳод карда шудааст. Ӯ қайд менамояд, ки: «Инфрасохтори иҷтимоии деҳот бояд дар асоси бисёруклада, ки ҷанбаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқию этикиро ба инобат мегирад, ба таври устувор рушд намояд. Ҳамнишинии ҳамаи намудҳои моликият, инчунин шаклҳои хизматрасонии бепул ва пулакиро зимни дар ихтиёри бахши давлатӣ ва

минтақавӣ нигоҳ доштани мавқеъҳои асосӣ дар соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таъмини кафолатноки аҳолӣ бо хизматҳои бепул дар ҳудуди ҳадди ақалли давлатии стандартҳои иҷтимоии барои деҳот муқарраргардида пешбинӣ кунад» [102, с.182]. Ба андешаи мо, таърифи аз ҷониби Н.К. Билолов пешниҳодгардида мундариҷаи ин категория ва вазифаҳои онро фарогир аст, зеро ӯ таъкид менамояд, ки инфрасохтори иҷтимоӣ ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ташкили оқилонаи фаъолияти ҷамъият мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили таърифҳои мазкур мо чунин таърифи муаллифиро оид ба мундариҷаи иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод менамоем: «инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи объектҳои ба соҳаҳои иҷтимоии минтақаҳо тааллуқ доштаро дар бар мегирад, ки ба тараққиёти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ, рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мусоидат мекунад ва омили муҳимми таъсиррасон ба раванди урбанизатсия ва агломератсия маҳсуб меёбад» [1-М].

Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи рушди устувори минтақа маҳсуб меёбад, ки тавассути он сатҳи зиндагонии ҷамъият ва дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта мешавад, хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, дастрасӣ ба онҳо таъмин карда мешавад. Бинобар ин, рушди инфрасохтори иҷтимоиро бояд аз нуқтаи назари минтақа баҳо дод.

Назарияи минтақа воситаи муҳимми дарки равандҳои мураккабе ҳисоб меёбад, ки дар ташкили ҳудудӣ ва таҳияи стратегияҳои самараноки рушд, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд, ба амал меояд.

Дар шароити муосири пешрафти ҷаҳонӣ, минтақаҳои Тоҷикистон дар майдони равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор доранд ва аз ин рӯ, рушди онҳо бояд ба қонун, шароит ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ бо назардошти

ҳамаҷонибаи хусусиятҳои кишвар, аз ҷумла, хусусиятҳои ҳудудӣ ва шароити мушаххаси маҳаллӣ мувофиқат кунанд. Дар шароити муосир мақсади асосии илми иқтисодёт, ки ҳақиқати воқеии минтақаҳоро меомӯзад, на танҳо таҳлилу тавзеҳи равандҳо, падидаҳо, тамоюлҳо, далелҳо ва пешгӯии ҳодисаҳо, вариантҳо, сенарияҳо, вазъиятҳо, балки ташаккули қувваҳои мушаххаси пешбаранда, ба монанди, қарорҳо, сохторҳо, механизмҳо, воситаҳои самараноки рушди минбаъдаи ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошанд.

То давраи муосир шарҳи зиёди мафҳум ва моҳияти «минтақа» аз ҷониби олимон, иқтисодчиён, муҳаққиқони соҳа пешниҳод ва таҳия гардидаанд, ки моҳият, ҷанбаҳои гуногун, аломат ва хусусиятҳои онро баён месозад. Вобаста ба таҳқиқи таърифи минтақа дар ҷадвали 1.2. нуқтаи назари олимони соҳа оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2. - Шарҳи назарияҳои минтақа аз нуқтаи назари олимони соҳа**

| Сарчашма | Моҳият |
|---|---|
| Некрасов Н.И. | «Минтақа-ин ҳудудест бо шароитҳои гуногуни табиӣ ва хусусияти хоси рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар асоси истифодаи маҷмуи захираҳои табиӣ ва заминаи дахлдори мавҷудаи перспективии истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад» [66, с.29]. |
| Феодоритова В.Я. | «Минтақа – ин низоми бо ҳам алоқаманди субъектони хоҷагидори фаъолиятбарандаи гуногуне, ки ба манфиатҳои истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсоли молу хизматрасонӣ ва дар соҳаи гардиш ҳавасманданд, ба ҳисоб меравад» [81]. |
| Курнышев В.В. | «Минтақа-ин ҳудудест, ки дорои объектҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, нуқтаҳои аҳолинишин, минтақаҳои фароғативу экологӣ, инфрасохторҳои гуногун ва механизмҳои давлатии идоравӣ мебошад» [57]. |
| Гранберг А.Г. | «Минтақа – ин қаламрави муайянест, ки аз дигарон вобаста ба аломат ва унсурҳои ба ҳам алоқаманд фарқ мекунад» [45]. |
| Ахтариева Л. Г. | «Минтақа – ин зернизоми маъмурию ҳудудӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳамзамон низоми мураккаби гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ мебошад, ки дорои иқтидори махсус, дараҷаи муайяни ягонагӣ, сохтори дохилии ягона, робитаи мутақобила ва вазифаҳои ташаккулдиҳандаи равандҳои такрористеҳсолот ва хусусиятҳои азнавсозии иҷтимоию иқтисодӣ, дорои мақомотҳои муайяни идоракунӣ, рушди устувори ҳудуд ва сифати зисти аҳолиро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин менамояд, фаҳмида мешавад» [99, с.9-13]. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар адабиёти иқтисодӣ минтақаро чун ҳудуди азиме, мефаҳманд, ки «… бо шароитҳои гуногуни табиӣ ва хусусияти хоси рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар асоси истифодаи маҷмуи захираҳои табиӣ ва заминаи дахлдори мавҷудаи перспективии истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад» [66, с.29]. Аз нуқтаи назари В.Я.Федоритова иқтисодиёти минтақа чунин шарҳ дода шудааст: «Минтақа – ин низоми бо ҳам алоқаманди субъектони хоҷагидори фаъолиятбарандаи мухталифе, ки ба манфиатҳои истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсоли молу хизматрасонӣ ва дар соҳаи гардиш ҳавасманданд, ба ҳисоб меравад» [81].

В.В. Курнишев дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки: «Минтақа – ин ҳудудест, ки дорои объектҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, нуқтаҳои аҳолинишин, минтақаҳои фароғативу экологӣ, инфрасохторҳои гуногун ва механизмҳои давлатии идоравӣ мебошад» [57].

Ба ақидаи А.Г. Гранберг: «Минтақа – ин қаламрави муайянест, ки аз дигарон вобаста ба аломат ва унсурҳои ба ҳам алоқаманд фарқ мекунад» [45]. Олими дигар Л.Г. Ахтариева чунин нуқтаи назари худро оид ба минтақа баён намудааст: «Минтақа – ин зернизоми маъмурию ҳудудӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳамзамон низоми мураккаби гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ба шумор меравад, ки дорои иқтидори махсус, дараҷаи муайяни ягонагӣ, сохтори дохилии ягона, робитаи мутақобила ва вазифаҳои ташаккулдиҳандаи равандҳои такрористеҳсолот ва хусусиятҳои азнавсозии иҷтимоию иқтисодӣ, дорои мақомоти муайяни идоракуние, рушди устувори ҳудуд ва сифати зисти аҳолиро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин менамояд, маънидод гардидааст» [99, с.9-13].

Рушди минтақаҳоро бояд ҳамчун тағйирёбии сифатан прогрессивии хусусиятҳои (параметрҳои) асосии иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ва шароити зиндагонии аҳолии минтақа фаҳмидан лозим аст. Минтақа низоми мураккаб ва гуногунҷабҳа аст, бинобар ин, вобастагии байни унсурҳои онро бо вазифаҳои оддӣ тавсиф кардан мумкин нест, зеро ҳаёти ҷамъият, чун анъана, бо равандҳои ғайрихаттӣ тавсиф карда

мешавад. Ҷанбаи такрористеҳсолӣ дар омӯзиши равандҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо муҳим аст. Муҳимтарин нуктаҳои назарияи такрористеҳсолии минтақа аз инҳо иборатанд:

«1) раванди такрористеҳсолии минтақа, аз як тараф, зернизоми такрористеҳсолии миллӣ бошад, аз тарафи дигар, равандҳои фардии такрористеҳсолиро дар сатҳи корхонаҳо муттаҳид намуда, онҳоро ғанӣ гардонида, барои тараққиёти ҳамаҷонибаи иқтисодиёти минтақа шароит фароҳам меоварад;

2) тараққиёти иҷтимоию иқтисодии низомҳои минтақавӣ мувофиқи қонунҳои такрористеҳсолии васеъ ба амал бароварда мешавад;

3) иқтисодиёти минтақа ҳамчун низоми субъектҳои ба ҳамдигар алоқаманд - корхонаю ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият, ки дар байни онҳо алоқаҳои моддию молиявӣ ва ахборотӣ ба технологияи истеҳсолот ва муомилот асос ёфтаанд, ба ҳисоб меравад;

4) раванди такрористеҳсолии минтақа ҳамаи давраҳои тақрористеҳсоли ҷамъиятиро (истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмолот) фаро мегирад.

Дар баробари ин, равандҳои такрористеҳсолӣ хусусиятҳое доранд, ки бо фарқиятҳои муайян дар минтақаҳо алоқаманданд. Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ чунин вобастагӣ муқаррар карда шудааст: иқтидори истеҳсолии ҳудудии минтақа ҳар қадар зиёд бошад, вазифаҳои такрористеҳсолии он ҳамон қадар васеъ ва самарабахштар мегардад» [82].

Илова бар ин, «...назарияи «қутбҳои афзоиш»-ро қайд кардан лозим аст, ки нуқтаи ибтидоии он «самараи ҳукмронӣ» ҳисобида мешавад, ки ба қутбшавии истеҳсолот дар атрофи як соҳаи муайян (қутби афзоиш) оварда мерасонад, ки дар он воҳидҳои иқтисодӣ ҳамчун қисмҳои ягона (макровоҳид) амал мекунанд» [75].

Ҳамин тариқ, ғояи қутбҳои афзоиш ба ғояи нақши пешбарандаи сохтори соҳавии иқтисодиёт ва пеш аз ҳама, бахшҳои пешбарандаи молу хизматрасониҳои нав асос ёфтааст. Он марказҳо ва минтақаҳои фазои

иқтисодӣ, ки дар онҳо корхонаҳои бахшҳои пешбар ҷойгир шудаанд, қутби ҷалби омилҳои истеҳсолӣ мешаванд, зеро истифодаи самараноки онҳоро таъмин мекунанд. Ин боиси тамаркузи корхонаҳо ва ташаккули қутбҳои рушди иқтисодӣ мегардад [45].

Дар асоси назарияи рушди қутбӣ консепсияи «ядрои иқтисодӣ» ба вуҷуд омадааст. Мафҳуми «ядрои иқтисодӣ» ҳамчун маҷмуи «қутбҳои рушд» фаҳмида мешавад, ки махсусан дар шароити гузариш аз як ҳолати нисбатан устувор ба ҳолати дигар аҳаммияти калидӣ пайдо мекунанд [68]. Дар ин маврид нақши асосии иқтисодӣ, одатан ба марказҳои минтақавӣ ва ё агломератсияҳои аз ҷиҳати саноат тараққикардаи калони шаҳрӣ гузошта мешавад.

Дар миёнаҳои асри XX назарияи паҳншавии (диффузия) ҳудудии инноватсияҳо маъруфияти зиёд пайдо карда, се намуди тақсимоти навовариҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, маҳсулотӣ, технологӣ ва иҷтимоиро пешбинӣ мекунад:

«1) паҳншавии ҳаракат ба самти муайян;

2) паҳншавии тақсимоти (парокандашавии) навовариҳо дар самтҳои гуногун аз нуқтаи пайдоиш;

3) навъи омехтаи паҳншавии фазоӣ» [149].

Ин назария таъкид мекунад, ки паҳншавии самараноки инноватсияҳо воситаи тавонои рушди минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир назарияи мутобиқшавӣ (теория адаптивности) ба шароити ҷомеаи пасоиндустриалӣ таваҷҷуҳи хоси ҷаҳони мутамаддинро ҷалб кардааст. Дар марҳилаи пасоиндустриалӣ соҳаҳои асосӣ, ки ба онҳо рушди иқтисодӣ асос ёфтааст, соҳаҳои истеҳсолоти ғайримоддӣ, ба монанди илм, маориф, савдо, молия, суғурта, тандурустӣ ва ғайра дохил мегарданд. «Хусусиятҳои хоси ҷамъияти пасоиндустриалӣ – ин камшавии нисбии истеҳсоли маҳсулот ва нисбатан афзудани истеҳсоли хизматрасонӣ, баланд шудани дараҷаи тахассусмандии кормандон, тезонидани ҷараёни ҷаҳоникунии истеҳсолот арзёбӣ мегардад» [41].

Боз як нуқтаи назари илмии барои мамлакати мо хосбуда – ин азнавсозии сохторӣ мебошад ва пеш аз ҳама, он ба иқтисодиёти минтақаҳо аҳаммияти калон дорад. «Иқтисодиёти минтақавӣ низоми субъектҳои хоҷагидории мутақобила - корхонаҳо ва ташкилотҳои шаклҳои моликияташон мухталиф мебошад, ки дар байни онҳо робита ва муносибатҳои иқтисодӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва дигар муносибатҳо мавҷуданд, ки дорои аҳаммияти муайяни ҳудудӣ мебошанд» [123, с.38]. Иқтисодиёти ҳар як минтақа мисли ҳама гуна низоми мураккаб бо мавҷудияти вазифаҳои мушаххас ва сохтори беназир хос аст. Иқтисодиёти минтақавӣ хусусияти бисёрсоҳавӣ, бисёрзинагӣ ва бисёрҷанбаи фаъолият дорад, бинобар ин, тақсимоти он аз лиҳози қисмҳои асосӣ метавонад гуногун бошад. Ин гуногунрангӣ аксар вақт номувофиқатии муайян кардани сохтори иқтисодии минтақаро шарҳ медиҳад.

Сохтори иқтисодиёти минтақаро чун маҷмуи ҷузъҳои маҳаллӣ (қисмҳо, унсурҳо) ва вобастагии ҳамаи намудҳои фаъолият, ки бо низоми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва тақсими он ба соҳаҳои дахлдор муайян карда мешавад, баён кардан мумкин аст. Сохтори иқтисодиёти минтақа яке аз омилҳои муҳимтаринест, ки фаъолият ва рушди босамари минтақаро дар шароити муосир муайян мекунад. Дар навбати худ, азнавсозии сохтории иқтисодиёти минтақа, ки мувофиқи талаботи имрӯзаи бозор (ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ) ва зарурати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба амал баровarда мешавад, маънои марҳилаи нави рушдро дар минтақа пайдо хоҳад кард. Он метавонад барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои такрористеҳсолот, ташаккули қутбҳои афзоиш, фаъолсозӣ ва паҳн кардани инноватсия, беҳтар кардани шароити рушди маҳаллӣ ва пеш рафтан ба бунёди ҷомеаи пасоиндустриалӣ дар минтақаҳо хидмат кунад.

Инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти минтақа мавқеи муҳимро ишғол менамояд, зеро унсурҳои ин инфрасохтор шароит ва дараҷаи зисти ҷамъиятро таъмин мекунад. Инфрасохтори иҷтимоӣ зернизоми

иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, зеро дар сатҳи он хизматрасонии низомии хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба вуҷуд меояд.

Ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ маҳз дар асоси мавҷудияти механизмҳои муайяни ташкилӣ-иқтисодӣ сурат мегирад, зеро бе истифодаи механизмҳои мушаххас рушди инфрасохтор алалхусус, рушди иқтисодиёти минтақаро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бо назардошти вазъи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳудудҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ зарурати такомули механизмҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба масъалаи хеле мубрам табдил гаштааст. Зеро омода намудани сармояи инсонӣ, рушди фаъолияти соҳаҳо ва объектҳои мухталиф дар минтақаҳо, самаранокии такрористеҳсолот ба сатҳи инкишофи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагии мустақим дорад.

«Аксарияти муҳаққиқон ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба афзорҳо, усулҳо ва омилҳои таъсиррасони он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд, вале ба масъалаи таъмини механизми ташкилӣ-иқтисодии он диққати зарурӣ намедиҳанд» [91, с.89-95]. Бинобар ин, ба мо зарурият пайдо шуд, ки дар таҳқиқи диссертатсия ба он аҳаммияти аввалиндараҷа диҳем.

Назарияи механизмҳо мавҷудияти низоми унсурҳоро пешбинӣ мекунад, ки дар он ҳаракати як ё якчанд ҷузъҳои пешбар ҳаракати тамоми низомро ба вуҷуд меорад ё тағйир медиҳад. Дар доираи илмҳои иқтисодӣ назарияи механизмҳо танҳо дар миёнаҳои асри XX инкишоф ёфт ва иқтисоддонҳои хориҷиву ватанӣ бинобар тафовути низомҳои иҷтимоӣ масъалаи истифодаи назарияи механизмҳоро дар иқтисодиёт бо роҳҳои гуногун ҳал мекарданд.

Дар илми иқтисодиёт солҳои 1960 Л.И. Абалкин мафҳуми «...механизми хоҷагидориро ворид намуд, ки онро, аз як тараф, чун роҳҳои ташкили истеҳсоли ҷамъиятӣ бо шаклҳову усулҳои ба он хос, ҳавасмандии иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мефаҳмид, аз тарафи дигар,

чун усулҳои хоҷагидорие, ки дар амалияи хоҷагидорӣ татбиқи бошууронаи муносибатҳои истеҳсолиро ифода мекард, дарк менамуд» [33].

Дар Ғарб консепсияи механизми иқтисодиро Л. Гурвитс пешниҳод кардааст, ки: «Механизмҳои бозории ғайримарказиро тавассути таҳлили расмии робитаи мутақобилаи субъектҳо дар ҳолати мавҷудияти иттилооти асимметрӣ омӯхтан мумкин аст» [93, с.12-16]. Ба ақидаи Л. Гурвитс, механизми иқтисодӣ маҷмуи интихоби субъектҳои иқтисодӣ ва натиҷаҳои вобаста ба ҳар яке аз ин интихобҳоро муайян мекунад.

Айни замон тафсири ягонаи моҳияти механизми ташкилӣ-иқтисодӣ вуҷуд надорад. Яке аз сабабҳояш дар он аст, ки ин мафҳум ба ҳам пайвастани лаҳзаҳои объективӣ ва субъективии инкишофи муносибатҳои истеҳсолию худи истеҳсолотро дарбар мегирад. Дар давраи низоми маъмурӣ - нақшавӣ дар кори механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, ки ба он вазифаҳои хоҷагидории «иҷрокунанда» гузошта шуда буд, унсурҳои субъективӣ бартарӣ доштанд. Дар замони сотсиализм таърифи умумии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ҳамчун «маҷмуи шаклҳои такрористеҳсолоти васеи сотсиалистӣ» вуҷуд дошт. Ин механизм ҳамчунин «ифодаи ҳамкории шахсоне, ки дар корхонаву идораҳо ташкил карда шуда буданд» [115, с.86] ҳисоб карда мешуд. Дар таърифи мазкур мундариҷаи шаклҳои таъсири мутақобилаи субъектҳои механизми ташкилӣ-иқтисодӣ вуҷуд надорад.

Дар асарҳои мухталифи илмӣ мазмуну моҳияти механизми ташкилӣ-иқтисодӣ аз нуқтаи назари олимони соҳа ба таври гуногун шарҳ дода шудааст, ки ба таври мухтасар онро дар ҷадвали 1.3. низомбандӣ намудем

**Ҷадвали 1.3. - Мазмун ва моҳияти таҳқиқи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ**

| Муаллиф | Мундариҷа |
|---|---|
| Букреев А.М. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин маҷмуи шакл ва усулҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки дар сатҳи микро ва макро ҳамчун низоми ягонаи ҳама намуди фаъолият алоқаманд карда мешавад» [38]. |

*Идомаи ҷадвали 1.3.*

| | |
|---|---|
| Довгань Л. Е. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин маҷмуи фишангҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ (ба ҳар яке шаклҳои таъсири иқтисодӣ ва ташкилии низоми идоракунии корхона хосанд), ки ба параметрҳои иқтисодӣ ва ташкилии низоми идоракунии корхона таъсир расонида, ба ташаккул ва афзоиши нерӯи иқтисодӣ-ташкилии корхона, ба даст овардани бартариҳои рақобатпазирӣ ва дар маҷмуъ, самаранокии фаъолияти корхона мусоидат мекунад» [170] . |
| Астапова Г. В. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин низоми унсурҳои ташкилӣ-иқтисодии ба равандҳои иқтисодӣ таъсиррасон мебошад» [34]. |
| Гончарук А.Г. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин низоми усулҳо, амалҳо, фишангҳо, сохторҳои ташкилӣ ва муносибатҳои онҳо мебошад, ки мундариҷаи раванди идоракуниро муайян мекунанд» [105, с.164-175]. |
| Райзберг Б.А. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмуи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасон ба равандҳои иқтисодӣ ва танзими онҳо ҳисобида мешавад» [71]. |
| Кульман А.А. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмуи олотҳои муайян ё пайдарпаии чорабиниҳои иқтисодиро ифода менамояд» [56]. |
| Милнер, Б. З. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин маҷмуи унсурҳои ташкили раванди қабули қарор, низоми тақсимот ва таъмини захираҳо, роҳҳои асосии таъсиррасон ба объекти идоракунӣ мебошад. Мувофиқи консепсияи баррасишаванда механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунӣ бояд вазифаҳои асосии ноил шудан ба мақсадҳо, таъмини масъулият, ҳамоҳангсозии ҳадафҳо, ҳавасмандгардонии иштирокчиён, тақсимот ва таъминоти захираҳоро иҷро кунад» [61]. |
| Боев В. Р. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ-ин низоми фишангҳо ва афзорҳои иқтисодии бо ҳам алоқаманд мебошад» [103, с.61-64]. |
| Мазлоев В. З. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ин маҷмуи фишангҳо ва усулҳои ба ҳам вобастаи иқтисодии ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот таъсиррасон ҳисоб меёбад» [117, с.37-40]. |
| Шилова Т. А. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ- ин маҷмуи усулҳои ва равишҳоест, ки ба корхона имкони ишғоли мавқеи устувор дар бозор, ҷалби истеъмолгарон ҳангоми амалигардонии мақсади асосии фаъолияти худ медиҳад» [178]. |
| Гриценко Г. М. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ- ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ, фишангҳои нархӣ, молиявӣ-қарзӣ, андозӣ ва дигар фишангҳову ҳавасмандкуниҳо мебошад» [107, с.7-8] . |
| Шарифов З. Р. | «Механизми иқтисодии хоҷагидорӣ бештар ва бевосита ба корхонаҳои амалкунанда дахл дорад ва чунин элементҳои хоҷагидориро дар бар мегирад: банақшагирӣ, молиякунонӣ, ҳисоби хоҷагии тиҷоратӣ, нархгузорӣ, низоми ҳавасмандӣ, таҳлил, назорат, низоми баҳисобгирӣ ва ғайра» [148, с.175-180] |
| Иброҳимзода И. Р. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ҷузъи низоми хоҷагидорӣ дар давраи мушахасси рушди иқтисоди миллии кишвари дилхоҳ ба ҳисоб меравад. Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмуи ду ҷузъи гуногун, вале бо якдигар алоқаманд – ҷузъи ташкилӣ ва қисмати иқтисодиро ташкил мекунад» [112, с.160-168] |

*Идомаи ҷадвали 1.3.*

| | |
|---|---|
| Холиқзода А.Ю. | «Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳияи принсипҳои муассир ва тамсилаи хубтарҳрезишудаи идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пешбинӣ менамояд, ки он раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар бар гирифта, ба ҳалли масъалаҳои умдаи иҷтимоӣ равона карда шудааст» [144, с.178-188] |
| Собирзода Ш.С. | «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ самтҳои гуногуни арзӣ ҳастӣ доранд, аммо миёни онҳо метавон ду самти муҳимро ҷудо намуд: Аввалан, сохтори ташкилӣ, ки дар навбати худ аз ду зернизоми асосӣ иборат аст: а) муҳити институтсионалӣ (маҷмуи меъёрии ҳуқуқӣ); б) худи институтҳо, ки дар ин муҳит фаъолият мекунанд» [134, с.505-511] |
| Умарова С.И. | «Механизми ташкилӣ ва иқтисодиро ҳамчун маҷмуи воситаҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ ба мавзуи субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар самти ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор тавассути қабули қарорҳои мушаххас фаҳмидан мумкин аст» [163, с.15] |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар доираи адабиёти дастрасшуда

«Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ назар ба механизми хоҷагидорӣ мафҳуми маҳдудтар арзёбӣ мегардад, ки низоми идоракуниро аз мавқеи фаъолияти он, инчунин аз нуқтаи назари ташкили равандҳои идоракунӣ ва усулҳои таъсиррасонӣ ба объект ошкор менамояд» [133, с.88-92].

Дар адабиёти илмӣ муносибати ягона барои муайян кардани механизми ташкилӣ-иқтисодӣ вуҷуд надорад. Як қатор муаллифон ба худи раванд таваҷҷуҳ мекунанд, дигарон ба усулу воситаҳои таъсиррасони он аҳамият медиҳанд, як гурӯҳ ба муносибатҳое, ки дар ин раванд ба миён меоянд диққатро мутамарказ месозанд, боқимондаҳо бошанд ҳамаи инро дар як низом мепайванданд. Ба назари мо дурусттар аст, ки равиши маҷмуиро дар таҳияи мафҳуми механизми номбаршуда истифода намоем, ки мувофиқи он «механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа низоми мураккаби воситаву афзор ва фишангҳо мебошад, ки тавассути он дар доираи ҳудудҳои муайяни маъмурӣ барои фаъолияти соҳаҳое, ки дар инкишоф ва баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ иштироки бевосита доранд, шароити мусоид фароҳам оварда мешавад».

Ҳангоми ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва унсурҳои асосии он бояд инҳо муайян карда шаванд:

«- мақсад, вазифа ва принсипҳои амалигардонии механизм;

- шароит ва омилҳои амалигардонии он;

- таркиби субъект ва объектҳои механизм;

- усул, роҳ ва афзорҳои таъсиррасон;

- натиҷаи амалишавии механизм ва низоми мониторинги он» [72].

Дар натиҷаи низомбандии (ҷадв. 1.3.) ақидаи олимони гуногуни хориҷиву ватанӣ оид ба таҳқиқи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ чунин нишонаҳои категорияро қайд кардан мумкин аст:

«- хусусияти низомии таъсири мутақобилаи унсурҳо, ки мураккабии сохторӣ ва ҷараёнии онҳоро дар назар дорад, мутақобилан пурранамоӣ ва мустаҳкамкунии натиҷаи истифодаи ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин, дар маҷмуъ, дар робита ба ташаккули имконияти идоракунии фаъолияти сохтор;

- ягонагии ҷузъҳои сохторӣ ва равандии категория, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи мунтазами унсурҳои механизм, бо зарурати истифодаи ҳар як восита, усул ва роҳҳои таъмини фаъолияти корхона ҳамчун яке аз унсурҳои маҷмуи умумии онҳо муайян карда мешавад, ки сохтори худро дорад ва ҳар як унсури он ҷои худро дорад ва ҳадафи мушаххаси функсионалиро амалӣ мекунад;

- мавҷудияти функсияи мақсаднок, ки зарурати истифодаи маҷмуи воситаҳои ташкилию иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафи дар назди корхона гузошташударо дар назар дорад;

- тамаркузи функсионалии таъсири мутақобилаи унсурҳо барои таъмини натиҷаи мушаххас дар фаъолияти соҳаҳо;

- мундариҷаи бисёрҷанба, ки дар натиҷаи зарурати истифодаи доираи васеи усулҳои ташкилӣ (ташкилӣ-маъмурӣ, ташкилӣ-тақсимотӣ) ва иқтисодӣ (ҳавасмандгардонии моддӣ, санксияҳо, маблағгузорӣ, қарздиҳӣ ва ғ.) ташаккул ёфтааст» [169] (расми 1.1.).




**Расми 1.1. - Зуҳуроти ҳаракати унсурҳои механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар заминаи инфрасохтори иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои дастрасшуда

Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дорои хусусияти низомманди таъсири мутақобилаи унсурҳо буда, маҷмаавӣ будани раванди сохтории онро ифода менамояд. Ҳамзамон ягонагии ҷузъҳои сохторӣ ва равандии категорияи мазкурро, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи унсурҳои механизм тавассути восита, усул ва роҳҳои таъмин бахри ноил шудан ба ҳадафи корхона истифода бурда мешавад, дар назар дорад.

Тибқи низомбандии ақидаи олимон ватанӣ ва хориҷӣ унсурҳои таркибии механизми ташкилӣ-иқтисодиро чунин инъикос намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.4. - Усулҳо ва афзорҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

| Усулҳои таъсиррасон | Афзорҳо | Мақсад ва вазифа |
|---|---|---|
| **Молиявӣ-иқтисодӣ** | Маблағгузории буҷетӣ (субсидия, дотатсия); сармоягузорӣ; сиёсати иҷтимоӣ, суғурта, қарздиҳӣ, нархгузорӣ ва тарофа | - дастрасии воқеӣ ва иқтисодии инфрасохтор;<br>- мутақилияти соҳа дар таъмини хизматрасониҳо;<br>- рушди самаранокии фаъолияти субъектони инфрасохтор;<br>- афзоиши воқеии даромади аҳолӣ;<br>- баланд гаштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ; |
| **Ташкилӣ-маъмурӣ** | Банақшагирии мақсадноки барномавии лоиҳасозӣ | |

*Идомаи ҷадвали 1.4.*

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳуқуқӣ-меъёрӣ** | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатӣ ва маҳаллӣ, барномаҳои давлатӣ, консепсия ва стратегияҳо | - ташаккули фарҳанги баланди аҳолӣ оид ба тарзи ҳаёти солим;<br>- таъмини истеъмоли хизматрасониҳо ба табақаҳои поёнии аҳолӣ;<br>- оптималгардонии муносибат байни сохторҳои инфрасохтор;<br>- таъмини бехатарӣ ва сифати баланди маҳсулоти озуқа;<br>- таҷдиди пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва технологӣ ва ғ. |
| **Иттилоотӣ-машваратӣ** | Захираҳои махсусгардонидаи иттилоотӣ | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо.

«Шаклҳои трансформатсионии инфрасохтор вазифаҳоро оид ба хизматрасонии сармояи инсонӣ, техникӣ ва табиӣ дар раванди истеҳсоли маҳсулот иҷро мекунад ва мувофиқан ба ин гурӯҳ инфрасохторҳои иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва табиӣ дохил мешаванд, ки онҳо байни ҳамдигар алоқаманд буда, ба рушди устувор ва бехатарии иқтисодиёт ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақа таъсири бевосита мерасонанд» [72].

Қонуниятҳои рушди табодули инфрасохтор ва шаклҳои он бо тавассути низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва хусусияти раванди такрористеҳсолӣ дар минтақа муайян карда мешавад. Давраи ибтидоии рушди иқтидори иҷтимоиву иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва хоҷагидории ҳамаи ҳудудҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ куллан тафовут дошт. Бинобар ин, мавқеъ ва ҳиссаи ҳаҷми истеҳсолоти ҳудудҳо фардӣ буд, ки хусусиятҳои минтақавии инфрасохторро муайян мекунад.

Инфрасохтори иҷтимоӣ нақши муҳимро дар низоми такрористеҳсолии минтақа дорад, зеро он маҷмуи ниҳодҳо ва намудҳои фаъолияте мебошад, ки ҳадафи вазифавии онҳо дар низоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар истеҳсол ва фурӯши хизматрасонӣ ва неъматҳои маънавӣ ба аҳолӣ ифода ёфта, шароити умумии фаъолияти самараноки меҳнатии инсон ва инкишофи мутаносиби шахсиятро фароҳам меорад; дуюм, инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи ҳудудҳо ва

соҳаҳо мебошад, ки барои ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ шароит муҳайё мекунад.

Тибқи таснифоти пешниҳоднамудаи муаллифони гуногун гуфтан мумкин аст, ки дар таркиби инфрасохтори иҷтимоӣ омезиши хоси унсурҳои таркибии он, ба монанди соҳаҳо, ниҳодҳо ва намудҳои фаъолияти вазифавӣ мавҷуд аст. Зеро онҳо вобаста ба мазмун ва мундариҷа вазифаҳоеро иҷро мекунанд, ки ба фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда, таъмини таҷдиди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст.

Ҳадаф ва вазифаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз рӯи хусусиятҳои низомии инфрасохтор (сохтори мураккаб, гуногунҷанба, гуногунсоҳа) ташкили онро муайян мекунад, ки бояд вобаста ба миқёси фазо ва вақт мушаххас карда шавад.

## 1.2. Равияҳои арзёбии самаранокии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳадафи ташаккули иқтисодиву инноватсионӣ ва рақамиро ба рисолати аввалиндараҷа гузошта истодааст. Дар амал татбиқ намудани ин ҳадаф бевосита аз сармояи инсонӣ вобаста аст. Сармояи инсонӣ ин эҷёкунандаи техника ва технологияҳои инноватсионӣ ва идоракунии он мебошад. Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ба вазифаи стратегии давлат мубаддал гардидааст, зеро он аз вазъи инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, механизми ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба таври объективӣ ва мутобиқатии он ба шароити муосир арзёбӣ гардад. Барои арзёбии механизми ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтории иҷтимоӣ аз маҷмуи усул, услубу равиш ва принсипҳо истифода бурдан мумкин аст. Бинобар ин, моро зарур аст, ки оид ба асосҳои методии арзёбии вазъи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ таҳқиқоти махсус гузаронем. Қабл аз

баррасии услубҳои зарурӣ ду нуқтаро оид ба принсипҳое, ки дар ҷараёни арзёбӣ такя карда мешаванд, муайян менамоем.

Боиси қайд аст, ки номгӯи принсипҳои арзёбӣ хеле зиёданд, ки онро ба таври схемавӣ чунин инъикос кардан мумкин аст (расми 1.2).




**Расми 1.2. - Принсипҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [72, 78, 157]

Шарҳи мухтасари принсипҳои зикршударо ба таври мухтасар дида мебароем.

Принсипҳои ташкилии инфрасохтори иҷтимоӣ.

«1. Сохтори соҳавии инфрасохтори иҷтимоӣ.

2. Таснифи унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста ба дараҷаи мутобиқшавӣ ба муносибатҳои бозорӣ.

3. Муайянкунии ҳудудии инфрасохтори иҷтимоӣ, ки бо тобовар будани он ба тағйирёбии таносуби ҳудудии такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ ва миқёси тамаркузи фазоӣ, пеш аз ҳама, ба шумораи аҳолӣ ва низоми аҳолинишинии минтақаҳои мушаххас вобаста аст.

4. Ташкили дараҷавии инфрасохтори иҷтимоӣ.

5. Полиморфизми моликият ва омезиши субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар инфрасохтори иҷтимоӣ.

6. Бартарии тиҷорати хурд дар инфрасохтори иҷтимоӣ.

7. Мушаххасоти муваққатии инфрасохтори иҷтимоӣ» [78].

Принсипҳои иқтисодии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ инҳоянд:

«1. Самаранокӣ.

2. Робитаи мутақобилаи сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтакавӣ ва низоми иқтисодии минтақа.

3. Татбиқи қонуни сарфаи вақт.

4. Ҳалли муаммоҳои шуғл ва даромади аҳолӣ.

5. Барҳам додани нобаробарии даромад дар байни аҳолӣ» [78].

Шартҳои асосии фаъолияти механизми ташкилӣ-иқтисодиро бояд қайд кардан лозим аст, ки риояи онҳо дар вақти фаъолияти механизм бояд таъмин карда шаванд:

- мутобиқшавии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ;
- риояи қатъии принсипҳои қонуниятҳои асосии иқтисодӣ;
- таҳлили низомии равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дар асоси он ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа;
- таъмини манфиатҳои ҷамъиятиву шахсӣ дар натиҷаи муайян кардани тамоюлҳои рушди онҳо;
- таъмини амалигардонии унсурҳои механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар ҳама зинаҳои истеҳсолот;
- таъмини иттилоотии ташаккул ва амалигардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии хоҷагидорӣ.

Риояи шартҳои мазкур бояд иҷрои вазифаҳои асосии механизми ташкилӣ-иқтисодиро таъмин намояд, ба монанди афзоиши самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда, кор ва хизматрасонӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидор; ба амал баровардани ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ба замин ва дигар воситаҳои истеҳсолот, баланд бардоштани шавқу ҳаваси кормандон ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодиёти корхона, таъмини босифати пояи моддию техникӣ.

Арзёбии вазъи инфрасохтори иҷтимоии минтақа барои банақшагирии босалоҳияти рушди он ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар ин соҳа муҳим аст. Унсурҳои асосӣ блокҳои таъминии инфрасохторро дар бар мегиранд, ки дар маҷмуъ ба қонеъ гардонидани низоми талаботи ҷомеа ва алалхусус, фардҳои он нигаронида шудаанд. Дуввум, тадқиқот дар ин самт таҳқиқоти иловагии илмиро аз ҷиҳати васеъ намудани ҳудуди инфрасохтори иҷтимоии минтақавӣ ба маънои анъанавии он тақозо мекунад. Саввум, бояд чунин таъминоти методии арзёбиро таҳия кардан лозим аст, ки мутобиқати ин намуди инфрасохторро ба шароити динамикии рушди устувори иқтисоди минтақа ба инобат гирад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ мавҷуд набудани методикаи ягонаи мукаммали арзёбиро нишон дод ва имкон дод, ки равишҳои асосии андозагирии сатҳи таъмини инфрасохтор дар минтақа муайян карда шаванд. Дар ҷавали 1.5. равияҳои методии арзёбии самаранокии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.5. - Равияҳои методии арзёбии самаранокии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

| |
|---|
| ***Равиши низомӣ*** - самти методологияи донишҳои илмӣ ва амалияи иҷтимоӣ, ки ба омӯзиши минтақа ҳамчун низом, роҳҳои тавсиф ва рушди он, инчунин маҷмуи принсипҳои низомӣ асос ёфтааст. |
| ***Равиши иерархӣ***- ин яке аз роҳҳои ташкил ва идоракунӣ дар минтақа мебошад, ки дар он унсурҳо ё ҷузъҳои низом, вобаста ба сатҳи дақиқи тобеъ ва муносибатҳои муайяни тобовар аз баландтарин то пасстарин ҷойгиранд. Ин равиш тақсими низоми мураккабро дар минтақа ба зернизомҳо ва сатҳҳое, ки ҳар зина вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунад, дар назар дорад |

| |
|---|
| ***Равиши сохторӣ*** - тарзи таҳлил ё омӯзиши минтақа ҳамчун низом, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, мебошад. |
| ***Равиши функсионалӣ*** – ин усули баррасии минтақа (низом, раванд, падидаҳо) тавассути призмаи вазифаҳои он ва муносибати ин функсияҳо мебошад. |
| ***Равиши маҷмуавӣ-*** ин яке аз роҳҳои гузаронидани таҳқиқот (дар марҳилаҳои аввал) ва фаъолияти амалӣ дар минтақа тавассути таҳияи маҷмуи функсияҳо, роҳҳо, ва усулҳо оид ба ноил шудан ба натиҷаи банақшагирифташуда маҳсуб меёбад. |
| ***Равиши ҳолатӣ-*** ин омӯзиши фаврии минтақа бо назардошти вазъияти воқеии баамаломада ва гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар асоси расмиётҳои афзалиятноки таҳқиқ |
| ***Равиши диалектикӣ*** – дар минтақа дар асоси усулҳои таҳқиқотӣ, ки эҳтимолияти тақсим ё якҷоякунии қисматҳо ба статикӣ ва динамикӣ, асосӣ ва иловагӣ зоҳир карда мешавад, амалӣ карда мешавад |
| ***Равиши рефлексивӣ*** – ба истифодаи маълумотҳои дастрас ва ба низом даровардашудаи муҳити беруна ва дохилаи объекти таҳқиқот (минтақа) асос ёфтааст. |
| ***Равиши ҷараёнӣ*** тавассути як қатор амалҳои доимии пайваста дар ҳудуди минтақа барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар омӯзиш анҷом дода мешавад |
| ***Равиши барномавӣ-*** ин механизми идоракунии минтақавӣ мебошад, ки ба қабули қарорҳои имконпазири истифодаи самарабахши захираҳо мусоидат мекунад, ки имкон медиҳад ҳадафҳои алтернативӣ ва оқибатҳои вазифаҳое, ки бе механизм муқоиса кардан номумкин аст, хизмат намояд. |
| ***Равиши лоиҳавӣ*** – ин методикаи расмӣ - идоравие, ки дар он лоиҳаҳои мухталиф ба нақша гирифта шудаанд ва ҳамчун раванди такрорӣ, пайдарпай ва андозагирӣ дар минтақаҳо иҷро карда мешаванд |
| ***Равиши такрористеҳсолӣ-*** ин таҳлили ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар ҳар зинаи такрористеҳсолот «истеҳсолот-мубодила-тақсимот-истеъмолот» дар минтақа ба ҳисоб рафта, имкони баррасии инфрасохторро оид ба ташаккул, рушд ва истифодаи сармояи инсонӣ медиҳад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Зарурати омӯзиши равияҳо аз он вобаста аст, истифодаи имконпазирии онҳо барои арзёбии инфрасохтори иҷтимоӣ бо назардошти мутобиқгаронӣ ва такмили минбаъда нигаронида шудааст.

Дар байни равишҳои зикршуда дар таҳлил ва баҳодиҳии сатҳи тараққиёт самараноктаринаш равиши низомӣ ба шумор меравад [143, с.79-93]. Ин равишҳо, аз ҷумла, дар корҳои илмие истифода шудаанд, ки ба арзёбии таъсири рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бахшида шудаанд. Дар ин маврид асарҳои Тихонова Е.А., Королева Н.Н., Тернових К.С., Торопушина Е.Е., Бойко Н.В. ва дигаронро мисол овардан мумкин аст. «Ҷанбаи муҳимми омӯзиши инфрасохтори иҷтимоӣ арзёбии сатҳи инкишофи он барои низомҳои мухталифи ҳудудӣ (ба монанди, минтақа, маҳал, деҳот ва ғайра) ба шумор меравад ва аксарияти чунин тадқиқотҳо ба истифодаи усули шохисӣ асос ёфтаанд» [125, с.56-64].

Равиши низомӣ маъмултарин аст, ки мувофиқи он инфрасохторро метавон аз нуқтаи назари маҷмуи ҷудонашавандаи унсурҳои таркибӣ ва зернизомҳои он бо назардошти робитаҳои дохилӣ ва муҳити берунӣ баррасӣ кард. Ҳамин тариқ, Т.Г. Храмсова ва А.С. Корнеева «дар тадқиқоти худ ба равиши низомӣ такя намуда, арзёбии бисёрҷанбаи таъмини минтақаҳоро бо иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ пешниҳод кардаанд» [146, с.36-47].

Нуқтаи ибтидоии татбиқи равиши низомӣ ҳангоми интихоби методикаи арзёбӣ ҷанбаҳои моҳияти худи объекти тадқиқот мебошад. Аз нуқтаи назари муаллифон, инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳоест, ки дар дастгирии методикаи пешниҳодшуда такрор карда шудаанд. Ба низоми нишондодҳои пешниҳодшуда нишондиҳандаҳое ворид мегарданд, ки ин имкон медиҳад, сатҳи таъмини минтақа бо ташкилоту муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг, хизматрасонии нақлиётӣ ва ғайра баҳо дода шаванд. Як қатор муаллифон ҳангоми омӯзиши инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии минтақа ба равиши низомӣ такя намуда, онро ҳамчун низоме баррасӣ мекунанд, ки ҷузъҳои иҷтимоию демографӣ ва истеҳсолӣ-ҳудудиро дар бар мегирад.

Низомбандии мавқеъҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ имкон медиҳад, ки оид ба монанд будани мулоҳизаҳои илмӣ доир ба унсурҳои асосии моддӣ, сохтор, равиш, усул, шаклҳои ташкил ва зуҳуроти он дар инфрасохтори иҷтимоӣ сухан ронем.

Чӣ хеле ки қаблан қайд карда будем, дар айни замон вазифаи асосии таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ҳифз ва ҷамъ овардани сармояи инсонӣ мебошад. Дар баробари ин, яке аз омилҳои муҳимми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бунёд ва рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои кишвар маҳсуб меёбад.

Масъалаҳои нигоҳдорӣ ва инкишоф додани механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини идораи давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин бобат, субъектони минтақавӣ нақши калон доранд. Дараҷаи баланди тафриқаи имрӯзаи

бисёр нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳияи қарорҳои муассири Ҳукуматро дар доираи баробарсозии сатҳи рушди минтақаҳо тақозо менамояд. Дар ин хусус, ба мақсад мувофиқ аст, ки ҷиҳатҳои асосии инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ ва субъектони он дар соҳаҳои асосии инфрасохтори иҷтимоӣ таҳлил карда шаванд.

Дар доираи таҳқиқи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ гуруҳбандии нишондиҳандаҳои тавсифии рушди он мувофиқи мақсад аст (расми 1.3.).




**Расми 1.3. - Нишондиҳандаҳои тавсифи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [146, с.36-47]

Дараҷаи баланди рушди соҳаи маориф имрӯз яке аз шартҳои муҳимми бунёд ва ҷамъоварии сармояи инсонӣ дар кишвар мебошад. Дар баробари ин, сифат ва дастрасии таълим сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян намуда, ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти имруза ба ҳисоб меравад.

Яке аз унсурҳои муҳимми инфрасохтори иҷтимоӣ низоми тандурустӣ мебошад. Дар байни тадбирҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат нигоҳдорӣ ва ҳифзи саломатии ҷомеа дар мадди аввал қарор дорад.

Фарҳанг ва варзиш низ аз ҷузъҳои муҳимми инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳисоб меёбанд. Сиёсати давлатие, ки ба нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солими аҳолӣ ва рушди ҷомеаи созанда ва ҳамаҷониба нигаронида шудааст, тадбирҳои сохтмон ва нигоҳдории иншооти гуногуни варзишӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Шароити манзилии аҳолӣ, зиндагии бардавом, таъмин намудани хизматрасонии зарурии манзилию коммуналӣ дар ҳаёти ҷамъият мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ҳамин тариқ, сохтмони манзил, таъмини мавҷудияти он, нигоҳдории хоҷагии манзилию коммуналӣ унсурҳои зарурии сохтории рушди инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд.

Дар баробари омӯзиши равишу принсипҳои появии ташаккули механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва нишондиҳандаҳои тавсифии онҳо, аз ҷониби мо, як қатор усулҳое, ки ба таҳқиқоти илмӣ мутааллиқанд, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуданд.

Масалан, муҳаққиқони рус Е.А.Алпеева, Н.П. Молчанова ва А.А. Сисоев барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа методикаи худро пешниҳод намудаанд. Қайд кардаанд, ки: «таъминоти методии идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба таври возеҳ сохторбандӣ шуда, ба заминаҳои мавҷуда дар соҳаи таҳқиқи ин масъала асос ёбанд, ки муқаррароти он инҳоянд» [151, с.78-86]:

1. Муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети омӯзиши инфрасохтори иҷтимоии минтақа.

2. Интихоби усули арзёбӣ.

3. Ташаккули низоми нишондиҳандаҳои арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа.

4. Ташаккули базаи иттилоотии омӯзиш, ҷамъоварӣ ва коркарди ибтидоии иттилоот.

5. Санҷиши таъминоти методи пешниҳодшуда.

6. Тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки аз муайян намудани хусусиятҳои ҳудудӣ ва тамоюлҳои замонӣ, инчунин таҳлили муқоисавии минтақаҳо аз рӯи дараҷаи инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ бо имконияти типологияи минбаъда.

7. Таҳияи тавсияҳои амалӣ дар самти идоракунии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа.

Тибқи методикаи пешниҳодшуда барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ гурӯҳи нишондиҳандаҳои тавсифдиҳанда дар 8 блок низомбандӣ шуда, сипас, нишондиҳандаи интегралии он ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 1.6.).

**Ҷадвали 1.6. - Нишондиҳандаҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

| Блок | Нишондиҳанда |
|---|---|
| Тандурустӣ $X_1 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{4}$ | $X_{1.1}$- шумораи беморхонаҳо; $X_{1.2}$-шумораи кати беморхонаҳо; $X_{1.3}$- шумораи муассисаҳои тиббии амбулаторӣ-дармонбахшӣ; $X_{1.4}$- шумораи хонаҳои тиббӣ. |
| Маориф $X_2 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{4}$ | $X_{2.1}$-шумораи умумии муассисаҳои таълимӣ; $X_{2.2}$- шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ; $X_{2.3}$- шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; $X_{2.4}$- шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| Сайёҳӣ $X_3 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{4}$ | $X_{3.1}$- шумораи ширкатҳои сайёҳӣ; $X_{3.2}$- шумораи лагерҳои кудакон; $X_{3.3}$- шумораи муассисаҳои истироҳатӣ ва марказҳои сайёҳӣ; $X_{3.4}$- шумораи муассисаҳои истиқоматии коллективӣ |
| Фарҳанг $X_4 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{4}$ | $X_{4.1}$- шумораи зиёраткунандагони осорхонаҳо; $X_{4.2}$- шумораи тамошобинони театрҳо ба 1000 нафар аҳолӣ; $X_{4.3}$- шумораи клубҳо; $X_{4.4}$- шумораи хонандагони китобхонаҳо |
| Шароити манзилии аҳолӣ $X_5 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{4}$ | $X_{5.1}$- ҷамъи фонди манзил; $X_{5.2}$- вазни қиёсии фонди манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, фонди кооперативҳои сохтмони манзил; $X_{5.3}$- фонди манзил ба ҳисоби миёна ба ҳар сокин; $X_{5.4}$- фонди манзили дар ихтиёри шахсии шаҳрвандон буда |

| | |
|---|---|
| Нақлиёт<br>$Х_6 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{3}$ | Х6.1- мусофиркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ; Х6.2- таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ; Х6.3- зичии роҳҳои автомобилгарди мумфаршшудаи истифодаи умум |
| Савдо<br>$Х_7 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{3}$ | Х7.1- шумораи корхонаҳои савдои чакана; Х7.2- шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ; Х7.3- шумораи бозорҳо (омехта ва озуқаворӣ); |
| Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ<br>$Х_8 = \frac{\sum_{i=1}^{n} X_n}{3}$ | Х8.1- шумораи умумии нафақахӯрон; Х8.2- шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон; Х8.3- шумораи маъюбоне, ки нафақаи маъюбӣ ва иҷтимоӣ мегиранд. |
| $I_{\text{РИИ}} = \sqrt[i]{\overline{X_i}}$ | Ҳисоби шохиси РИИ минтақа |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин: [151]

Аз нигоҳи муаллифон методикаи таҳияшуда имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа муайян карда шавад, балки ҷиҳатҳои заиф ва қавӣ дар ташаккули он ошкор сохта, самтҳои рушди минбаъдаи соҳаҳое, ки барои ҳар як самти мушаххас афзалият доранд, муайян карда шаванд.

Олими дигар Л.Е.Загребова дар модели худ «арзёбии таъсири рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ба сатҳи зиндагии аҳолӣ пешниҳод намудааст, ки он ба истифодаи қиматҳои интегралии зарибҳои соҳаҳои иҷтимоиро инъикоскунанда асос ёфтааст» [159]. Роҳи ҳисоби ин усул ба тариқи зайл сурат мегирад:

$$y = f(K_1, K_2, K_3 \dots K_n) \qquad (1.1)$$

ки дар ин ҷо, $y$ – сатҳи зисти аҳолӣ;

$K_1$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби вазъи соҳаи маориф;

$K_2$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби соҳаи тандурустӣ;

$K_3$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби соҳаи фарҳанг ва маданият;

$K_4$ то $K_n$- дигар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ба сатҳи зисти аҳолӣ таъсиррасонанда мебошад.

«Ҷиҳати мусбати ин усул дар он аст, ки вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ ҳангоми муайян кардани қимати интегралӣ дар алоҳидагӣ ҳисоб

мешавад. Инчунин, муҳаққиқон метавонанд соҳаи заруриро мустақилона ҳисоб намоянд ва дар арзёбӣ ба мадди назар гиранд. Таснифи нишондиҳандаҳои ин модел дар асоси ҳисоби зарибҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, сайёҳӣ ва ғайраҳо асос ёфтааст. Ҳисоби зарибҳои интегралӣ тибқи методологияи махсус, ки ҳисобкунии ибтидоии нишондиҳандаҳои такроршавандаро ба назар мегирад, иҷро карда мешавад. Дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои Тоҷикистон истифода намудани ин усул қулай ва мусбат арзёбӣ мегардад» [74].

Усули арзёбии дар корҳои Р.В. Фаттахов, М.М. Низамутдинов, В.В. Орешников ва дигарон баррасишударо оид ба рафъи таъсири омили андозагирии нишондиҳандаҳо дар арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа истифода бурдан мумкин аст [142, с.104-118]. Модели мазкур сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва параметрҳои ҳаракати демографии ҷамъиятро инъикос мекунад ва дар асоси формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$Y_i^n = \frac{Y_i - Y_{min}}{Y_{max} - Y_{min}} \qquad (1.2)$$

ки дар ин ҷо, $Y_i^n$- қимати меъёрии нишондиҳанда барои минтақаи і-ум;

$Y_{max}, Y_{min}$- қимати ҳадди аксар ва ҳадди ақали нишондиҳанда барои ҳамаи минтақаҳои баррасишаванда;

$Y_i$- қимати нишондиҳанда барои минтақаи і-ум.

«Ҳангоми истифодаи модели мазкур инфрасохтори иҷтимоии минтақа метавонад ба таркиби омилҳои демографӣ таъсири мухталиф расонад. Вобаста ба ин, ташкили шароити мусоид ба рушди муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақа кафолати афзоиши сатҳи таваллуд ё паст намудани сатҳи фавтро намедиҳад. Ҳангоми пешгӯии шумораи аҳолии ин ё он минтақа таҳлили амиқи таркиб ва омилҳои демографӣ талаб карда мешавад, ки вобаста ба он андешидани таҳияи чораҳои давлатӣ оид ба сиёсати рушди демографӣ ва ташаккули заминаи мувофиқи сиёсати

молиявӣ талаб мегардад. Ин имкон медиҳад, то муайян кунем, ки ҷузъиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ба рушди унсурҳои демографии минтақа то чӣ андоза таъсир мерасонад? Умуман, татбиқи усули ҳисоби миқёсгароии хаттӣ барои муайян кардани қимати меъёрии нишондиҳандаи минтақаи арзёбишаванда имконпазир мебошад. Вале, ин қимати меъёрӣ наметавонад чандон дақиқ бошад, зеро ҳар як минтақа хусусияти хоси худро дорад ва метавонад дар ягон ҷузъи инфрасохтори иҷтимоӣ бо назардошти ягон бартарӣ рушд ёфта бошад. Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдани ин усули арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар сурати ба назар гирифтани хусусиятҳои табиию релефи ҷойгиршавӣ ва омилҳои демографӣ ҳангоми муайян кардани қимати меъёрӣ имконпазир мебошад» [161].

«Дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии Е.Е. Торопушина ва дигар олимон усули ҳисоби миқёсгароии хаттӣ васеъ истифода мегардад» [139, с.99-108]. Дар ин усул, дар муайянсозии нуқтаҳои референтӣ (қиматҳои ҳадди аксар ва ҳадди ақал) ҳангоми арзёбӣ зарур мебошад.

$$I = \frac{X_{fakt} - X_{min}}{X_{max} - X_{min}} \qquad (1.3)$$

ки дар ин ҷо, $I$- шохиси рушди неруи инсонӣ;

$X_{fakt}$- нишондиҳандаи воқеии рушди неруи инсонӣ дар минтақа;

$X_{max}, X_{min}$- қимати ҳадди аксар ва ҳадди ақалли нишондиҳанда барои ҳамаи минтақаҳои баррасишаванда.

Ҳангоми истифодаи ин усул дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ нишондиҳандаҳои воқеии ҷойдошта дар ҳар як минтақаи мушаххас муайян карда мешаванд. Барои муқоиса маълумоти минтақа аз рӯи доираи маълумот ва андоза нишондиҳандаҳои нисбӣ, ки дараҷаи наздикшавии мутлақи ҳар як нишондиҳандаро ба қимати ҳадди аксар ва ақал инъикос мекунад, истифода мешавад. Қимати нишондиҳандаҳо бояд байни фосилаҳои 0 ва 1 муайян гардад, таносуби байни қиматҳои алоҳида нигоҳ дошта мешавад.

Камбудии истифодаи ин усул дар он аст, ки хусусиятҳои алоҳидае, ки рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро инъикос мекунанд, қимати якхела дошта наметавонанд ва вазни қиёсии ҳар як нишондиҳанда, инчунин маҷмуи онҳо дар асоси усули пурсиши экспертӣ дар фосилаи байни 0 ва 1 гузаронида мешавад. Дар асоси пурсиши экспертӣ таҳлилгар наметавонад нишондиҳандаҳои ба арзёбӣ зарурро дақиқ муайян кунад.

«Ҳисоби арзёбии интегралии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз рӯи усули «Паттерн» низ амалӣ карда мешавад» [138, с.128-132]. Ҷиҳати мусбати ин усул дар он аст, ки методологияи пешниҳодшуда арзёбии объективии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро таъмин менамояд, инчунин ба муайян кардани самаранокии фаъолияти инфрасохтор имкон медиҳад. Норасоии ин усул дар он аст, ки ҳангоми истифодаи он таҳияи алгоритми кластеронии нишондиҳандаҳои бахши иҷтимоиёт зарур аст. Ин тақозо менамояд, ки барои ҳар як минтақа ва маҳалҳои он ҳуҷҷати шаҳодатдиҳандаи маълумоти хоси соҳаҳои иҷтимоӣ таҳия гардад. Дар шароити кунунии минтақаҳои Тоҷикистон истифодаи ин усул хеле мушкил мебошад, вале тадриҷан бо баробари рушди кишвар ва рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифодаи он ҳангоми арзёбӣ имконпазир аст.

Усуле, ки аз ҷониби Л.Ю.Бородатова пешниҳод гардидааст, дар асоси таҳқиқи Ҷ. Фридман коркард шудааст, ки ин усул имкон медиҳад, «сатҳи таъминнокии минтақа бо объектҳои инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ дар асоси низоми муайяни нишондиҳандаҳои воқеӣ ва зарибҳои минтақавӣ арзёбӣ карда шавад» [37].

$$F = \frac{\alpha \times f_n + \beta \times f_p}{2} \qquad (1.4)$$

ки дар ин ҷо, $F$- сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоии минтақа;

$f_n$- сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоии шакли ёридиҳанда;

$f_p$- сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоии шакли рушдёбанда;

$\alpha$, $\beta$- зарибҳои поляризатсияи инфрасохтори иҷтимоии шакли муайян.

Барои истифода бурдани ин усул Ҷ.Фридман минтақаҳои иқтисодиро ба чор намуди муайян тақсим намудааст: ядро, минтақаи афзоиш, минтақаи нави рушдёбанда, минтақаи таназзулёбанда. Ин тақсимбандӣ метавонад ба дақиқ гардидани натиҷаи арзёбӣ барои муайян кардани рушди инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат кунад. Дар амал татбиқ намудани усули мазкур ҳисобу китоби зиёдро талаб менамояд. Зеро барои ҳар як намуди минтақа (тибқи таснифи Ҷ. Фридман) бояд вобаста ба унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ матритсаи морфологии он тартиб дода шавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифи минтақаҳо мутобиқи усули Ҷ. Фридман заҳмати зиёдро тақозо менамояд ва арзёбиро танҳо мақомоти ваколатдор ва ё ниҳодҳои таҳқиқотӣ анҷом дода метавонанд. Яъне, барои муҳаққиқону олимон истифодаи ин усул дар шароити кунунии рушди идоракунии инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо мушкил ва ҳатто ғайриимкон мебошад.

Олимони рус Артёмова О.В. ва Логачёва Н.М. дар яке аз таҳқиқотҳои худ равиши арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоиро дар асоси ҳисоби нишондиҳандаи интегралии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод намудаанд [97, с.12-17].

$$НИ_1 = 0{,}4Н_{МММ} + 0{,}1Н_{ЗА} + 0{,}3Н_{ТБ} + 0{,}2Н_{ДМ} \qquad (1.5)$$

ки дар ин ҷо, $НИ_1$- нишондиҳандаи интегралии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа;

$Н_{МММ}$- намояи маҷмуи маҳсулоти минтақа,

$Н_{ЗА}$- намояи зичии аҳолӣ,

$Н_{ТБ}$- намояи таъминоти буҷетӣ,

$Н_{ДМ}$- намояи даромади миёнаи аҳолӣ.

Моҳияти равиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавассути интихоби соҳаҳои тандурустӣ ва маориф амалӣ карда мешавад, зеро он бо назардошти дастрасии иттилоот ва эътимоднокӣ сурат гирифтааст. Ин талабот маънои онро дорад, ки нишондиҳандаҳои интихобшуда аз омори расмӣ бармеоянд ва тавассути онҳо ҳисобу арзёбӣ имконпазир мегардад. Шакли истифодаи амалии равиши мазкур нисбатан содатар буда, маҳз тавассути равишҳои комилан мувофиқ имконияти арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъсири он ба рушди минтақа ва дар маҷмуъ, мамлакат имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан ҷоиз аст, ки равишҳо ва усулҳои гуногуни арзёбии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа, ки дар боло оварда шудаанд, имконият медиҳанд, ки ба сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ хулосаи объективӣ дода шаванд ва бояд устуворӣ ва сифатии минтақаҳо бо истифодаи рейтинги интегралӣ муайян карда шавад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба идораи механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа

Дар шароити имрӯзаи тамаддуни башарият баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, умуман, некуаҳволии ҷомеа – стратегияи асосӣ дар иқтисодиёти аксари давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ин вазифа, асосан аз идоракунӣ ва инкишофи унсурҳои таркибии инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагии калон дорад.

Дар асоси ин, иқтисодиёти ҷаҳон дар бобати такмил додани механизми ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таҷрибаи бой ҷамъ кардааст. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол роҳи ташаккули иқтисоди бозаргониро нисбатан нав қабул кардааст, муайян карда мешавад, ки ҳадафи асосии давлат – ин мунтазам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ҳисоб меёбад.

Доир ба ин масъала, дар Паёмҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки: «… Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад. Дар ин замина, Ҳукумати мамлакат дар самти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, инчунин, зиёд намудани даромади пулии аҳолӣ мунтазам тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст» [1, с.5], вале бо вуҷуди ин, омӯхтани таҷрибаи хориҷии танзими рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар иқтисодиёти ҷаҳон бобати такмил додани механизми ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таҷрибаи бой андӯхта шудааст. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол роҳи ташаккули иқтисоди бозаргониро нисбатан нав қабул кардааст ва муайян карда мешавад, ки ҳадафи асосии давлат – ин мунтазам баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Бинобар ин, мо нахуст ба таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро дар масъалаи татбиқи ҳадафҳои пешбинишуда дар самти баланд бардоштани фаъолияти босамари субъектони инфрасохтори иҷтимоӣ, баъдан, ба таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, ки сохтор ва таърихи рушди иқтисодии ба мо монанд доранд, таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Мавҷудияти низомҳои пешрафтаи ҳифзи иҷтимоӣ ҷузъи асосӣ ва хусусияти фарққунандаи модели аврупоии иқтисоди бозорӣ мебошад. Ниҳодҳои дахлдор дар рафъи шиддати иҷтимоие, ки доимо дар натиҷаи дигаргуниҳои демографӣ ва иқтисодӣ ба амал меоянд, нақши калон мебозанд.

Чунин мушоҳида мегардад, ки дар низомҳои миллии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба монандӣ фарқиятҳо зиёданд. Барои он ки ҳар як мамлакат дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ самти афзалиятноки худро пеш гирифтааст. Бо вуҷуди ин, типологияи онҳо имконпазир аст, ки барои беҳтар омӯхтани таҷрибаи кишварҳои Аврупо ва татбиқи он дар шароити Тоҷикистон мусоидат кунад. Модели ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун принсипҳои муқарраршудаи ташкил ва фаъолияти барномаҳои таъминоти иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

«Тибқи гузориши Комиссияи Аврупо дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо чаҳор модели асосӣ бартарӣ доранд: модели континенталӣ, англосаксонӣ, скандинавӣ ва ҷанубӣ- аврупоӣ» [86, с.545], ки шаклҳои онро ба таври схемавӣ чунин инъикос кардан мумкин аст (расми 1.3.1.)




**Расми 1.4. - Модели ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар кишварҳои Аврупо**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [86, с.545]

Оид ба шаклҳои моделҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба таври муфассал истода мегузарем.

Модели континенталӣ робитаи қатъии байни сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ ва давомнокии фаъолияти касбиро муқаррар мекунад. Он ба суғуртаи иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки хидматрасонии он, асосан, аз ҳисоби саҳми шахсони суғурташуда маблағгузорӣ мегардад ва се шохаи суғуртаи иҷтимоӣ мавҷуданд: суғуртаи пиронсолӣ ва маъюбият, суғуртаи тиббӣ ва суғурта аз ҳодисаҳои истеҳсолӣ. Принсипҳои асосии модели мазкур

дар Олмон охирҳои асри XIX ҷорӣ карда шудааст ва он инчунин ба Австрия, Фаронса ва кишварҳои Бенилюкс хосанд.

Яке аз принсипҳои асосии модел ҳамбастагии касбӣ мебошад, ки мавҷудияти фондҳои суғуртаеро, ки дар асоси баробарии кормандон ва соҳибкорон идора карда мешаванд, таъмин менамояд. Дар фондҳо ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби музди меҳнат ҷамъ карда мешаванд. Чунин низомҳои суғурта, чун қоида, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ намешаванд – принсипи универсалии буҷетӣ мухолифи ин модели иҷтимоӣ мебошад. Барои аъзоёни камдаромади ҷомеа, ки бо як қатор сабабҳо (масалан, аз сабаби набудани таҷрибаи зарурии суғурта) наметавонанд пардохтҳои иҷтимоии суғуртавиро гиранд, ҳамбастагӣ тавассути низомҳои кӯмаки иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Сарфи назар аз хислати ҳатмӣ будани суғуртаи иҷтимоӣ (масалан, дар Олмон онро қонун муқаррар кардааст), он пурра риоя карда намешавад. Сабаби ин мавҷуд будани ҳадди ниҳоии музди меҳнат аст, ки дар сурати аз ҳад зиёд гузаштан танҳо суғуртаи ихтиёрӣ ё маҳдуд кардани тарҳҳо имконпазир аст (тарҳҳо танҳо дар доираи ҳадди ниҳоии музди меҳнат сурат гирифта, пардохтҳои иҷтимоӣ нисбат ба ин сатҳ ҳисоб карда мешаванд).

Дар низоми таъминоти иҷтимоии Олмон суғуртаи иҷтимоӣ ҷои асосиро ишғол мекунад. Дар ин ҷо, чун дар аксарияти мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, низоми суғуртаи иҷтимоӣ ба зернизомҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ тақсим мешавад.

Низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Олмон аз рӯи принсипи худидоракунӣ амал мекунад: ба муассисаҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз муассисаҳои идоракунии давлатӣ мустақилияти ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилӣ дода мешавад. Аммо, ин ба зарурати аз тарафи давлат муайян кардани асосҳои қонунии пайдоиш ва фаъолияти муассисаҳои суғуртавӣ мухолиф нест. «Илова бар ин, давлат риояи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ назорат мекунад ва ҳуқуқ дорад, фаъолияти молиявию тиҷоратии онҳоро назорат кунад» [88, с.227-230].

Вақте ки мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ба мушкилоти молиявӣ дучор мешаванд, давлат ҳамчун кафили иҷрои уҳдадориҳои онҳо баромад мекунад, ки ин эътирофи нақши махсуси мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ дар таъмини субот ва адолати иҷтимоӣ мебошад.

«Модели англосаксонии ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Британияи Кабир ва Ирландия истифода мешавад, аз модели Олмон ба куллӣ фарқ мекунад» [152].

Ба модели мазкур ақидаҳои олими намоён Кейнс таъсири калон расонидааст, ки динамикаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва шуғли аҳолӣ бо талаботи самарабахш муайян карда мешавад ва бинобар ин, даромадро ба манфиати гурӯҳҳои иҷтимоии камдаромад аз нав тақсим кардан лозим аст. Ин модел ба он асос ёфтааст, ки ҳар як шахс, новобаста аз мансубияти ӯ ба аҳолии фаъол, ҳуқуқи ҷудонашаванда ба ҳифзи ҳадди ақалли иҷтимоӣ дорад, яъне вобастагии пардохтҳои иҷтимоӣ аз тарҳҳои қаблӣ мухолифи идеяи баробарии одамон ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки дар доираи модели англосаксонӣ баъзе фарқиятҳои давлатӣ вуҷуд доранд. Дар Англия ба ҳамаи шаҳрвандон сарфи назар аз дараҷаи даромадашон, дар Ирландия бошад, танҳо ба одамони камдаромад хизмати бепули тиббӣ расонда мешавад.

Сохтори маблағгузории низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Британияи Кабир бо тақсимоти ин низом ба соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Яке аз онҳо тахминан 90% аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дуюм аз ҳисоби саҳмҳои суғуртавии кормандон ва соҳибкорон маблағгузорӣ мешавад. Суғурта аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, инчунин нафақаҳои оилавӣ пурра аз ҳисоби андозҳои умумӣ маблағгузорӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, хусусияти низоми давлатии ҳифзи иҷтимоии Британияи Кабир дар он аст, ки вай мавҷудияти ҳиссаҳои ҷудогонаи суғуртавиро, ки барои нигоҳ доштани барномаҳои мушаххаси суғурта (нафақа, суғуртаи тиббӣ, нафақаи маъюбият ва ғайра) таъин шудаанд, пешбинӣ намекунад. Тамоми хароҷоти маблағгузории ин барномаҳо аз

ҳисоби саҳми ягонаи иҷтимоӣ, ки маблағи аз он ба даст овардашуда ба эҳтиёҷоти соҳаи мушаххаси суғуртаи иҷтимоӣ равона карда мешавад, рӯйпӯш карда мешавад.

Модели скандинавии ҳифзи иҷтимоӣ барои Дания, Шветсия ва Финландия хос аст. Хидматҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ муайян карда мешаванд ва ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ки аз андоз маблағгузорӣ мешаванд, доранд. Яъне, ҳифзи иҷтимоӣ на ҳамчун неъмати давлат, балки ҳуқуқи қонунии шаҳрванд дарк карда мешавад. Ба истиснои суғуртаи бекорӣ, ки аз низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо буда, ба принсипи ихтиёрӣ асос ёфтааст.

Хусусияти фарққунандаи модели скандинавӣ фарогирии васеи хатарҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҳолатҳои ҳаётӣ мебошад, ки дастгирии ҷомеаро тақозо мекунад. Хизматҳои иҷтимоӣ, одатан, ба ҳамаи сокинони мамлакат кафолат дода мешавад ва дар маҷмуъ, сатҳи пешниҳодшудаи ҳифзи иҷтимоӣ хеле баланд аст. Пеш аз ҳама, ин ба воситаи сиёсати фаъолонаи азнавтақсимкунӣ ба даст оварда мешавад, ки ба баробар кардани даромадҳо нигаронида шудааст.

Принсипи асосии ҳифзи иҷтимоии Шветсия универсалии он, яъне фарогирии тамоми табақаҳои аҳолӣ маҳсуб меёбад. Принсипи дуюми муҳимтарин, ки ба бисёр кишварҳои иқтисодиву иҷтимоии Аврупо хос аст, вале дар Шветсия бештар амалӣ карда мешавад, ин принсипи ҳамбастагӣ мебошад. Моҳият аз он иборат аст, ки ҳамаи шаҳрвандон баробар ва новобаста аз вазъи иҷтимоӣ дар маблағгузории низоми ҳифзи иҷтимоӣ иштирок намуда, ба даромади худ мутаносибан саҳмгузоранд.

Ниҳоят, унсури зарурии чунин низом давлат мебошад, ки вазифаҳои аз нав тақсим кардани неъматҳои иҷтимоиро аз табакаҳои таъминот то табакаҳои осебпазири аҳолиро ба ухда мегирад. Арзиши баланди чунин низом (дараҷаи андозбандӣ дар Шветсия яке аз баландтарин дар ҷаҳон аст) аз ҳисоби сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мавҷуд набудани тафовутҳои сарват ва камбизоатӣ ва

мутаносибан, суботи баланди сиёсӣ ва иҷтимоӣ пурра ҷуброн карда мешавад.

Италия, Испания, Юнон ва Португалия модели ҷанубӣ-аврупоиро намояндагӣ мекунанд. Танҳо дар даҳсолаҳои охир дар зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сохторӣ дар ин ҷо низомҳои ҳифзи иҷтимоӣ такмил ёфтанд. «Ин моделро метавон ҳамчун дар ҳоли рушдёбанда, гузаранда ва аз ин рӯ мавҷуд набудани роҳҳои ташаккули дақиқ шарҳ дод. Чун қоида, дар ин модел сатҳи таъминоти иҷтимоӣ нисбатан паст буда, ҳифзи иҷтимоӣ бо нигоҳубини оила вобаста аст. Аз ин рӯ, дар ин ҷо оила ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим доранд» [87, с.15-26].

Хусусияти муҳимми ташаккул ва рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар кишварҳои хориҷӣ - самт ва дараҷаи таъсири давлат ба онҳо мебошад, ки самаранокии ин таъсир на аз рӯи ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим, балки аз рӯи шакл, усул ва роҳҳои гуногуни дастгирии соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимтарини инфрасохтори иҷтимоӣ дар марҳилаи муайяни рушди иқтисодиёти миллӣ муайян мегардад.

Бешубҳа, яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди инфрасохтори муосири иҷтимоӣ афзоиши шумораи шаҳрҳои калон мебошад. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи Аврупо ва ИМА ҳиссаи максималии аҳолии шаҳрҳо дар давраи рукуд ба 70 фоиз расидааст.

Аз ин рӯ, таркиб ва дараҷаи рушди бахшҳои инфрасохтори иҷтимоии ин кишварҳо, дар асоси тамоюлҳои пайдошаванда ва тамаркузи аз ҳад зиёди онҳо дар агломератсияҳои шаҳрӣ муайян карда шуданд. Имрӯз ин марҳилаи тараққиётро давлатҳои Африка, Амрикои Лотинӣ ва Осиё аз сар мегузаронанд, ки дар онҳо шумораи аҳолии шаҳрҳо босуръат меафзояд ва ҳиссаи онҳо ба 68 фоиз расидааст, ки ин, дар навбати худ, аз нобудшавии деҳаҳо ва шаҳракҳо мушоҳида мешавад. «Суръати баланди урбанизатсия боиси зарурати рушди босуръати бахшҳои асосии инфрасохтори иҷтимоии шаҳрҳои калон мегардад, дар

ҳоле ки аксарияти сокинони шаҳрҳо шароити асосии шаҳрӣ надоранд» [154].

Дар асоси назарияи сармояи инсонӣ ҳамчун назарияи асосии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносони ғарбӣ, аз ҷумла Т.Шултс дар тадқиқоти худ «Сармояи инсонӣ дар Энсиклопедияи байналмилалии илмҳои иҷтимоӣ», ки «...ҳар як ҷамъият дар сурати ба такрористеҳсолкунии қувваи корӣ бештар маблағгузорӣ карданаш ҳам ба афзоиши маҳсулот ва ҳам ба баробар тақсимоти он ноил шуда метавонад» [90, с.6].

Ба ибораи дигар, ба андешаи як зумра коршиносони ғарбӣ, дар асоси таҳлили талаботи аҳолӣ ва робитаи он бо низоми зерсохтори иҷтимоӣ, метавон ба хулосае омад, ки вазифаи низоми инфрасохтори иҷтимоӣ ташаккули сармояи инсонӣ, рушди неруи инсонӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, ки дар ҷараёни ҳаёти он ба миён меоянд, фаҳмида мешавад.

Таҷрибаи хориҷӣ дар рушди инфрасохтори кӯдакона аксар вақт бо дастгирии молиявии минтақа робитаи нисбатан кам дорад.

Масалан, дар Италия ду категорияи асосии кӯдакистонҳо мавҷуданд. Барои хурдтарин - яслиҳое, ки кӯдакони аз 3 - 4 моҳа то 3 соларо қабул мекунанд. Боғчаҳои кӯдакона, ба истиснои рӯзҳои шанбе ва якшанбе, ҳар рӯз фаъолият мебаранд ва барои идҳову моҳҳои июл ва август баста мешаванд. Ба таври расмӣ давомнокии як рӯз дар кӯдакистон ба ҳисоби миёна то соати 16:30 давом мекунад. Агар волидайн барои гирифтани тифл ин қадар барвақт вақт надошта бошад, хизмати омӯзгор алоҳида пардохт карда мешавад ва кӯдакро дертар гирифтан мумкин аст. Вазъияти боғчаҳо дар Италия хеле таассуфовар аст: аз ҷиҳати шумораи онҳо мамлакат дар байни Аврупо ҷойи охиринро ишғол мекунад. Ин вазъиятро анъанаи қавии маҳаллӣ, на кӯшиши аз гаҳвора ба дасти мураббиён супурдани кӯдакро, балки мустақилона тарбия кардан ва бо ӯ дар хона мондан шарҳ медиҳанд [168].

Вобаста ба соҳаи манзил дар кишварҳои пешрафта се намуди иштирокчиёни фаъолро ҷудо кардан мумкин аст [120, с.56-62]:

- сектори давлатӣ-аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ намояндагӣ карда, вазифаи асосии ин бахш таъмини суботи иҷтимоии ҷомеа дар раванди истеъмоли молҳои манзилӣ мебошад;

- бахши хусусӣ-аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногуни тиҷоратии хусусӣ, ки дар раванди истеҳсоли молҳои манзилӣ истифода мешаванд, намояндагӣ мекунанд;

- сектори ихтиёрӣ-иттиҳодияҳои манзилӣ ва кооперативҳое, ки таърихи мавҷудияти онҳо зиёда аз сад сол пеш меравад.

Дар маҷмуъ, моделҳои муосири хориҷии идоракунии соҳаи манзил бо дараҷаи баланди танзими ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ба даст овардани моликият ва истифодаи манзил, таваҷҷуҳ ба назар гирифтан ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон фарқ мекунанд. «Сиёсати давлатии манзил дар аксари кишварҳо ба таъмини шаҳрвандон вобаста ба эҳтиёҷот ва имкониятҳои молиявии онҳо бо манзил равона карда шудааст» [131, с.124-128]. Нақши давлат аз таҳия, қабул ва назорати иҷрои қонунгузории манзил, ҳавасмандгардонии сохтмони манзил ва дастгирии иҷтимоии категорияҳои алоҳидаи одамон (шаҳрвандони камбизоат, волидони танҳо, оилаҳои ҷавон, пиронсолон ва маъюбон) иборат аст. Имрӯз инфрасохтори иҷтимоиро, ки бо раванди қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, аз рӯи принсипи тақсимоти маъмурӣ тасниф кардан мумкин аст. Бо назардошти миқёси ҳудудӣ ва гуногунии воҳидҳои маъмурию ҳудудии худ, Федератсияи Русия ҳамчун намунаи равшантарини тақсимоти маъмурии инфрасохтори иҷтимоӣ баромад мекунад [136, с.34-41].

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ дар идоракунии соҳаи иҷтимоиёт Федератсияи Русия ба ҷанбаи минтақавии он аҳаммияти бештар зоҳир намудааст. Механизми ташкилӣ-иқтисодии идораи соҳаи иҷтимоӣ дар мамлакат тавассути равиши лоиҳавӣ ба роҳ монда шудааст. Ба ақидаи онҳо, идораи соҳаи иҷтимоӣ дар асоси равиши лоиҳавӣ

мундарича, сатҳ ва самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоиро дар бар мегирад. Агар лоиҳаҳои миллӣ афзалиятҳоро дар сатҳи давлатӣ инъикос кунанд, пас дар сатҳи шаҳрҳо ва ташкилотҳои мушаххаси иҷтимоӣ таҷрибаи тарҳрезии иҷтимоиро барои ҳалли мушкилот истифода бурдан мумкин аст. Хуллас, дар натиҷаи амалигардонии лоиҳаи иҷтимоӣ ҳам объект ва субъекти фаъолияти лоиҳавӣ манфиат ба даст меорад. Гуфта мешавад, ки: «Сиёсати иҷтимоӣ воситаи муҳимтаринест, ки тавассути он ҷомеа суботи иҷтимоиро нигоҳ дошта, шартҳои асосии рушди марбут ба ташаккули сармояи инсонӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни гуруҳҳои иҷтимоиро таъмин мекунад» [55].

Муаммоҳои ташаккул ва амалигардонии сиёсати иҷтимоӣ соҳаи пуршиддати тадқиқоти илмӣ мебошанд. Модели оптималии сиёсати иҷтимоӣ синтези ду тамоюл ҳисоб меёбад, ки аз як тараф, тамаркузро ба давлати иҷтимоӣ ва иқтисоди иҷтимоӣ, аз тарафи дигар, истифодаи механизмҳои бозории таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоиро дар назар дорад. «Дар айни замон ба соҳаи иҷтимоӣ баргаштани давлатро ҳамчун мустаҳкам шудани майлҳои патерналистӣ ҳисоб кардан мумкин нест, вақте ки давлат тамоми ӯҳдадориҳоро оид ба некуаҳволии иҷтимоӣ пурра ба зимма мегирад. Дар ин маврид давлат ҳамчун яке аз субъектони пешбари муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад» [122, с.65-72].

Вобаста ба самти ташаккули сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи инфрасохтори иҷтимоӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ӯзбекистонро дида мебароем.

Масалан, дар марҳилаи кунунии рушд, Ҷумҳурии Қазоқистон таҳлил ва пешгӯии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва равандҳои иҷтимоиро барои идоракунии рушди минтақа пайваста таъмин менамояд. Самтҳои асосии рушд дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар асоси принсипҳои инноватсионии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардида, диверсификатсияи иқтисодиёт, баланд бардоштани сифати сармояи

инсонӣ, беҳбудии вазъи демографӣ ва сиёсати шуғли устувори аҳолӣ ҳисобида мешавад.

Барои Қазоқистон, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. «Дар асоси шохиси сармояи инсонӣ, Қазоқистон дар байни 144 кишвар дар ҷои 37-ум қарор гирифтааст» [137, с.103-109]. Барои рушди минбаъдаи сармояи инсонӣ равиши маҷмуӣ бо таъсир ба тамоми омилҳои таъсиркунанда зарур аст. Дар робита ба ин, Қазоқистон самти модернизатсияи иҷтимоиро интихоб намудааст, ки саломатии мувофиқ дар тамоми ҳаёт, рушди барвақти кӯдакон, таҳсилоти босифат ва малакаҳои касбиро дар бар мегирад. «Татбиқи сиёсати минтақавӣ дар Қазоқистон бе ташаккули низоми ниҳодҳои давлатии ташкилию молиявӣ, ки барои самтҳои алоҳидаи татбиқи Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои он масъуланд, имконнопазир аст» [101, с.51-54].

Модели миллии сиёсати иҷтимоӣ дар Қазоқистон ба истифодаи имтиёз ва имкониятҳои рушди устувори иқтисодӣ барои баланд бардоштани некуаҳволии мардум нигаронида шудааст. Мундариҷа ва ҳудуди сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Қазоқистонро Паёмҳои Президент, инчунин мақолаи барномавии ӯ «Социальная модернизация Казахстана: двадцать шагов к Обществу Всеобщего труда» самтҳои асосии навсозии ҳамаҷонибаи иҷтимоиро муайян мекунанд. Онҳо нуқтаҳои барномаҳои «Қазоқистон-2030», «Қазоқистон-2050»-ро мукаммал ва инкишоф медиҳанд, ки мазмуну самти сиёсати пурзури иҷтимоиро муайян мекунанд, ки субот ва созгории иҷтимоиро дар ҷамъият таъмин карда метавонад. Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ дастурҳои Президент ба Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Қазоқистон асос ёфтаанд. Гузашта аз ин, принсипи асосии татбиқи сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ танзими давлатӣ буда, давлат дар марҳилаи ислоҳот ҳамчун манбаи асосии маблағгузории низоми ҳифзи иҷтимоӣ боқӣ мемонад [109, с.46-51].

Дар баробари афзоиши иқтисодиёти мамлакат, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, низоми давлатии таъминоти

иҷтимоиро дар се самт васеъ кардан мумкин аст: васеъ намудани доираи таъминоти иҷтимоӣ, ташкили ҳайати гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшаванда, зиёд кардани шумора ва баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонии таъминоти иҷтимоӣ.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон афзалият дар сиёсати иҷтимоӣ ба сармоягузориҳои дорои миқёси васеъ оид ба рушди сармояи инсонӣ дода шудааст, ки он ба модернизатсияи соҳаи маориф ва тандурустӣ мусоидат мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар Қазоқистон аз соли 2017 таҳсилоти касбии ройгон барои ҳама оғоз гардидааст ва мамлакат иқтисодиёти худро бе қонеъ гардондани талаботи ҷомеа, таъмини афзоиши дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ ғайрисамаранок меҳисобад. Дар айни ҳол иҷрои супоришҳои пешбинишуда танҳо дар шароити сиёсати самарабахши иқтисодии ҳукумат имконпазир ҳисобида мешавад. Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки «тамоюли иҷтимоӣ дар қабули қарорҳои стратегӣ оид ба самтҳои рушди иқтисодиёти Қазоқистон авлавияти асосӣ мебошад» [110, с.111-120].

Дар хусуси Ӯзбекистон бошад, гуфтан мумкин аст, ки Президенти мамлакат шуруъ аз соли 2016 шакли нави ҳифзи иҷтимоиро пешниҳод намудааст, ки дар он ғояи асосӣ ба манфиати ҷамъият ҳисоб мегардад. Аз соли 2017 дар Ӯзбекистон 11 самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, аз ҷумла, ҷорӣ намудани механизмҳои нави самараноки ташкили муколамаи ошкоро бо шаҳрвандоне, ки дар назди онҳо ҳокимҳо, роҳбарони мақомотҳои прокуратура ва корҳои дохилӣ дар оянда ҳисоботдиҳандаанд, эълон карда шудааст. Дар ҳама воҳидҳои маъмурии мамлакат қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ва виртуалии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шудааст. «Омӯзиши имкониятҳои ҳар як оила, ҷалби онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ, расонидани кӯмаки мақсадноки инфиродӣ ба табақаҳои мухталифи аҳолӣ заминаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодии кишварро ташкил додааст» [92].

Дар мамлакат «Стратегияи амалиёт барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз рӯи панҷ самти афзалиятнок қабул карда шудааст. Стратегияи мазкур на танҳо барои тараққиёти иҷтимоии минтақаҳои алоҳида, балки барои баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолии деҳаҳои дурдасттарини ҷумҳурӣ вазифаҳои мушаххас муайян ва параметрҳои мақсаднок тартиб дода шудаанд. Муҳимтарин омилҳое, ки моҳияти ислоҳоти иқтисодию иҷтимоиро муайян мекунанд, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои меҳнати пурсамар, музди меҳнати арзанда, манзили дастрас, хизматрасонии тиббии баландсифат ва таълим, имкониятҳои васеи истироҳат ва фароғат ба ҳисоб меравaнд. Имкониятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳои алоҳидаи Ӯзбекистон баррасӣ гардида, барномаҳои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, гази табиӣ, манзили арзон, хизматрасонии босифати тиббӣ, боғчаҳои нав, мактабҳо, азнавсозии роҳҳо, автобусҳо, бунёди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва бозорҳои нав таҳия карда шудаанд [20]. Қайд мегардад, ки: «Дар қатори ҳадафҳои стратегӣ дар самти беҳтарсозии хизматрасониҳои иҷтимоӣ уҳдадориҳои Ӯзбекистон оид ба милликунонии Ҳадафҳои рушди устувори СММ дар масъалаҳои ислоҳоти низоми нафақа, шуғли аҳолӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва ғайра муайян карда шудаанд» [29, с.19].

Бо мақсади ҳалли мушкилот дар тақсимоти кӯмакҳои иҷтимоӣ ва рафъи ҳолатҳои коррупсионӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон низоми иттилоотӣ «Феҳристи ягонаи кӯмакҳои иҷтимоӣ, ки мубодилаи электронии 20 намуди иттилоотро бо маҳзани маълумоти 9 вазорату идораҳо амалӣ менамояд, таъсис дода шудааст [22]. Дар фаъолияти Бонки марказии Ӯзбекистон таҷрибаи қарздиҳӣ тавассути зиёд кардани шавқу ҳаваси аҳолӣ ба нигоҳубини паранда, чорво, кушодани объектҳои савдои шахсӣ ва объектҳои иҷтимоӣ истифода мешавад. Кормандони бонк барои амалисозии ин барномаи мақсаднок тавассути аёдати ҳар як оила дар шаҳру деҳот ҷалб карда шудаанд.

Дар рафти фаъолияти бахшҳои шаҳру ноҳияҳо оид ба ошкор намудани муаммоҳои соҳаи иҷтимоӣ харитаи роҳҳо тартиб дода шуда, барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз муаммоҳои тезутунд - ин таъмин намудани аҳолӣ бо манзили арзон дар асоси қарзҳои ипотекӣ бо муҳлати бозпардохти 15 - 20 сол ба куллӣ бознигарӣ карда шудааст [64]. «Давлат бо мақсади азнавсозии ҳамаҷониба ва тағйир додани симои деҳоти ба ободонии кулл ниёздошта, барномаҳои «Обод қишлоқ» ва «Обод маҳалла» қабул кардааст. Дар доираи татбиқи ин барномаҳо дар соли 2020 479 деҳа ва 116 маҳалла ба маблағи 6,1 триллион сӯм обод карда шудааст» [63].

Аз соли 2021 бо қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи идома додани ислоҳоти татбиқшаванда дар соҳаи тандурустӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд бардоштани иқтидори кормандони соҳаи тиб» [21] номгӯи вазифаҳои афзалиятнок барои баланд бардоштани сифат ва миқёси хизматрасонии тиббӣ бо ҷорӣ намудани иқтидори иловагии беморхона бо доруву реактивҳо ва таҷҳизоти тиббӣ дар ҳаҷми 10 фоиз муайян карда шудаанд. Омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи тиб бо ҷалби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва коршиносони пешбар ҷиҳати гузаронидани интихоби тахассусии кормандони соҳаи тиб амалӣ карда шудааст [21]. Соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон коркарди методологияи нав, усулҳои арзёбӣ ва барнома оид ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ якҷоя бо Бонки умумиҷаҳонӣ ва Барномаи рушди СММ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, Сарвари давлат ҳамчун василаи асосии мубориза бо камбизоатӣ пешниҳод намудааст, ки аз ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ оғоз намуда, барои сафарбар намудани қобилият ва имконоти аҳолӣ, истифодаи усулҳои рушду такмили соҳибкорӣ, таваҷҷуҳи махсус ба рушди ин соҳа дар байни занону ҷавонон равона карда шавад. Бо ҳамин мақсад лоиҳаи озмоишии коҳиши камбизоатӣ аз ҷониби Маркази тадқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳоти

иқтисодӣ дар ноҳияҳои Бӯка ва Чинози вилояти Тошканд санҷида шудааст. Барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ давлат дар назди ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ вазифаҳои мушаххас гузоштааст. Механизмҳои мушаххаси баррасии шикоятҳо дар бораи ҳар як нафақа, кӯмакпулиҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ тавассути сайри хона ба хона ҷорӣ карда шудаанд.

Механизми тавоноии дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, усули нави таъминоти иҷтимоӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани баҳисобгирии шаффофи шаҳрвандон «Дафтари оҳанин (Железные тетради)» кор карда баромада шудааст, ки ба он оилаҳои ҳафт категорияи аҳолии бекор монда, ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд дохил карда шудаанд. Барои дастгирии иҷтимоии занони то 30-сола аз соли 2020 тартиби муваққатии ҳалли низомии «Дафтарҳои занона (Женские тетради)» ҷорӣ карда шудааст, аз ҷумла заноне, ки саробонашро аз даст додаанд, занони маъюби гурӯҳҳои 1 ва 2, занони бекор, ки хонаи истиқоматии шахсии худро надоранд, таҳти парастории онҳо маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2 мавҷуданд, ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ ниёз доранд. Номгӯи кӯмаки иҷтимоие, ки барои кӯмаки якдафъаинаи иҷтимоӣ, додани қарз, субсидия барои хариди манзил, масъалаҳои шуғл, гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва курсҳои бозомӯзии ихтисосҳои гуногун пешбинӣ шудааст [19]. Аз соли 2021 бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор, инчунин боз ҳам такмил додани механизмҳои баробарии иҷтимоӣ тартиби додани манзил ба кӯдакони ятими ба синни 18 расида дар биноҳои истиқоматии бисёрошёна дар ҳаҷми на камтар аз 25 м$^2$ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тариқ, шуруъ аз соли 2017 ба Ӯзбекистон муяссар гардидааст, ки гузариши тамаддунӣ ба модели давлати иҷтимоӣ-иқтисодиро таъмин намояд. Бо қабули «Стратегияи амалиёт дар панҷ самти афзалиятнок» дар мамлакат гузариш аз ислоҳот ба амалиёт таъмин гардидааст. Дар рафти татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, ки бо тағйир додани нархҳо ҳамроҳ шудааст, механизмҳои рафъи хавфи иҷтимоии

табакаҳои алоҳидаи аҳолӣ, инчунин воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ кор карда баромада шудаанд. Усул ва шаклҳои дастгирии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, ки ҷиҳати беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар асоси принсипи «Манфиати инсон болотар аз ҳама» дастгирӣ карда мешавад. Ҳукумати кишвар барои коҳиши мизони камбизоатӣ тавассути ҷорӣ кардани усулҳои нави ҳифзи иҷтимоӣ - «Дафтарҳои оҳанин», «Дафтарҳои занона», «Дафтарҳои ҷавонон» барои шахсони ниёзманди кӯмаки молӣ механизмҳои мухталиф таҳия кардааст. «Ҳукумати мамлакат бо қабули Консепсияи рушди маҷмуии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030 ҳадафҳои дучанд зиёд намудани даромадҳо, паст кардани камбизоатӣ ва нобаробариро ба миён гузоштааст» [19].

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва давлатҳои ҳамсоя шарҳи мухтасари таҷрибаҳои омӯхташударо дар шакли схема нишон медиҳем (расми 1.5.).




**Расми 1.5. - Шарҳи мухтасари таҷрибаи давлатҳои пешқадам**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва давлатҳои ҳамсоя ба хулосае омадан мумкин аст, ки идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ равишҳои мухталифро оид ба ташкил ва маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағгузории давлатӣ, хусусӣ ва шарикӣ, инчунин моделҳои гуногуни идоракуниро нишон медиҳад. Баъзе кишварҳо равиши ғайримарказонидашударо таъкид мекунанд, дар ҳоле ки баъзеи дигар равиши мутамарказро афзалият медонанд. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ метавонад барои беҳтарсозии идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла дар Тоҷикистон муфид арзёбӣ гардад.

**Хулосаҳои боби I**

1. Омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ хеле муҳим ва мубрам мебошад. Дар консепсияи назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва инфрасохтори иҷтимоии минтақа ворид намудани нуктаи назари муаллифӣ ва таҳлил намудани ақидаи дигар иқтисодчиён ва муҳаққиқон барои мукаммалгардонии он такони ҷиддӣ мебахшад.

2. Аз таҳлили усулҳои арзёбии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа маълум гардид, ки усули маъмули ягонаи истифодашаванда мавҷуд нест. Бинобар ин, тавассути усулҳои арзёбии пешниҳоднамудаи иқтисоддонҳои барҷаста ва маълумоти омории расмӣ модели махсус барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Тибқи истифодаи модели мазкур метавонем ба сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа баҳои объективӣ дода, тамоюлҳои минбаъдаи онро дар асоси арзёбӣ муайян намоем.

3. Истифодаи таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои ҳамсоя, ба монанди Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон дар такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа,

алалхусус, истифодаи суғуртаи иҷтимоӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ дар амалигардонии ҳадафҳои соҳаи иҷтимоиёт, модернизатсияи давлатии иҷтимоӣ ва истифодаи усули «Дафтари амалиёт» дар рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ қадами устувор хоҳад гузошт.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ АМАЛИШАВИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Тавсифи умумии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд дар шароити муосир

Масъалаҳои марбут ба сатҳ ва сифати зиндагӣ мушкилоти мубрами сиёсати иҷтимоию иқтисодии тамоми кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон маҳсуб меёбад. Айни замон дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ чунин як ақидаи умумӣ ҷой дорад, ки рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишварро сифати зиндагии аҳолии он муайян мекунад.

Тамоюли муайянкунандаи рушди муосир таъминоти ҳамаҷонибаи равандҳои инфрасохторӣ ба ҳисоб меравад, зеро бидуни онҳо на дастгирии иқтисодӣ ва на дастгирии иҷтимоии минтақаҳо ва умуман мамлакат имконпазир аст.

Инфрасохтори иҷтимоӣ, ки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг ва варзишро дар бар мегирад, дар ташаккули сармояи инсонӣ аҳаммияти зарурӣ дорад. Зеро ҳар яки он дар тарбияи инсони солим, ғанӣ гардонидани қобилияти илмӣ ва меҳнатӣ нақши махсус мебозад.

Вобаста аз он ки то кадом андоза инфрасохтори иҷтимоӣ дар ин ё он ҳудудҳои меъёрӣ-иқтисодӣ ташаккул ёфтааст, он бевосита дар ташаккули сармояи инсонӣ инъикос меёбад.

Аз ин лиҳоз, дар ин қисмати рисола тасмим гирифтем, ки ба вазъи кунунӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд баҳои объективона дода, ҳолат, тамоюлот ва муаммои дар ин соҳа мавҷударо арзёбӣ намоем ва барои фаъолияти минбаъда тавсияи худро пешниҳод карда бошем.

Чӣ тавре ки дар қисмати аввали рисола қайд карда будем, вазъи умумии инфрасохтори иҷтимоӣ бо низому нишондиҳандаҳои гуногун арзёбӣ карда мешавад. Пеш аз ҳама нуқтаи назари худро оид ба маҷмуи нишониҳандаҳое, ки инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистонро тавсиф мекунад ва дар ҷадвали 2.1. оварда шудааст, ироа менамоем.

**Ҷадвали 2.1. - Маҷмуи нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | Солҳо | Шумораи мактабҳои миёна (в-д) | Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ (нафар) | Фонди манзил (млн. м²) | Шумораи тамошобинони музей ва театрҳо (шумораи ташриф, ҳаз. нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 2020 | 3911 | 58614 | 104,8 | 410,0 |
| | 2024 | 4037 | 63434 | 112,7 | 580,6 |
| ш. Душанбе | 2020 | 147 | 8885 | 11,6 | 80,0 |
| | 2024 | 212 | 12312 | 17,4 | 92,9 |
| НТҶ | 2020 | 1159 | 9246 | 23,6 | 126,1 |
| | 2024 | 1149 | 8626 | 22,4 | 93,7 |
| в.Суғд | 2020 | 938 | 18151 | 32,4 | 70,3 |
| | 2024 | 959 | 18475 | 34,2 | 225,6 |
| в.Хатлон | 2020 | 1354 | 20182 | 34,0 | 148,4 |
| | 2024 | 1402 | 21901 | 35,2 | 156,4 |
| ВМКБ | 2020 | 313 | 2150 | 3,2 | 6,6 |
| | 2024 | 315 | 2120 | 3,4 | 9,3 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.46; 162; 182; 193-195]

Тавре аз додаҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, вазъи инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон вобаста ба нишондиҳандаҳои тавсифӣ гуногунанд. Масалан, шумораи мактабҳои миёна дар солҳои таҳқиқшаванда тамоюли мусбат доранд, яъне дар ҷумҳурӣ соли 2024 нисбат ба соли 2020 ба 126 воҳид зиёд гаштааст. Ин нишондод дар шаҳри Душанбе дар соли 2024 ба 212 воҳид баробар буда, он нисбат ба соли 2020 ба 36 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Суғд низ ин шумора дар соли 2020 ба 938 воҳид баробар буда, соли 2024 он ба 959 воҳид расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 2,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Нисбат ба вилояти Хатлон низ чунин гуфтан мумкин аст, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёна соли 2024 нисбат ба соли 2020 ба 48 воҳид афзоиш ёфтааст. Дар ВМКБ низ чунин тамоюли мусбӣ ба назар мерасад, соли 2024 ин нишондод ба 2 воҳид зиёд гаштааст. Аммо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳур бошад, соли 2020 теъдоди муассиса 1159 воҳидро ташкил дода, он соли 2024 ба 1149 воҳид баробар гаштааст, ки дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 ин нишондиҳанда ба 0,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки тамоюли

манфӣ дорад. Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ дар муассисаҳои тиббии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 кам гашта, тамоюли мусбӣ дар шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва Хатлон мушоҳида мегардад, ки он мутаносибан ба андозаи 1,44, 2,2, 3,5 фоиз зиёд гаштааст. Бояд қайд намуд, ки дар ВМКБ ва НТҶ ин шумора нисбати ташкили фонди манзил барои таъминоти аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ чунин гуфтан мумкин аст, ки дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ нишондиҳанда тамоюли афзоишёбӣ дошта, танҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ он ба 5,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Бо рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ сатҳи маънавиёт низ афзоиш дорад, аз ин лиҳоз, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шумораи тамошобинони осорхонаҳо ва театрҳо низ рӯ ба тараққӣ ниҳода, ин нишондиҳанда дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 1,42 маротиба афзоиш ёфтааст. Афзоиши ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд назаррас аст, зеро соли 2020 шумораи ташриф ба музей ва театрҳо агар ба 70,3 ҳазор нафар баробар бошад, пас соли 2024 ин шумора ба 225,6 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 он 3,2 баробар афзоиш ёфтааст. Чунин тамоюл дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Мухтори Куҳистони Бадахшон низ дида шуда, дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 мутаносибан ба 1,16, 1,05 ва 1,41 баробар афзоиш ёфтааст. Танҳо дар НТҶ ин нишондод нисбатан кам гашта, соли 2020 ба 126,1 ҳазор нафар ва соли 2024 ба 93,7 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 1,35 баробар коҳиш ёфтааст. Ин натиҷаҳо аз он дарак медиҳанд, ки имрӯз миллати тоҷик барои ғанӣ гардонидани маънавиёти худ ва барои ҳифзи арзишҳои миллӣ талош варзида истодаанд. Тибқи таҳлили маҷмуи нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи инфрасохтори иҷтимоии ҳудудҳои маъмурии ҷумҳурӣ гуфтан мумкин аст, ки мавҷудияти шумораи кифояи мактабҳои миёна боиси баланд гардидани фарогирии хонандагон ба онҳо мегардад, ки метавонад бевосита ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат кунад. Аз шумораи кормандони миёнаи тиббӣ самаранокии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ вобастагии мустақим дорад, бинобар ин, бо афзоиш додани шумораи

миёнаи кормандони миёнаи тиббӣ дар соҳаи тандурустӣ метавон сатҳи дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои тиббӣ баланд бардошт.

Бояд эътироф намуд, ки таъминнокии аҳолӣ бо хизматрасониҳои инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири мустақимро ба самаранокии иқтисодии истеҳсолоти иҷтимоӣ мерасонад, чунки беҳтаргардонии шароитҳои ҳаёт ва истироҳат, баландбардории тахассусмандии кормандон ба рушди маҳсулнокии меҳнат мусоидат менамояд. Воқеан ҳам, ба ин самти муҳим диққати кофӣ зоҳир намегардад. Бинобар ин, мо зарур шуморидем, ки вазъи мавҷудияти иншоотҳои инфрасохтори иҷтимоии вилоятро арзёбӣ намоем (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Ҳолат ва мавҷудияти иншоотҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 нисбат ба 2018 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фонди манзил (млн. м$^2$) | 30,6 | 31,3 | 32,0 | 32,7 | 33,1 | 33,8 | 34,2 | 111,8 |
| Шумораи муассисаҳои таълимӣ (воҳид) | 1217 | 1230 | 1244 | 1251 | 1257 | 1265 | 1274 | 104,7 |
| Шумораи беморхонаҳо (воҳид) | 174 | 173 | 177 | 179 | 180 | 182 | 187 | 107,5 |
| Шумораи осорхонаву театрҳо (воҳид) | 29 | 29 | 29 | 29 | 29 | 33 | 33 | 113,8 |
| Шумораи китобхонаҳо (воҳид) | 355 | 362 | 362 | 362 | 362 | 362 | 362 | 101,9 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.49-62; 138; 162-168]

Таҳлили додаҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд ва хизматрасонии аз ҷониби онҳо расонидашаванда тағйиротҳои назаррасро паси сар намудаанд. Масалан, фонди манзил агар дар соли 2018 30,6 млн. м$^2$ –ро ташкил диҳад, дар соли 2024 он ба 34,2 млн. м$^2$ баробар гаштааст, ки ба 111,8 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки таъминнокии минтақа бо объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ беҳтар гаштааст. Шумораи муассисаҳои таълимӣ низ дар вилоят зиёд гашта, он дар соли 2024 нисбат ба 2018 104,7 фоиз афзоиш ёфтааст, яъне ин нишондиҳанда аз зиёд шудани ҳам муассисаҳои томактабӣ, ҳам миёнаи умумӣ ва ҳам таҳсилоти олии касбӣ дарак медиҳад. Шумораи

беморхонаҳо дар соли 2024 нисбат ба 2018 зиёд шуда, ба 187 адад расидааст, ки 107,5 фоиз тамоюли мусбии афзоиш дорад. Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки афзоишёбӣ бештар дар шумораи осорхонаву театрҳо дида мешавад, ки он дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба 113,8 фоиз зиёд гаштааст. Шумораи китобхонаҳо низ дар 7 соли таҳлилӣ ба 101,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз афзоишёбии ин нишондиҳандаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки шумораи объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста ба соҳаҳои мухталифи он зиёд гашта, дастрасӣ ба хизматрасонии онҳо беҳтар гаштааст. Вале нишондиҳандаҳои овардашуда барои арзёбии мукаммали соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ кифоягӣ намекунанд ва танҳо вазъи мавҷудияти объектҳои инфрасохторро нишон медиҳанду халос.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бунёд ва тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ, тайёр кардани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир, мусоидат ба шуғл ва мутобиқшавии онҳо, мусоидат ба рушди илм, фарҳанг ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши бузургро мебозанд. Зеро онҳо захираҳои инсониро ташаккул медиҳанд, тадқиқоти илмӣ ва барномаҳои таълимиро дастгирӣ мекунанд, барои донишҷӯён, кормандон ва ҷомеа марказҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ эҷод мекунанд. Бинобар ин, масъалаи таъминнокии донишҷӯён бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки вазъи таъминнокии он дар ҷадвали зер нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.3. - Таъминнокии донишҷӯён бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2020-2024)**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | | Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (воҳид) | | Шумораи умумии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (нафар) | | Сатҳи таъминнокӣ ба 10000 нафар | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 |
| ҶТ | 9716,8 | 10288,3 | 40 | 46 | 229626 | 214435 | 41,2 | 44,7 |
| ВМКБ | 228,4 | 233,6 | 2 | 2 | 4226 | 2681 | 87,6 | 85,6 |
| в. Суғд | 2783,0 | 2917,3 | 7 | 10 | 47528 | 45085 | 25,2 | 34,3 |
| в. Хатлон | 3459,7 | 3697,8 | 6 | 7 | 43944 | 44540 | 17,3 | 18,9 |
| ш.Душанбе | 1185,4 | 1242,6 | 24 | 26 | 130381 | 119181 | 202,5 | 209,3 |
| НТҶ | 2060,3 | 2197,0 | 1 | 1 | 3547 | 2948 | 4,8 | 4,6 |

*Сарчашма:* Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [25, с.67-68]

Тавре аз додаҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 дар умум 40 адад буда, соли 2024 он ба 46 адад расидааст. Шумораи бештари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шаҳри Душанбе рост меояд, ки он дар соли 2020 ба 24 адад баробар буда, дар соли 2024 ба 26 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 2 адад зиёд гаштааст. Вобаста ба шумора, дар ҷойи дуюм вилояти Суғд қарор дорад, ки ин теъдод дар соли 2020 7 адад буда, дар соли 2024 ба 10 адад расидааст, яъне нисбат ба соли 2020 ба 42,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Хатлон бошад, дар соли 2020 теъдоди муассиса 6 ададро ташкил дода, соли 2024 он ба 7 адад расонида шудааст, ки нисбат ба давраи таҳлил 1 адад зиёд гаштааст. Дар ВМКБ ҳамагӣ 2 адад ва дар НТҶ 1 адад муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷуд аст, ки дар ду давраи таҳлил бетағйир боқӣ мондааст.

Нисбат ба шумораи умумии донишҷӯён дар МТОК гуфтан мумкин аст, ки дар ду давраи таҳлил ин нишондод тамоюли коҳишёбиро доро мебошад. Масалан, ин шумора дар соли 2020 ба 229626 нафар баробар бошад, соли 2024 ба 214435 нафар расидааст, ки ба 15191 нафар ё ба 93,4 фоиз кам гаштааст. Коҳишёбии ин шумора дар ВМКБ, ш.Душанбе ва НТҶ бештар ба назар мерасанд. Сабаби кам шудани теъдоди муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳур дар он аст, ки бештари хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсил ба хориҷа мераванд ва ё аз таҳсил дар МТОК дур ҳастанд, яъне ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.

Вобаста ба сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ба 10000 нафар аҳолӣ 41 муассиса ва дар соли 2024 44 муассиса рост меояд, ки он дар соли 2024 ба 7 фоиз афзоиш ёфтааст. Сатҳи таъминнокии шаҳри Душанбе бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 10000 нафар аҳолӣ дар соли 2020 ба 202 адад, дар соли 2024 ба 209 адад рост меояд, ки дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Сатҳи баланди таъминнокӣ дар шаҳри Душанбе дар он аст, ки аксари сокинони шаҳру

ноҳияҳои ҷумҳур ба пойтахт барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ меоянд. ВМКБ аз рӯи таъминнокӣ ҷойи дуюмро ишғол намудааст, ки он дар соли 2020 ба 87 адад ва дар соли 2024 85 ададро ташкил медиҳад. Сатҳи баланди таъминнокӣ дар ВМКБ дар он аст, ки шумораи аҳолии ин минтақа нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳур нисбатан камтар аст. Таъминнокии аҳолӣ ба 10000 нафар аҳолӣ дар вилояти Суғд дар соли 2020 ба 25 адад ва дар соли 2024 ба 34 адад мувофиқ омадааст. Баланд шудани сатҳи таъминнокӣ дар вилояти Суғд аз зиёд шудани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шаҳодат медиҳад. Сатҳи таъминнокӣ бо МТОК дар вилояти Хатлон ва НТҶ қонеъкунанда набуда, нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ пасттар аст. Масалан, дар вилояти Хатлон таъминнокӣ ба 10000 нафар аҳолӣ агар дар соли 2020 ва 2024 мутаносибан 17 ва 18 адад бошад, пас дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ он дар солҳои 2020-2024 мутаносибан ба 4 адад баробар аст.

Мавҷудият ва фаъолияти муассисаҳои тиббӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ унсури муҳим буда, таъминоти аҳолӣ бо онҳо яке аз ҷузъҳои муҳимми ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Барои арзёбии дурусти вазъи таъминоти аҳолӣ бо муассисаҳои тиббӣ дар вилояти Суғд нишондиҳандаҳои мухталифи тавсифдиҳанда мавҷуданд, ки онҳо дар ҷадвали 2.4. гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.4. - Вазъи таъминоти аҳолӣ бо муассисаҳои тиббӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2019-2024**

| Нишондиҳанда | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Тағйирёбӣ дар соли 2024 нисбат ба 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | мут. | нис. |
| Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | 2707,3 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 | 2917,3 | 2966,1 | 258,8 | 1,09 |
| Шумораи беморхонаҳо (воҳид) | 173 | 177 | 179 | 180 | 182 | 187 | 14 | 1,08 |
| Шумораи муассисаҳои амбулаторӣ - дармонгоҳҳо (воҳид) | 458 | 448 | 451 | 451 | 452 | 459 | 1 | 1,00 |

*Идомаи ҷадвали 2.4.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъминот бо беморхонаҳо (ба 10000 нафар) | 639 | 636 | 633,9 | 627,2 | 623,9 | 630,4 | -8,6 | 0,98 |
| Таъминот бо муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо (ба 10000 нафар) | 1691,7 | 1609,8 | 1597,1 | 1571,4 | 1549,4 | 1547,5 | -144,2 | 0,91 |
| Адади марказҳои (шӯъбаҳои) ёрии тиббии таъҷилӣ | 73 | 74 | 74 | 72 | 72 | 72 | -1 | 0,99 |
| Шумораи ашхосе, ки ба онҳо ёрии тиббии таъҷилӣ расонида шуд, ҳазор нафар | 336,6 | 492,9 | 465,4 | 445,5 | 383,1 | 450,9 | 114,3 | 1,34 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.9; 138; 151]

Чӣ хеле ки аз ҷадвал маълум аст, шумораи аҳолии минтақа аз соли 2019 то соли 2024 рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки тағйирёбии он ба 258,8 нафар баробар мебошад ва бо афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ шумораи беморхонаҳо низ зиёд гардидааст. Масалан, теъдоди беморхонаҳо дар соли 2019 173 адад буда, соли 2024 он ба 187 адад расидааст, ки ба миқдори 14 адад зиёд гардидааст. Вале теъдоди муассисаҳое, ки бо хизматрасонии амбулаторӣ-дармонбахшӣ машғуланд, нисбатан коҳиш ёфтаанд. Масалан, теъдоди ин гуна муассиса дар соли 2019 ба 458 воҳид расида, дар соли 2020 ба 10 воҳид кам гаштааст ва дар соли 2024 он ба 459 воҳид расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба 1 воҳид зиёд шудааст. Сатҳи таъминоти аҳолӣ бо беморхонаҳо дар солҳои мавриди таҳлил тамоюли гуногун дорад, ки ин аз афзоишёбии шумораи аҳолии минтақа гувоҳӣ медиҳад. Масалан, хизматрасонии як воҳид беморхона дар соли 2019 ба 639 нафар ва дар соли 2024 ба 630 нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба 9 нафар кам гаштааст. Сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо ба 10000 нафар аҳолӣ дар соли 2019 ба 1691,7 нафар ва дар соли 2024 ба 1547,5 нафар баробар мебошад, ки он дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 9,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Нисбат ба адади марказҳои (шуъбаҳои) ёрии тиббии таъҷилӣ чунин гуфтан мумкин аст, ки он дар соли 2019 73 адад

буда, соли 2024 он ба 72 адад расидааст, ки аз кам шудани теъдоди марказҳо шаҳодат медиҳад, вале ба чунин тағйирот нигоҳ накарда, шумораи ашхосе, ки ба онҳо ёрии тиббии таъҷилӣ расонида мешавад, афзоиш ёфта, он ба 99 фоиз иҷро гардидааст.

Соҳаи тандурустӣ яке аз муҳимтарин низом дар сохтори ҷомеаи муосир мебошад ва фаъолияти он мустақиман ба нишондиҳандаҳои демографӣ, вазъи сармояи инсонӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, рушди самараноки низоми тандурустӣ дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат, аз ҷумла Тоҷикистон афзалият дорад. Хизматрасонии соҳаи тандурустӣ ва иҷтимоӣ бояд ба ҳар як фарди ҷомеа дастрас бошад ва нақши кормандони соҳаи тандурустӣ дар таъмини аҳолӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ ва аҳолӣ басо калон аст. Бинобар ин, шумораи табибон ва таъминоти аҳолӣ бо онҳо яке аз масъалаҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ маҳсуб меёбад, ки дар ҷадвали зерин шумораи онҳо вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилоят гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.5. - Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои солҳои 2021-2024**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо, ҳаз.нафар | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
| Вилояти Суғд | 5193 | 100 | 5080 | 100 | 5075 | 100 | 5217 | 100 |
| н.Айнӣ | 96 | 1,85 | 91 | 1,79 | 87 | 1,72 | 93 | 1,78 |
| н.Ашт | 205 | 3,95 | 202 | 3,98 | 198 | 3,90 | 196 | 3,76 |
| н.Бобоҷон Ғафуров | 471 | 9,07 | 461 | 9,07 | 478 | 9,42 | 487 | 9,33 |
| ш. Бӯстон | 151 | 2,91 | 159 | 3,13 | 154 | 3,04 | 166 | 3,18 |
| ш.Гулистон | 105 | 2,02 | 102 | 2,01 | 94 | 1,86 | 99 | 1,90 |
| н.Деваштич | 188 | 0,35 | 186 | 3,66 | 184 | 3,63 | 189 | 3,62 |
| н.Зафаробод | 91 | 1,75 | 86 | 1,69 | 82 | 1,62 | 89 | 1,70 |
| ш.Истаравшан | 456 | 8,78 | 453 | 8,92 | 440 | 8,67 | 443 | 8,49 |
| ш. Истиқлол | 21 | 0,40 | 18 | 0,35 | 29 | 0,57 | 21 | 0,40 |
| ш.Исфара | 430 | 8,28 | 419 | 8,25 | 407 | 8,02 | 429 | 8,22 |
| ш.Конибодом | 303 | 5,83 | 288 | 5,67 | 287 | 5,66 | 286 | 5,48 |
| н.К.Мастчоҳ | 39 | 0,75 | 35 | 0,69 | 35 | 0,69 | 29 | 0,55 |
| н.Мастчоҳ | 167 | 3,22 | 160 | 3,15 | 160 | 3,15 | 155 | 2,97 |
| ш.Панҷакент | 449 | 8,65 | 440 | 8,66 | 443 | 8,73 | 460 | 8,82 |
| н.Спитамен | 183 | 3,52 | 180 | 3,54 | 179 | 3,53 | 182 | 3,49 |
| ш. Хуҷанд | 1564 | 30,12 | 1529 | 30,11 | 1558 | 30,70 | 1619 | 31,03 |
| н.Ҷаббор Расулов | 209 | 4,02 | 208 | 4,09 | 198 | 3,90 | 209 | 4,01 |
| н.Шаҳристон | 65 | 1,25 | 63 | 1,24 | 62 | 1,22 | 65 | 1,24 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.145]

Аз рӯи додаҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки дар соли 2021 шумораи умумии табибон дар вилоят ба 5193 нафар баробар буда, шумораи бештари он ба шаҳри Хуҷанд рост меояд, ки 31,03 фоизи вилоятро ташкил додааст. Дар ҷои дуввум, н.Б.Ғафуров қарор дорад, ки шумораи умумии табибон 9,33 фоизи вилоятро ташкил медиҳад ва ба шаҳрҳои Истаравшан, Исфара, Панҷакент ин ҳисса ба 8 фоиз баробар аст. Ҳиссаи камтарин ба шаҳри Истиқлол, ноҳияҳои Айнӣ, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон рост омадааст, ки аз 0,02 то ба 1,6 фоиз баробар аст.

Соли 2024 шумораи умумии табибон дар вилоят ба 5217 нафар расидааст, ки нисбат ба 2021 ба 0,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки дар соли 2024 нисбат ба соли 2021 дар бисёр шаҳру ноҳияҳои вилоят камшавии шумораи табибон дида мешавад. Масалан, агар дар н.Айнӣ соли 2021 шумора ба 96 нафар баробар бошад, пас соли 2024 он ба 93 нафар расидааст, ки ба 3,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар шаҳрҳои Гулистон, Исфара, Истаравшан, Конибодом, ноҳияҳои Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Спитамен чунин тамоюли коҳишёбӣ ба мушоҳида мерасад. Аммо дар шаҳрҳои Истиқлол, Бӯстон, Панҷакент, Хуҷанд ва ноҳияи Деваштич зиёдшавии шумораи табибон ба назар мерасанд. Таҳқиқи ин нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар минтақа дар давоми солҳои 2021-2024 коҳишёбии нерӯи кадрӣ дар соҳаи тандурустӣ дида мешавад.

Кормандони тиббӣ дар ҳимояи беморон, паймоиш дар низомҳои мураккаби тандурустӣ барои таъмини қонеъ кардани ҳуқуқ ва ниёзҳои онҳо нақши муҳим мебозанд, ки мавҷудияти шумораи зарурии кормандони тиббӣ дар вилоят яке аз масъалаҳои муҳимми арзёбии инфрасохтори иҷтимоӣ ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, хостем, то шумораи онҳоро нисбат ба шаҳру ноҳияҳои вилоят мавриди баррасӣ қарор диҳем.

**Ҷадвали 2.6. - Шумораи миёнаи кормандони тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои солҳои 2021-2024**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Шумораи миёнаи кормандони тиббӣ, нафар | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
| Вилояти Суғд | 17854 | 100 | 17972 | 100 | 17574 | 100 | 17877 | 100 |
| н.Айнӣ | 513 | 2,87 | 485 | 2,70 | 483 | 2,75 | 470 | 2,63 |
| н.Ашт | 886 | 4,96 | 1092 | 6,08 | 1069 | 6,08 | 1088 | 6,09 |
| н.Бобоҷон Ғафуров | 1906 | 10,68 | 1879 | 10,46 | 1847 | 10,51 | 1881 | 10,52 |
| ш. Бӯстон | 331 | 1,85 | 330 | 1,84 | 323 | 1,84 | 347 | 1,94 |
| ш.Гулистон | 356 | 1,99 | 344 | 1,91 | 352 | 2,00 | 340 | 1,90 |
| н.Деваштич | 993 | 5,56 | 939 | 5,22 | 898 | 5,11 | 890 | 4,98 |
| н.Зафаробод | 524 | 2,93 | 516 | 2,87 | 511 | 2,91 | 523 | 2,92 |
| ш.Истаравшан | 1486 | 8,32 | 1532 | 8,52 | 1317 | 7,49 | 1389 | 7,77 |
| ш. Истиқлол | 85 | 0,48 | 94 | 0,52 | 123 | 0,70 | 85 | 0,47 |
| ш.Исфара | 1789 | 10,02 | 1677 | 9,33 | 1673 | 9,52 | 1752 | 9,80 |
| ш.Конибодом | 1581 | 8,86 | 1534 | 8,54 | 1475 | 8,39 | 1408 | 7,88 |
| н.Кӯҳистони Мастчоҳ | 101 | 0,57 | 113 | 0,63 | 104 | 0,59 | 101 | 0,56 |
| н.Мастчоҳ | 624 | 3,50 | 635 | 3,53 | 629 | 3,58 | 647 | 3,62 |
| ш.Панҷакент | 1603 | 8,98 | 1794 | 9,98 | 1771 | 10,08 | 1831 | 10,24 |
| н.Спитамен | 586 | 3,28 | 572 | 3,18 | 547 | 3,11 | 540 | 3,02 |
| ш. Хуҷанд | 3242 | 18,16 | 3203 | 17,82 | 3236 | 18,41 | 3309 | 18,51 |
| н.Ҷаббор Расулов | 839 | 4,70 | 851 | 4,74 | 836 | 4,76 | 892 | 4,99 |
| н.Шаҳристон | 399 | 2,23 | 382 | 2,13 | 380 | 2,16 | 384 | 2,15 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.147]

Тибқи маълумотҳои ҷадвал маълум гардид, ки дар вилояти Суғд соли 2021 шумораи миёнаи кормандони тиббӣ ба 17854 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 17877 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2021 ба 0,13 фоиз афзоиш ёфтааст. Агар ин нишондиҳандаро нисбат ба шаҳру ноҳияҳо таҳлил намоем, пас шумораи бештари кормандони тиббӣ дар соли 2024 ба шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан, Панҷакент ва ноҳияи Б.Ғафуров рост меояд ва дар дигар шаҳру ноҳияҳо ин теъдод нисбатан камтар аст. Масалан, соли 2021 шумораи кормандони тиббӣ дар шаҳри Хуҷанд ба 3242 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 3309 нафар расидааст, ки тамоюли мусбии афзоиш дорад. Дар н.Б.Ғафуров бошад, соли 2021 ин нишондиҳанда 1906 нафарро ташкил дода, соли 2024 он ба 1881 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 1,31 фоиз коҳиш ёфтааст. Тибқи додаҳои ҷадвал дар давраи таҳлилшаванда афзоиши шумораи кормандони тиббӣ танҳо, дар шаҳрҳои Бӯстон, Хуҷанд, Истиқлолу Панҷакент ва ноҳияҳои Ашту

Мастчоҳ ва Ҷ.Расулов ба назар расида, дар дигар шаҳру ноҳияҳо коҳишёбӣ дида мешаванд.

Яке аз омилҳои муҳимми рушди инсон ва ҷомеа соҳаи фарҳанг маҳсуб меёбад. Фарҳанг яке аз фаъолиятҳои хоси инсонӣ буда, ба эҷоди воқеиятҳои маънавӣ ва моддӣ нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи он низоми ғояҳо, арзишҳо ва меъёрҳои рафторӣ инкишоф ёфта, рушди иҷтимоии инсон дар ҷаҳони маънавии ӯ таҷассум меёбад. Арзёбии вазъи муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва шумораи истифодабарандагони он яке аз ҷанбаҳои муҳимми инфрасохтори иҷтимоии минтақа ҳисобида мешавад, ки нишондиҳандаҳои ин соҳа дар ҷадвали 2.7. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.7. - Вазъи муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва шумораи истифодабарандагони он дар вилояти Суғд барои солҳои 2019-2024**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Адади театрҳо, воҳид | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 |
| Шумораи тамошобини театрҳо, ҳазор нафар | 200 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Адади осорхонаҳо, воҳид | 22 | 22 | 22 | 22 | 24 | 24 |
| Шумораи тамошобини осорхонаҳо, ҳазор нафар | 58,5 | 50,0 | 50,0 | 50,0 | 50,0 | 50,0 |
| Адади тамошобини осорхонаҳо ба 1000 нафар аҳолӣ | 22 | 18 | 20 | 20 | 20 | 20 |
| Адади китобхона, воҳид | 362 | 362 | 362 | 362 | 362 | 362 |
| Фонди китобхона, ҳаз.нусха | 2558 | 2562 | 2571 | 2584 | 2602 | 2611 |
| Ҳамагӣ хонандаҳо дар китобхона, ҳазор нафар | 259,6 | 259,8 | 265,2 | 266,1 | 264,7 | 261,9 |
| Шумораи хонанда ба ҳисоби миёна дар 1 китобхона, нафар | 717 | 717 | 732 | 735 | 731 | 723 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.162-166]

Ҳисобҳо мушаххасан нишон медиҳанд, ки вазъи муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар давраи таҳлилшаванда қариб бетағйиранд. Тавре аз додаҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, адади театрҳо аз соли 2019 то соли 2024 бе тағйир буда, ба 7 адад баробар аст, вале шумораи тамошобини театрҳо дар соли 2019 ба 200 ҳазор нафар ва дар соли 2024 ба 100 ҳазор нафар баробар аст, ки ба 50 фоиз коҳиш ёфтааст. Теъдоди осорхонаҳо аз 22 адади соли 2019 ба 24 адади соли 2024 баробар аст, ки нисбат ба давраи таҳлилшаванда 9 фоиз афзоиш ёфтааст. Аммо бо зиёд шудани теъдоди осорхонаҳо шумораи тамошобини он кам гаштааст. Шумораи тамошобини осорхонаҳо дар соли 2019 ба 58,5 ҳазор нафар буда, он дар

соли 2024 ба 50 ҳазор нафар расидааст, ки 14,5 фоиз коҳишёбӣ дида мешавад. Теъдоди китобхонаҳо низ дар давраи таҳлилӣ бетағйир буда, он дар соли 2019 ва 2024 ба 362 воҳид баробар мебошад. Новобаста ба тағйир наёфтани ин нишондиҳанда фонди китобхона низ зиёд шудааст, ки он дар соли 2019 ба 2558 ҳазор нусха баробар шудааст ва дар соли 2024 ба 2611 ҳазор нусха расидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба 2,01 фоиз афзоиш ёфтааст. Тамоюли мусбии ин нишондиҳандаҳо аз афзоишёбии шумораи хонандагон дар китобхона дарак медиҳад, ки он дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 ба 0,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Шумораи хонанда ба ҳисоби миёна дар 1 китобхона дар соли 2019 ба 717 нафар баробар буда, дар соли 2024 он ба 723 нафар расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо амалӣ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкилу баргузор намудани озмунҳои ҷумҳуриявӣ хонандагон барои боз ҳам ғанӣ намудани ҷаҳони маънавии худ рӯ ба китобхона ниҳодаанд.

Шароити манзилии аҳолӣ яке аз ҷузъи муҳимми инфрасохтори иҷтимоӣ буда, нигоҳдории он ба рушди дигар унсурҳои инфрасохтор ҳавасманд мебошад ва ба сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи таваллуд мусоидат мекунад. Шароити манзилии аҳолӣ ниёзи асосӣ ва ҳаётан муҳимми аҳолӣ ҳисобида мешавад ва мавҷудияти фонди манзилӣ ва мувофиқатии он ба шумораи аҳолӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки шароити манзилии аҳолӣ вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ҷадвали 2.8. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.8. - Шароити манзилии аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Шумораи умумии аҳолӣ | | Фонди умумии манзил, млн. м² | | Фонди манзили шаҳрӣ, млн. м² | | Фонди манзили деҳот, млн. м² | | Шумораи истиқомат-кунандагон дар 1 км² | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 |
| Вилояти Суғд | 2783,0 | 2966,1 | 32,0 | 34,2 | 11,0 | 11,8 | 21,3 | 22,4 | 110,4 | 117,7 |
| н.Айнӣ | 90,2 | 95,2 | 1,2 | 1,2 | 0,01 | 0,01 | 1,2 | 1,2 | 17,3 | 18,3 |
| н.Ашт | 173,5 | 184,9 | 2,2 | 2,5 | 0,7 | 0,8 | 1,6 | 1,7 | 62,0 | 66,1 |
| н.Б.Ғафуров | 383,4 | 406,3 | 3,6 | 3,8 | 0,3 | 0,3 | 3,3 | 3,5 | 142,0 | 150,5 |
| ш. Бӯстон | 37,1 | 40,3 | 0,9 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | - | - | - | - |
| ш.Гулистон | 49,8 | 52,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | - | - | - | - |
| н.Деваштич | 178,9 | 194,2 | 1,7 | 1,8 | 0,1 | 0,1 | 1,6 | 1,6 | 111,8 | 121,4 |
| н.Зафаробод | 75,9 | 82,9 | 0,8 | 0,9 | 0,2 | 0,2 | 0,6 | 0,7 | 189,8 | 207,7 |
| ш.Истаравшан | 282,2 | 305,6 | 2,3 | 2,5 | 0,8 | 0,9 | 1,45 | 1,6 | 403,1 | 436,9 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш. Истиқлол | 18,3 | 19,3 | 0,3 | 0,4 | 0,3 | 0,4 | - | - | - | - |
| ш.Исфара | 283,3 | 293,3 | 2,9 | 3,0 | 1,1 | 1,2 | 1,8 | 1,8 | 354,1 | 366,2 |
| ш.Конибодом | 218,0 | 225,6 | 3,2 | 3,3 | 0,7 | 0,8 | 2,5 | 2,6 | 272,5 | 282,0 |
| н.К. Мастчоҳ | 24,0 | 25,6 | 0,4 | 0,4 | - | | 0,4 | 0,4 | 6,5 | 6,9 |
| н.Мастчоҳ | 129,7 | 141,6 | 1,1 | 1,2 | 0,2 | 0,2 | 0,9 | 1,0 | 129,7 | 141,6 |
| ш.Панҷакент | 307,5 | 333,1 | 3,3 | 3,4 | 0,9 | 0,9 | 2,4 | 2,5 | 83,1 | 90,0 |
| н.Спитамен | 147,3 | 158,2 | 1,7 | 1,7 | 0,2 | 0,2 | 1,5 | 1,6 | 368,3 | 395,5 |
| ш. Хуҷанд | 196,8 | 206,5 | 3,4 | 3,7 | 3,4 | 3,7 | - | - | - | - |
| н.Ҷ. Расулов | 142,0 | 151,4 | 1,6 | 1,8 | 0,3 | 0,3 | 1,4 | 1,5 | 473,3 | 504,7 |
| н.Шаҳристон | 45,1 | 50,0 | 0,7 | 0,7 | - | - | 0,7 | 0,7 | 41,0 | 45,4 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.24-28; 169-172]

Дар асоси маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда гуфтан мумкин аст, шумораи аҳолии минтақа аз соли 2020 то 2024 рӯ ба афзоиш ниҳода, ба 183,1 ҳазор нафар зиёд шудааст. Чунин тамоюл дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят дида мешавад. Фонди умумии манзил дар соли 2020 ба 32,0 млн. м$^2$ баробар буда, дар соли 2024 он ба 34,2 млн. м$^2$ расидааст, ки ба 6,9 фоиз афзоиш дорад. Фонди манзили шаҳрӣ дар соли 2020 дар миқёси вилоят 11,0 млн. м$^2$ ва дар соли 2024 он ба 11,8 млн. м$^2$ расидааст, ки дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 ба 7,3 фоиз зиёд шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар ноҳияҳои Мастчоҳ ва Шаҳристон фонди манзили шаҳрӣ мавҷуд нест ва ин аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва минтақаи кӯҳӣ будани онҳо шаҳодат медиҳад. Фонди манзили деҳот низ тамоюли мусбӣ дорад, дар соли 2020 он ба 21,3 млн. м$^2$ баробар буда, дар соли 2024 ба 22,4 млн. м$^2$ расидааст, ки дар натиҷа ба 5,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Боиси қайд аст, ки фонди манзили деҳот дар шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон, Истиқлол ва Хуҷанд мавҷуд нестанд. Нишондиҳандаи дигари муҳимми шароити манзилии аҳолӣ дар минтақа ва ҳудудҳои он шумораи истиқоматкунандагон дар 1 км$^2$ мебошад, ки ин нишондод дар соли 2020 ба 110 нафар ва дар соли 2024 ба 117 нафар расидааст, ки нисбат ба давраи гузашта 6,4 фоиз тамоюли афзоиш дорад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи истиқоматкунандагон дар 1 км$^2$ рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, ин шумора дар шаҳри Истаравшан, Исфара ва ноҳияи

Спитамен ҳиссаи бештар дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 мутаносибан ба 8,4, 3,4 ва 7,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Хизматрасониҳои хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, ба монанди таъмини об, канализатсия ва таъминот бо газ ҷузъи муҳимми низоми таъминоти ҳаёти ҷамъиятӣ буда, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти онҳо, ҳифзи ҳуқуқу саломатии онҳо ва таъмини амнияти миллӣ нигаронида шудааст. Аҳаммияти баланди иҷтимоии вазифаҳои таъминкунандаи хоҷагии манзилӣ-коммуналиро бояд қайд кардан лозим аст, ки ба саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, дараҷаи маданию маърифатӣ ва касбии инсон таъсир мерасонад. Бинобар ин, мо зарур донистем, ки вазъи таъмини аҳолии вилоятро бо хизматрасонии хоҷагии коммуналӣ дар ҷадвали 2.9. оварда бошем.

**Ҷадвали 2.9. - Вазъи таъминоти аҳолӣ бо хоҷагии коммуналӣ дар шаҳру деҳаҳои вилояти Суғд**

| | | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳаз. нафар | % | ҳаз. нафар | % | ҳаз. нафар | % | ҳаз. нафар | % |
| Шумораи аҳолӣ | шаҳрҳо | 1338,2 | 100 | 1356,8 | 100 | 1377,8 | 100 | 1398,4 | 100 |
| | деҳаҳо | 1444,8 | 100 | 1467,1 | 100 | 1492,2 | 100 | 1518,9 | 100 |
| Миқдори маҳалҳои аҳолинишин, ки доранд: | | | | | | | | | |
| Облӯла | шаҳрҳо | 23 | 1,72 | 23 | 1,69 | 23 | 1,67 | 23 | 1,64 |
| | деҳаҳо | 15 | 1,04 | 15 | 1,02 | 15 | 1,00 | 15 | 0,99 |
| Канализатсия | шаҳрҳо | 20 | 1,49 | 22 | 1,62 | 22 | 1,60 | 22 | 1,57 |
| | деҳаҳо | 10 | 0,69 | 10 | 0,68 | 10 | 0,67 | 10 | 0,66 |
| Бо газ таъмин | шаҳрҳо | 11 | 0,82 | 11 | 0,81 | 11 | 0,80 | 11 | 0,79 |
| | деҳаҳо | 3 | 0,21 | 3 | 0,20 | 3 | 0,20 | 3 | 0,19 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.176]

Тавре аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, миқдори маҳалҳои аҳолинишин, ки бо облӯла, канализатсия ва бо газ таъмин беҳад дар сатҳи паст қарор дошта, беҳбудиро талаб менамояд. Масалан, аҳолӣ бо облӯла солҳои 2021 -2024 дар шаҳрҳо танҳо 23 маҳал, дар деҳот 15 маҳал таъмин буда, он дар соли 2021 нисбат ба шумораи умумии аҳолии вилоят мутаносибан 1,64 фоиз ва 0,99 фоизро ташкил медиҳад. Истифодаи канализатсия низ дар давраи таҳлилшаванда қариб ки бетағйир буда, дар соли 2024 22 маҳал ва дар деҳот ҳамагӣ 10 маҳал бо он таъминанд, ки

нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ мутаносибан 1,57 ва 0,66 фоизро ташкил медиҳад.

Боиси қайд кардан аст, ки тадқиқоти марбут ба беҳтар намудани рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои бахши хоҷагии коммуналӣ заминаи муҳимми захиравии рушди минтақаҳо маҳсуб меёбад, зеро инфрасохтори иҷтимоии рушдёфта минтақаро барои сармоягузорӣ ҷолиб мегардонад ва ин боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромадҳои андозӣ, беҳбудии шароити зиндагии мардум мегардад.

Барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз методикаи пешниҳоднамудаи муҳаққиқони рус Е.А. Алпеева, Н.П. Молчанова ва А.А. Сисоев, ки дар параграфи 1.2. қайд карда будем истифода намуда, рушди инфрасохтори иҷтимоии вилоятро дар муқоиса бо минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.10. таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 2.10. - Арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $\bar{X}$ | $I_{РИИ} = \sqrt[8]{X_8}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 1318,95 | 1210,5 | 10273,1 | 442,5 | 58,03 | 4189,5 | 32313,8 | 56295,4 | 13262,72 | 3,28 |
| в. Суғд | 249,9 | 316,25 | 2340,55 | 142,4 | 19,75 | 1469,7 | 3222,7 | 16839,1 | 3075,04 | 2,73 |
| в. Хатлон | 3156 | 396,25 | 455,6 | 165,8 | 19,8 | 934,2 | 338,3 | 20075,7 | 3192,7 | 2,74 |
| ВМКБ | 618,25 | 85,5 | 1518,85 | 26,26 | 5,35 | 107,9 | 75,3 | 9,9 | 305,9 | 2,05 |
| ш.Душанбе | 1999 | 100,5 | 3043,15 | 169,9 | 11,65 | 778,5 | 557,3 | 24,7 | 835,59 | 2,3 |
| НТҶ | 1613,5 | 311 | 558,7 | 76,8 | 13,6 | 554,5 | 297,3 | 53,5 | 434,86 | 2,1 |

***Сарчашма.*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [23, с.45-53; 154; 166-171; 180-191; 303-345]; [27, с.49-62; 152-165; 281-346]

Рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи усули интегралӣ дар асоси 8 блоки нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда шудааст. Тибқи додаҳои ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки қимати блоки $X_1$, ки дар он нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ истифода шудаанд, дар ҷумҳурӣ ба 1318,95 баробар буда, ҳиссаи бештари он ба вилояти Хатлон рост омадааст, ки нисбат ба дигар минтақаҳо аз ҳама баландтарин арзёбӣ карда мешавад. Дар шаҳри Душанбе ва НТҶ низ ин қимат баланд буда, мутаносибан ба 1999 ва 1613,5 баробар аст, вале дар

вилояти Суғд ва ВМКБ нишондиҳандаҳо аз ҳама пасттар арзёбӣ шуда, ба 249,9 ва 618,25 баробар мебошанд. Дар блоки $X_2$ нишондиҳандаҳои соҳаи маориф истифода шудаанд, ки он барои ҷумҳур ба 1210,5 баробар аст, ки ҳиссаи аз ҳама бештар ба вилоятҳои Хатлону Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳур рост омадааст. Қимати $X_2$ дар ВМКБ ва шаҳри Душанбе нисбатан камтар буда, ба 85,5 ва 100,5 баробаранд.

Блоки $X_3$ нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳиро фарогир аст, ки қимати он дар ҷумҳурӣ ба 10273,1 баробар буда, шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳо қимати аз ҳама баландтарин дорад, ки он ба 3043,15 баробар аст. Дар ҷои дуввум вилояти Суғд қарор дорад, ки қимати ин блок 2340,55 – ро ташкил медиҳад ва нисбат ба блок ВМКБ низ нишондиҳандаи назаррас дорад, ки он ба 1518,85 баробар аст. Вилояти Хатлон ва НТҶ нисбат ба дигар минтақаҳо қимати камтар дошта, мутаносибан он ба 455,6 ва 558,7 баробар аст. Дар блоки $X_4$ нишондиҳандаҳои соҳаи фарҳанг гирд оварда шудаанд, ки қимати он дар ҷумҳурӣ 442,5-ро ташкил дода, нишондиҳандаи баландтарин ба шаҳри Душанбе рост омадааст, ки ин қимат ба 169,9 баробар аст. Дар радифи он вилоятҳои Хатлону Суғд қарор доранд, ки қимати онҳо мутаносибан ба 165,8 ва 142,4 баробаранд. Вале дар ВМКБ ва НТҶ ин қимат камтар буда, ба 26,26 ва 76,8 баробар мебошанд.

Блоки $X_5$ ба фарогири нишондиҳандаҳои шароити манзилии аҳолӣ мебошад, ки қимати он дар ҷумҳурӣ 58,03 мебошад ва қимати ин блок дар вилоятҳои Суғду Хатлон ба 19,75 ва 19,8 баробар мебошанд. НТҶ низ нишондиҳандаи назаррас дошта, қимати он ба 13,6 баробар мебошад. Қимати ин блок дар шаҳри Душанбе ба 11,65 ва дар ВМКБ ба 5,35 баробар мебошанд. Қисмати блоки $X_6$ ба соҳаи нақлиёт бахшида шуда, қимати он дар ҷумҳурӣ 4189,5-ро ташкил медиҳад ва қимати бештар нисбат ба минтақаҳо ба вилояти Суғд рост омадааст, ки он ба 1469,7 баробар аст. Қимати вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе нисбатан назаррас буда, мутаносибан ба 934,2 ва 778,5 баробар мебошанд. Ин

нишондиҳанда дар НТҶ 554,5 буда, дар ВМКБ он ба 107,9 баробар мебошад.

Дар блоки $X_7$ соҳаи савдо истифода гардидааст, ки он дар ҷумҳурӣ ба 32313,8 баробар буда, ҳиссаи бештар ба вилояти Суғд рост омадааст, ки қимати он ба 3222,7 баробар аст. Баъд аз Суғд шаҳри Душанбе қарор дорад, ки қимати он ба 557,3 баробар мебошад. Қимати ин блок нисбат ба вилояти Хатлон ва НТҶ ба 338,3 ва 297,3 баробар буда, ВМКБ қимати аз ҳама камтарин дорад, ки он ба 75,3 баробар аст. Ниҳоят блоки охирон $X_8$ ба соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фарогир буда, қимати он дар ҷумҳурӣ 56295,4-ро ташкил медиҳад. Қимати бештар ба вилояти Хатлон рост омадааст, ки он ба 20075,7 баробар аст. Пас аз вилояти Хатлон, вилояти Суғд қарор дорад, ки қимати он 16839,1-ро ташкил медиҳад. ВМКБ, шаҳри Душанбе ва НТҶ нисбат ба дигар минтақаҳо қимати камтарин доранд, ки қимати онҳо мутаносибан ба 9,9, ба 24,7 ва 53,5 баробар мебошанд.

Дар муқоиса бо нишондиҳандаи ҷумҳурӣ вилояти Хатлон дар ҷойи аввал қарор дошта, қимати он 2,74 –ро ташкил кардааст. Дар ҷойи дувум бо нишондиҳандаи 2,73 вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе бо нишондиҳандаи 2,3 дар ҷойи севум қарор доранд. Қимати индекс дар НТҶ ба 2,1 баробар мебошад, ВМКБ бо нишондиҳандаи 2,05 дар ҷойи охирон қарор дорад.

Дар асоси раддабандии минтақаҳои ҷумҳурӣ қайд кардан мумкин аст, ки новобаста аз рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар ташаккули механизмҳои ташкилӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ ва иқтисодии онҳо камбудиву муаммоҳо ҷой доранд, ки бояд ба таври назаррас ҳаллу фасли худро ёбанд.

## 2.2. Ҷанбаҳои ташкилӣ-маъмурии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа

Дар шароити муосир тамоюли сатҳи истеъмолоти неъматҳои иҷтимоӣ, нишондиҳандаҳои давомнокии умр, саломатии ҷисмонӣ,

соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самтҳои асосии рушди иҷтимоиро ташкил медиҳанд, ки ин, пеш аз ҳама, бо баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ вобастагии калон дорад. Дар ин масъала, аз як тараф, давлат чун кафиле, ки коҳишёбии нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагии аҳолиро нисбат ба меъёрҳои муқарраршуда кафолат медиҳад баромад мекунад. Аз тарафи дигар бошад, минтақа, ки ҳамеша ин меъёрҳои истеъмолиро афзоиш медиҳад, баромад мекунад. Гуфта мешавад, ки самтҳои асосии рушди соҳаи иҷтимоӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳо хислати ягонагӣ доранд, вале механизмҳои ташкиливу маъмурии идораи соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар сатҳҳои мухталифи идораи иқтисодиёт гуногун арзёбӣ карда мешаванд. Усулҳои ташкилию маъмурӣ мустақиман ба субъекти идорашаванда тавассути қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, фармонҳо, дастуру низомномаҳо ва супоришҳои амалиётии хаттӣ ё шифоҳӣ, назорати иҷрои онҳо ва низоми воситаҳои маъмурӣ барои нигоҳ доштани фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Ин усулҳо барои таъмини шаффофияти фаъолияти соҳаҳои инфрасохтор пешбинӣ гардидаанд.

Механизмҳои ташкилӣ-маъмурӣ дар самти иҷтимоиёт чунин фишангҳои идоракуние мебошад, ки баҳри нигоҳ доштан ва баланд бардоштани самаранокии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасонии коммуналӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст. Ба қатори ин фишангҳо дохил мешавад: - Барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва амалишавии онҳо дар вилояти Суғд. - Таҳкурсии институтсионалӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ). - Таъминнокии кадрӣ. - Таъминнокии иттилоотӣ (пойгоҳи маълумот, ҳисоботи оморӣ, таъминнокӣ бо низоми иттилоотӣ).

Барои арзёбии таҳкурсии институтсионалии рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд зарур шуморидем, ки онро дар мисоли соҳаи маориф дида бароем, ки дар расми 2.1. оварда шудааст. Соҳаи маориф,

ки зерсохтори муҳимми инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин ба танзим даровარда мешавад.




**Расми 2.1. Таҳкурсии институтсионалии соҳаи маориф**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта, аз сатҳи ташаккул ва сифати он пешрафт ва тараққиёти тамоми соҳаҳои иқтисодиёт алоқамандии зич дорад. Сармояи инсонӣ дар байни дигар омилҳои дарозмуддати тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт, ба монанди захираҳои табиӣ, сармояи воқеиву молиявӣ мавқеи аввалро ишғол мекунад. Бинобар ин, рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавқеи хосаро ҷой гирифтааст.

Тибқи банди 4-уми стратегия афзалиятҳо дар рушди сармояи инсонӣ чунин қайд карда шудаанд (расми 2.2.).




**Расми 2.2. Самтҳои афзалиятнок дар рушди сармояи инсонӣ дар асоси СМР-2030**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [9]

Дар самти афзалиятҳои ислоҳоти низоми маориф ва илм вобаста ба рушди марказҳои миллии илмию таҳқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 лоиҳаи сохтмони биноҳои марказҳои илмию таҳқиқотӣ амалӣ гардида истодааст.

«1. Лоиҳаи бинои Институти илмӣ-таҳқиқотии автомобилҳои нави барқӣ дорои 3 ошёна, аз ҷумла синфхонаҳои таълимӣ, маркази тамрини мошинҳои барқӣ, озмоишгоҳи ташхиси техникӣ, омӯзиши қисмҳои иловагии мошинҳои барқӣ, марказҳои таҳқиқот, коркард ва коргоҳи маъмурият, толори таълимӣ бо 150 ҷой ва ошхона бо 60 ҷойи нишаст омода мегардад.

2. Лоиҳаи бинои Маркази экспедитсия ва санҷиши сарватҳои маъданӣ дорои 2 ошёна бо масоҳати умумии 2500 метри мураббаъ, аз ҷумла, маркази иттилоотӣ, маҷлисгоҳ бо 30 ҷой, ҳуҷраҳои корӣ ва озмоишгоҳи таҳлилии химиявӣ, таҳлили хосиятҳои маводҳо, ҳуҷраи реагентҳо, нигоҳдории боқимондаҳои моддаҳои хавфнок ва заҳролудкунанда ҷойгир мешавад.

3. Лоиҳаи бинои Маркази илмии технологияҳои иттилоотӣ дорои 3 ошёна бо масоҳати умумии 2000 метри мураббаъ, аз ҷумла, марказҳои иттилоотӣ, идоракунӣ, толори намоишӣ, озмоишгоҳҳои барномасозӣ, шабакавӣ, кабинети мултимедиавӣ, маркази идоракунӣ ва толори лексионӣ мебошад.

4. Лоиҳаи Маркази байналмилалии омӯзишии муқовимат ба терроризм дорои 10 ошёна бо масоҳати 40 садяк замин пешбинӣ гардидааст.

5. Лоиҳаи 5 бинои филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар иборат аз маҷмуи биноҳои 2 ва 3-ошёна дар масоҳати 12 садяк замин» [174].

Оид ба иҷрои афзалиятҳои самти таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ дар бахши ҷорӣ намудани моделҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳои миллии

ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла «Барномаи миллии рушди тарзи ҳаёти солим барои солҳои 2022-2026» [18] қабул гардидааст, ки дар онҳо оид ба такмили механизми пешгирии бемориҳо ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ дар асоси ҳамкорӣ бо ҷамъият ва баланд бардоштани масъулияти аҳолӣ барои саломатии худ ва атрофиён тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

«Вобаста ба таҳкимдиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини таҳкими ҷанбаҳои муҳофизат ва ҳавасмандгардонии имкониятҳо дар самтгирии ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ «Лоиҳаи навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» ба тавсиб расидааст, ки фаъолияти он аз самтҳои зерин иборат аст: «Кӯмаки яквақтаи иҷтимоӣ ба оилаҳои дар сатҳи пасти даромад қарордошта», «Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ» (навсозии ҳифзи иҷтимоӣ) ва «Эътино ба ҳолатҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт» [178].

То давраи ҷорӣ тибқи лоиҳаи мазкур дар ҷаҷми 600 сомонӣ ба ҳар оилаи камбизоат барои 112689 оилаи камбизоат дар асоси феҳристҳои пешниҳодшуда, расонидани кумаки яквақтаи иҷтимоӣ ба андозаи 67613 400 000 сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд [178].

Дар доираи баланд бардоштани арзишҳои фарҳангӣ соли 2024 дар ҷумҳурӣ 50 иншооти таъиноти фарҳангӣ азнавсозӣ ва сохта ба истифода дода шуданд. Дар ин радиф, 4 иншоот дар шаҳри Душанбе, 4 иншоот дар ВМКБ, 10 иншоот дар вилояти Суғд, 12 иншоот дар вилояти Хатлон ва 20 адад иншоот дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Вобаста ба модернизатсияи низоми дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2614 муассисаи соҳаи фарҳанг аз ҷумла, 1363 китобхона, 74 осорхона, 9 муҷтамаъ, мамнуъгоҳ ва осорхонаҳои ҷумҳуриявӣ, 69 қасри фарҳанг, 670 хонаи фарҳангӣ, 18 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 101 боғи фарҳангию фароғатӣ, 10 филармонияи халқӣ, 25 театри халқӣ, 18 театрҳои касбӣ, 13 муассисаи табъу нашр, 5 амфитеатр, 2 театр студия, 1 сирк, 1 агентӣ, 2 муассисаи илмӣ, 2 маркази сафарӣ фаъолият мебаранд.

Дар самти ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ бо татбиқи Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, ки бо дастгириҳои пайвастаи роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакат ва кӯмаки молиявии шарикони рушд рӯи даст гирифта шудааст, таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо ва деҳу деҳкадаҳои мамлакат бо оби тозаи безарар беҳтар гардида истодааст.

Дар самти коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ, паст намудани нобаробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занону духтарон, беҳтар намудани фаъолияти корӣ дар ин самт ва ҷоннок намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба расонидани зарари ҷисмонӣ нисбат ба шаҳрвандон, ҳодисаҳои зӯроварӣ, лату кӯб ва пешгирии онҳо бо Фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 воҳиди кори нозирон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ «Доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила» таъсис дода шуда, вазифаи роҳбарии онҳо бар дӯши занон вогузор карда шудааст.

Барои ноил гардидан ба дигар афзалиятҳое, ки рушди сармояи инсониро таъмин мекунанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он тадбирҳо то ҳол андешида шуда истодаанд, ки метавонанд барои таҳкими рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат мусоидат намоянд.

Таҳсилоти томактабӣ дар рушди умумии кӯдак нақши муҳим мебозад ва заминаро барои таълими оянда мегузорад. Он муҳити сохторӣ ва ҳавасмандкунандаеро фароҳам меорад, ки дар он кӯдакон малакаҳои муҳимми иҷтимоӣ, эмотсионалӣ, маърифатӣ ва ҷисмониро инкишоф медиҳанд.

Таҳсилоти томактабӣ барои рушди саривақтии саводнокӣ ва малакаҳои ҳисобу китоб мусоидат мекунад, эҷодкориро инкишоф медиҳад, ҳалли мушкилотро ташвиқ мекунад ва муҳаббатро ба омӯзиш парвариш медиҳад. Ҳамзамон малакаҳои иҷтимоӣ, муошират ва ҳамкориро беҳтар мекунад ва кӯдаконро барои муваффақияти таълимии оянда ва таҳсили муттасил омода месозад.

Аз ин лиҳоз, сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо муассисаҳои таълимӣ яке аз омили муҳимми рушди инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, таҳлили ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.11. нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2.11. - Ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024**

*(ҷойи нишаст)*

| | 2020 | % | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 1325 | 100 | 1700 | 100 | 2287 | 100 | 1282 | 100 | 1242 | 100 |
| ВМКБ | - | - | - | - | 100 | 4,4 | - | - | 200 | 16,1 |
| в.Хатлон | 365 | 27,5 | 270 | 15,9 | 667 | 29,2 | 252 | 19,7 | 420 | 33,8 |
| в.Суғд | 760 | 57,3 | 510 | 30 | 740 | 32,4 | 350 | 27,3 | 420 | 33,8 |
| ш.Душанбе | 200 | 15,1 | 920 | 54,1 | 780 | 34,1 | 680 | 53 | 202 | 16,3 |
| НТҶ | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф мутобиқи сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [25, с.11-18]

Аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки теъдоди ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам қонеъкунанда набуда, беҳбудиро талаб менамояд. Тавре маълум аст, соли 2020 теъдоди муассисаҳо дар ҷумҳурӣ ба 1325 ҷойи нишаст баробар буда, 57,3 фоизи он ба вилояти Суғд, 27,5 фоиз ба вилояти Хатлон ва 15,1 фоиз ба шаҳри Душанбе рост меояд, вале дар ВМКБ ва НТҶ теъдоди ба истифода додани муассиса ба назар намерасад. Соли 2021 дар ҷумҳурӣ нишондиҳанда ба 1700 ҷойи нишаст баробар гашта, ҳиссаи бештари он ба шаҳри Душанбе (54,1 фоиз), вилояти Суғд (30 фоиз) ва вилояти Хатлон (15,9 фоиз) рост омадааст. Дар ВМКБ ва НТҶ ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабӣ дар соли 2021 ба назар намерасад. Дар соли 2022 ин нишондод дар ҷумҳурӣ ба 2287 ҷойи нишаст расида, ҳиссаи шаҳри Душанбе 34,1 фоиз, вилояти Суғд 32,4 фоиз, вилояти Хатлон 29,2 фоиз ва ВМКБ 4,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2023 коҳишёбии нишондиҳанда ба мушоҳида мерасад, ки он ба 1282 ҷойи нишаст баробар аст ва нисбат ба соли 2022 ба 1005 ҷойи нишаст кам шудааст, яъне дар ин давра теъдоди ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабӣ кам ба нақша гирифта шудааст. Дар соли 2023 ҳиссаи минтақаҳо дар шумораи умумӣ

шаҳри Душанбе 53 фоиз, вилояти Суғд 27,3 фоиз, вилояти Хатлон 19,7 фоизро ташкил медиҳанд. Соли 2024 низ коҳишёбии ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабӣ ба назар расида, он ба 1242 ҷойи нишаст баробар гаштааст, ки нисбат ба соли 2023 ба 40 ҷойи нишаст ва нисбат ба соли 2022 ба 1045 ҷойи нишаст камтар аст. Сабаби коҳишёбии ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабиро дар ҷумҳурӣ бо сатҳи нокифояи маблағгузорӣ ба ин низом, арзиши баланди нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳо, рушди номутавозуни минтақавӣ ва омилҳои демографӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ) мудаллал кардан мумкин аст.

Ин маълумотҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аҳаммияти бештар зоҳир карда шавад, зеро таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ маҳз аз ин муассисаҳо сарчашма мегиранд. Ба таври зарурӣ таъмин накардани аҳолӣ бо объектҳои зарурии томактабӣ ба коҳишёбии фарогирии кӯдакон бо муассисаҳо оварда мерасонад, ки ба ташаккул ва рушди тафаккури онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Барои афзоиш додани ин теъдод ва рушди низоми муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ва ҳудудҳои маъмурии он бояд механизмҳои муайяни ташкилӣ ба монанди, татбиқи барномаҳои мақсаднок дар самти сохта ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ, банақшагирии маҷмуавии салоҳиятнок ва идоракунии оптималӣ дар сатҳи ҳудудҳо, шарикии давлат бо бахши хусусӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ба кор андохта шаванд, ки боиси рушди ин соҳа мегарданд.

Масъалаҳои беҳтарсозии шароити муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва омодагии касбии омӯзгорон ҳамавақт дар мадди назари Пешвои миллат қарор дорад, зеро маҳз бо ташаккул додани сармояи инсонӣ метавон ба рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар давраи ҷаҳонишавӣ ноил гашт. Бинобар ин, мо зарур донистем, оид ба истифода

додани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин маълумот гирд оварда бошем.

**Ҷадвали 2.12. - Ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024**

*(ҷойи нишаст)*

| | 2020 | % | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 21706 | 100 | 13534 | 100 | 27233 | 100 | 23252 | 100 | 18040 | 100 |
| ВМКБ | 844 | 3,9 | 640 | 4,7 | 538 | 2 | 120 | 0,5 | 340 | 1,9 |
| в.Хатлон | 10528 | 48,5 | 11124 | 82,2 | 14309 | 52,5 | 13954 | 60 | 9043 | 50,1 |
| в.Суғд | 1502 | 6,9 | 660 | 4,9 | 4230 | 15,5 | 4364 | 18,8 | 4839 | 26,8 |
| ш.Душанбе | 8192 | 37,8 | 630 | 4,7 | 5000 | 18,4 | 4194 | 18,1 | 1200 | 6,7 |
| НТҶ | 640 | 2,9 | 480 | 3,5 | 3156 | 11,6 | 620 | 2,7 | 2618 | 14,5 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [25, с.19-38]

Додаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли гуногун доранд, зеро ин нишондиҳанда дар соли 2020 дар ҷумҳурӣ ба 21706 ҷойи нишаст ва дар соли 2021 ба 13534 ҷойи нишаст баробар аст, ки дар соли 2021 нисбат 2020 ба 62,4 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар соли 2020 шумораи бештари нишондиҳанда ба вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе рост омадааст, ки он ба 10528 ва 8192 ҷойи нишаст баробар буда, ҳиссаи онҳо нисбат ба ҷумҳурӣ мутаносибан ба 48,5 фоиз ва 37,8 фоиз баробаранд. Дар вилояти Суғд, ВМКБ ва НТҶ ин ҳисса начандон калон буда, мутаносибан 6,9 фоиз, 3,9 фоиз ва 2,9 фоизро ташкил медиҳанд. Соли 2021 дар ҷумҳурӣ ба истифодадиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 13534 ҷойи нишастро ташкил дода, 82,2 фоизи он ба вилояти Хатлон рост омадааст. Вале бояд қайд намуд, ки дар дигар минтақаҳо ин нишондод ҳиссаи камро дорад ва сабаб аз коҳишёбии ин теъдод аз пасомадҳои бемории сироятии COVID – 19 шаҳодат медиҳад. Вале, дар соли 2022 ба истифодадиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ ба 27233 ҷойи нишаст расида, дар соли 2023 боз ба 3981 ҷойи нишаст кам гаштааст. Соли 2024 нишондиҳанда ба 18040 баробар гашта, нисбат ба соли 2020 ба 83,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Тавре аз ҷадвал айён аст, дар соли 2024 ҳиссаи ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бештар ба вилоятҳои Хатлон ва Суғд рост омадааст ва дар дигар

минтақаҳо бошад, нисбатан камтар аст. Масалан, дар вилояти Хатлон дар соли 2020 ҳиссаи муассисаҳо нисбат ба ҷумҳурӣ 48,5 фоизро ташкил намуда, дар соли 2024 бошад, он ба 50,1 фоиз расидааст. Дар вилояти Суғд низ ин ҳисса дар соли 2020 ба 6,9 фоиз баробар буда, вале дар соли 2024 он ба 26,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Аммо вобаста ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ метавон гуфт, ки ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ агар дар соли 2020 2,9 фоизро ташкил карда бошад, дар соли 2024 он ба 14,5 фоиз расидааст. Чунин тамоюл аз он гувоҳӣ медиҳад, ки теъдоди ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар НТҶ зиёд гаштааст. Масалан, ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ВМКБ аз 3,9 фоизи соли 2020 ба 1,9 фоизи соли 2024 баробар гаштааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки теъдоди ба истифода додани муассисаҳо рӯ ба афзоиш аст.

Ғайр аз ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва олӣ боз як нишондиҳандаи муҳим – ин мавҷудияти шумораи муайяни омӯзгорони дорои дараҷаи маълумотнокии мухталиф дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад, ки ҳамчун механизми ташкилӣ-маъмурии рушди соҳаи инфрасохтори иҷтимоии минтақа баромад мекунад. Дар ҷадвали 2.13. шумораи умумии омӯзгорон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.13. - Шумораи умумии омӯзгорон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024**

*(нафар)*

| | 2020 | % | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 130085 | 100 | 128456 | 100 | 125968 | 100 | 127197 | 100 | 130348 | 100 |
| ВМКБ | 5669 | 4,4 | 5568 | 4,3 | 5431 | 4,3 | 5290 | 4,1 | 5245 | 4,0 |
| в.Хатлон | 46662 | 35,9 | 46128 | 35,9 | 45631 | 36,2 | 47046 | 36,9 | 48175 | 36,9 |
| в.Суғд | 39838 | 30,6 | 39282 | 30,6 | 37397 | 29,7 | 36771 | 28,9 | 37468 | 28,7 |
| ш.Душанбе | 9421 | 7,2 | 11207 | 8,7 | 11479 | 9,1 | 11724 | 9,2 | 12303 | 9,4 |
| НТҶ | 28495 | 21,9 | 26271 | 20,4 | 26030 | 20,7 | 26366 | 20,7 | 27157 | 20,8 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.49-50]

Чӣ тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, шумораи умумии омӯзгорони мамлакат дар соли 2020 ба 130085 нафар баробар буда, ҳиссаи бештари он ба вилоятҳои Хатлон ва Суғд рост омадааст, ки мутаносибан 35,9 ва

30,6 фоизи ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи нисбатан кам ба НТҶ рост омадааст, ки 21,9 фоизи ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Шаҳри Душанбе ва ВМКБ нисбат ба дигар минтақаҳо ҳиссаи нисбатан камтарро дошта, 7,2 ва 4,4 фоизи ҷумҳуриро ташкил додааст. Дар соли 2024 ин нишондиҳандаҳо тағйир ёфта, шумораи умумии омӯзгорон дар ҷумҳурӣ ба 130348 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 263 нафар афзоиш ёфтааст. Вилояти Хатлон дар ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррасро дошта, 36,9 фоизи ҷумҳуриро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020 ба 1 фоиз зиёд гаштааст. Дар ҷойи дуввум, вилояти Суғд қарор дорад, ки 28,7 фоизи ҷумҳуриро ташкил медиҳад, ки ин ҳисса нисбат ба соли 2020 ба 1,9 фоиз коҳиш ёфтааст. Бо ҳиссаи 20,8 фоиз дар ҷойи сеюм НТҶ қарор дорад, ки нисбат ба соли 2020 1,1 фоиз кам гаштааст. Шаҳри Душанбе ва ВМКБ нисбатан ҳиссаи камтар дошта, он мутаносибан 9,4 ва 4 фоизро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли 2020 ҳиссаи шаҳри Душанбе ба 2,2 фоиз афзоиш ёфта, ҳиссаи ВМКБ ба 0,4 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар умум, аз рӯи таҳлили ҷадвал гуфтан мумкин аст, ки сабаби асосии кам шудани шумораи омӯзгорон дар ВМКБ, в.Суғд ва НТҶ сатҳи нокифояи музди меҳнат, тафриқаи ҳудудӣ байни минтақаҳо ва омилҳои демографӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки дар самти омода намудани кадрҳои педагогӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан зарур аст, зеро ин яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳаи маориф ҳисобида мешавад.

Ба истифодадиҳии беморхонаҳо дар соҳаи тандурустӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ҳисобида мешавад, ки теъдоди он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд ба таври зарурӣ арзёбӣ карда шавад. Зеро ба истифодадиҳии онҳо яке механизми ташкилии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва мо зарур шуморидем, ки вазъи ба истифода додани беморхонаҳоро вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда бошем, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.14. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.14. - Ба истифода додани беморхонаҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024**

*(кат)*

| | 2020 | % | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 577 | 100 | 247 | 100 | 197 | 100 | 176 | 100 | 147 | 100 |
| ВМКБ | - | - | 20 | 8,1 | - | - | - | - | - | - |
| в.Хатлон | 270 | 46,8 | 55 | 22,3 | 52 | 26,4 | 120 | 68,2 | 137 | 93,2 |
| в.Суғд | 307 | 53,2 | 172 | 69,6 | 120 | 60,9 | 56 | 31,8 | 10 | 6,8 |
| ш.Душанбе | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| НТҶ | - | - | - | - | 25 | 12,7 | - | - | - | - |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.299]

Тибқи маълумотҳои ҷадвал чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки теъдоди ба истифода додани беморхонаҳо дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 577 адад буда, ин теъдод ба вилоятҳои Халон ва Суғд рост омадааст, ки мутаносибан ба 270 ва 307 адад баробар аст. Соли 2021 ин теъдод дар ҷумҳурӣ ба 247 адад баробар буда, ҳиссаи бештар ба вилояти Суғд рост омадааст, ки 69,6 фоизро ташкил медиҳад. Вилояти Хатлон бо ҳиссаи 22,3 фоиз дар ҷойи дуюм қарор дорад ва 8,1 фоиз ба ВМКБ тааллуқ дорад. Нисбат ба солҳои 2022 ва 2023 низ чунин тамоюлро мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз рӯи додаҳои ҷадвал хулоса баровардан мумкин аст, ки дар давраи таҳлилшаванда танҳо дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд теъдоди муайяни беморхонаҳо ба истифода дода шудаанд. Дар ВМКБ танҳо дар соли 2021 ба истифодадиҳии беморхона мушоҳида гардида, дар НТҶ бошад, соли 2022 ба истифода додани беморхона ба назар мерасад.

Теъдоди дармонгоҳҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз объектҳои муҳимми рушди соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Иқтидори онҳо дар асоси шумораи қабул дар як баст баҳо дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки «тибқи гузориши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 8 лоиҳаи сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст» [174].

Бо мақсади беҳтар сохтани инфрасохтори иҷтимоӣ дар соли 2024 тахминан 115 муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла, 97 муассисаҳои кӯмаки санитарӣ-тиббӣ ва 9 муассисаҳои хусусӣ ба маблағи 467,8 млн. сомонӣ

сохта ба истифода дода шуда, дар соли 2025 дар 112 муассисаҳои тиббӣ корҳои сохтмонӣ идома доранд. Бинобар ин, таҳлили ба истифода додани дармонгоҳҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Ҷадвали 2.15. - Ба истифода додани дармонгоҳҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024**

*(қабул дар як баст)*

| | 2020 | % | 2021 | % | 2022 | % | 2023 | % | 2024 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 436 | 100 | 666 | 100 | 450 | 100 | 385 | 100 | 1127 | 100 |
| ВМКБ | - | - | - | - | - | - | - | - | 20 | 1,8 |
| в.Хатлон | 400 | 91,7 | 656 | 98,5 | 390 | 86,7 | 275 | 71,4 | 1035 | 91,8 |
| в.Суғд | 36 | 8,3 | 10 | 1,5 | 60 | 13,3 | 30 | 7,8 | 30 | 2,7 |
| ш.Душанбе | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| НТҶ | - | - | - | - | - | - | 80 | 20,8 | 42 | 3,7 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.299]

Тавре аз далелҳои ҷадвали болоӣ маълум аст, теъдоди дармонгоҳҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, ин теъдод дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 агар ба 436 адад баробар бошад, соли 2024 он ба 1127 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2024 ба 691 адад зиёд гаштааст. Дар вилояти Хатлон соли 2020 теъдоди дармонгоҳҳо 400 адад буда, соли 2024 он ба 1035 расидааст, ки ба 635 адад афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Суғд бошад, соли 2020 ин теъдод ба 36 адад баробар буда, соли 2024 ба 30 адад расидааст, ки ба 6 адад коҳишёбӣ дида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар ВМКБ дар давраи таҳлилшаванда 20 адад дармонгоҳ танҳо соли 2024 ба истифода дода шуда, дар НТҶ бошад, солҳои 2023 ва 2024 ба 80 ва 42 адад баробар мебошад.

Таъминоти аҳолӣ бо табибон дар инфрасохтори иҷтимоӣ нишондиҳандаест, ки дастрасии ёрии тиббӣ ва мутобиқати онро ба ниёзҳои аҳолӣ дар соҳаи иҷтимоӣ инъикос мекунад. Имрӯз дар ҷаҳони муосир он кишварҳое, ки соҳаи иҷтимоии кофӣ рушдёфта ва низоми муассири тандурустӣ доранд, қодиранд мавқеи пешбари иқтисодиро дар ҷаҳон ба даст оранд.

Табибон қисми муҳимтарини қувваи кории соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб мераванд, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои клиникӣ ва

самаранокии фаъолияти муассисаҳо ва сохторҳои тиббии амбулаторӣ масъуланд. Тахминан, аҳолии 57 кишвари ҷаҳон бо мушкилоти дастрасии нокифоя ба ёрии тиббии баландихтисос бинобар норасоии кормандони соҳаи тандурустӣ рӯ ба рӯ шудаанд [167].

Дар гузориши Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, ки дар Форуми сеюми ҷаҳонии захираҳои инсонӣ барои тандурустӣ дар моҳи ноябри соли 2013 пешниҳод шуда буд, қайд карда шудааст, ки норасоии кормандони соҳаи тандурустӣ дар саросари ҷаҳон то соли 2035 ба 12,9 миллион нафар мерасад [166]. Норасоии кунунии кормандони соҳаи тандурустӣ дар саросари ҷаҳон 7,2 миллион нафар арзёбӣ мешавад, ки ин мушкилот барои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон алалхусус, вилояти Суғд бегона нест.

Бинобар ин, мо зарур донистем, ки сатҳи таъминоти аҳолиро бо табибон вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилоят дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.16. арзёбӣ намоем.

**Ҷадвали 2.16. - Таъминоти аҳолӣ бо табибон вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои солҳои 2020-2024**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Таъминоти аҳолӣ бо табибон ба ҳисоби 10000 нафар аҳолӣ | | | | | Тағйирёбӣ 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| в.Суғд | 19,3 | 19,0 | 18,0 | 17,4 | 17,6 | -1,7 |
| н.Айнӣ | 11,8 | 11,4 | 10,0 | 9,3 | 9,8 | -2 |
| н.Ашт | 12,8 | 12,1 | 11,4 | 10,9 | 10,6 | -2,2 |
| н.Бобоҷон Ғафуров | 12,4 | 12,3 | 11,8 | 11,9 | 12,0 | -0,4 |
| ш. Бӯстон | 44,2 | 40,7 | 41,4 | 38,9 | 41,2 | -3 |
| ш.Гулистон | 22,3 | 21,1 | 20,3 | 18,3 | 19,1 | -3,2 |
| н.Деваштич | 10,5 | 10,7 | 10,2 | 9,7 | 9,7 | -0,8 |
| н.Зафаробод | 11,0 | 11,9 | 11,1 | 10,1 | 10,7 | -0,3 |
| ш.Истаравшан | 15,7 | 16,4 | 15,7 | 14,7 | 14,5 | -1,2 |
| ш. Истиқлол | 14,5 | 11,8 | 9,6 | 15,2 | 10,9 | -3,6 |
| ш.Исфара | 16,5 | 15,5 | 14,6 | 14,0 | 14,6 | -1,9 |
| ш.Конибодом | 15,3 | 14,3 | 13,1 | 12,8 | 12,7 | -2,6 |
| н.Кӯҳистони Мастчоҳ | 16,0 | 15,2 | 14,3 | 13,9 | 11,3 | -4,7 |
| н.Мастчоҳ | 12,8 | 12,8 | 12,1 | 11,5 | 10,9 | -1,9 |
| ш.Панҷакент | 15,0 | 14,7 | 14,1 | 13,6 | 13,8 | -1,2 |
| н.Спитамен | 13,1 | 12,8 | 12,0 | 11,5 | 11,5 | -1,6 |
| ш. Хуҷанд | 84,2 | 84,7 | 76,9 | 76,4 | 78,3 | -5,9 |
| н.Ҷаббор Расулов | 15,8 | 15,0 | 14,4 | 13,3 | 13,8 | -2 |
| н.Шаҳристон | 14,3 | 14,7 | 13,6 | 12,7 | 13,0 | -1,3 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.146]

Нишондиҳандаҳои ҷадвали болоӣ аз он дарак медиҳанд, ки дар давраи таҳлилшаванда вазъи таъминотро қонеъкунанда арзёбӣ кардан мумкин нест, зеро сатҳи таъминоти аҳолӣ бо табибони гуногуни соҳа ба 10000 нафар аҳолӣ дар вилояти Суғд солҳои 2020 ва 2021 ба 19 нафар, соли 2022 ба 18 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 17 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 2 нафар кам гаштааст. Нисбат ба шаҳру ноҳияҳо чунин гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои таҳлилшаванда қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳо коҳишёбии шумораи табибон ба назар мерасад. Дар ноҳияи Айнӣ соли 2020 ин шумора ба 12 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 10 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 2 нафар кам гаштааст. Дар ноҳияи Ашт низ шумора дар соли 2020 ба 13 нафар баробар буда, соли 2024 10 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020 ба 3 нафар коҳиш ёфтааст. Дар ноҳияҳои Б.Ғафуров, Деваштич, Зафаробод шумораи табибон дар соли таҳқиқшаванда якхел буда, бетағйир мондааст. Дар шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон, Истаравшан, Исфара, Конибодом, ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов ва Шаҳристон низ шумораи табибон ба ҳисоби миёна ба 1 нафар кам гаштааст.

Соли 2020 таъминот дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон ва Гулистон баландтар буда, мутаносибан ба 84 нафар, 44 нафар ва 22 нафар баробар аст. Дар соли 2024 ин нишондодҳо дар шаҳри Хуҷанд ба 78 нафар, шаҳри Бӯстон ба 41 нафар ва шаҳри Гулистон ба 19 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 мутаносибан ба 9 нафар ва 3 нафар кам гаштааст.

Дар шаҳрҳои Исфара ва Конибодом шумораи таъминот бо табибон дар соли 2020 ба 10000 нафар аҳолӣ 16 ва 15 нафар буда, он дар соли 2024 ба 14 ва 12 нафар расидааст. Дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов низ шумораи таъминоти табибон дар соли 2020 мутаносибан ба 16 ва 15 нафар буда, дар соли 2024 он ба 11 ва 13 нафар расидааст.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ чунин тамоюли камшавӣ мушоҳида мегардад, ки боиси паст шудани таъминоти аҳолӣ бо табибони

соҳибтаҷриба мебошад.

Дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ нақши кормандони миёнаи тиббӣ басо муҳим арзёбӣ мегарданд, зеро маҳз онҳо дар таҳкими саломатии инсон ва ҷамъият заминаи заруририро фароҳам меоранд. Аз ин лиҳоз, зарур донистем, ки таъминоти аҳолиро бо кормандони миёнаи тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд арзёбӣ карда бошем, ки нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 2.17. гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.17. - Вазъи таъминоти аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои солҳои 2020-2024**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Таъминоти аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ, ба ҳисоби 10000 нафар аҳолӣ | | | | | Тағйирёбӣ 2024/2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Вилояти Суғд | 65,9 | 65,4 | 63,6 | 60,2 | 60,3 | -5,6 |
| н.Айнӣ | 59,0 | 60,2 | 53,1 | 51,5 | 49,4 | -9,6 |
| н.Ашт | 60,2 | 52,0 | 61,9 | 58,7 | 58,8 | -1,4 |
| н.Бобоҷон Ғафуров | 50,8 | 49,7 | 48,3 | 46,2 | 46,3 | -4,5 |
| ш. Бӯстон | 90,7 | 89,2 | 85,9 | 81,5 | 86,1 | -4,6 |
| ш.Гулистон | 74,1 | 71,8 | 68,7 | 68,7 | 65,6 | -8,5 |
| н.Деваштич | 55,1 | 56,8 | 51,3 | 47,2 | 45,8 | -9,3 |
| н.Зафаробод | 68,6 | 68,3 | 66,7 | 62,9 | 63,0 | -5,6 |
| ш.Истаравшан | 52,9 | 53,8 | 53,1 | 44,0 | 45,4 | -7,5 |
| ш. Истиқлол | 57,0 | 53,4 | 50,3 | 64,4 | 44,0 | -13 |
| ш.Исфара | 64,5 | 64,8 | 58,8 | 57,6 | 59,8 | -4,7 |
| ш.Конибодом | 78,5 | 74,5 | 69,7 | 65,8 | 62,4 | -16,1 |
| н.Кӯҳистони Мастчоҳ | 44,5 | 39,4 | 46,3 | 41,3 | 39,3 | -5,2 |
| н.Мастчоҳ | 45,6 | 48,0 | 47,9 | 45,4 | 45,7 | 0,1 |
| ш.Панҷакент | 51,3 | 52,4 | 57,5 | 54,4 | 55,0 | 3,7 |
| н.Спитамен | 43,7 | 41,0 | 38,2 | 35,2 | 34,1 | -9,6 |
| ш. Хуҷанд | 173,3 | 175,7 | 161,2 | 158,8 | 160,1 | -13,2 |
| н.Ҷаббор Расулов | 60,6 | 60,4 | 58,8 | 56,2 | 58,9 | -1,7 |
| н.Шаҳристон | 90,8 | 90,1 | 82,3 | 78,0 | 76,8 | -14 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.148]

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, ки таъминоти аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ ба ҳисоби 10000 нафар аҳолӣ дар вилояти Суғд соли 2020 ба 66 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 60 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 6 нафар кам шудааст. Таъминоти бештар дар шаҳри Хуҷанд ба мушоҳида мерасад, ки он дар соли 2020 ба 173 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 160 нафар расидааст, ки боиси таассуф аст. Дар шаҳри Конибодом нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо паст шудани таъминнокӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ

ба 10000 нафар аҳолӣ назаррас буда, соли 2020 ин шумора ба 78 нафар баробар буда, соли 2024 ба 62 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ин шумора ба 16 нафар кам гаштааст. Яъне, ин тағйирёбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шаҳри Конибодом норасоии кормандони миёнаи тиббӣ барои хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ дида шуда истодааст. Дар шаҳри Бӯстон ва ноҳияи Шаҳристон ин нишондод дар соли 2020 ба 90 нафар баробар буда, соли 2024 мутаносибан ба 86 ва 76 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 4 ва 14 нафар кам гаштааст. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ сатҳи коҳишёбии таъминоти аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ дар давраи таҳлилшаванда ба назар мерасад, вале танҳо дар шаҳри Панҷакент ин нишондиҳанда тамоюли мусбӣ дорад. Яъне, соли 2020 таъминот дар шаҳр ба 51 нафар баробар буда, соли 2024 он ба 55 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 4 нафар афзоиш ёфтааст.

Дар заминаи таҳлили анҷомдодашуда таъсис ва ба истифода додани коллеҷу литсейҳои тиббӣ дар ҳама шаҳрҳо, шаҳракҳо, ноҳияҳо ва дар ҳолати зарурӣ дар баъзе ҷамоатҳои калони минтақаҳо чун механизми ташкилии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ аст. Зеро тавассути он афзоиш додани шумораи кормандони миёнаи тиббӣ ва ба шуғл ҷалб намудани онҳо имконпазир мегардад.

Дар доираи иҷрои таҳқиқоти мазкур таҳлили тамоми механизмҳои ташкилӣ-маъмурии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ғайриимкон аст ва ин самт яке самтҳои баҳсталаб ва доманадор ба шумор меравад. Бояд тазаккур дод, ки барои тараққиёт ва рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа таҳкурсии мустаҳками институтсионалӣ мавҷуд аст, вале риоя ва иҷрои он ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст, ки бояд дар ин самт корҳо ҷоннок карда шаванд.

Дар самти ташаккул ва таъминоти иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ қайд кардан мумкин аст, ки бояд низоми ягонаи иттилоот ва пойгоҳи маълумот тартиб дода шуда, дастрасӣ ба он аз ҷониби ҳамаи зерсохторҳои соҳа таъмин карда шавад.

## 2.3. Фишангҳои молиявӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ тараққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, алалхусус, тараққиёти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ тавассути механизмҳои самараноки идоракунӣ, истифодаи фишангҳои муайяни молиявию иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад, зеро маҳз бо мавҷудияти фишангҳои дахлдори молиявию иқтисодӣ самаранокии фаъолияти объектҳои инфрасохтори иҷтимоиро метавон таъмин кард.

Аз ин лиҳоз, истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ имкони танзим намудани равандҳои иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷамъият, баланд бардоштани бехатарии иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои онро медиҳад. Ихтисори ҳаҷми захираҳои молиявӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба коҳишёбии ҷолибияти сармоягузорӣ ва кам шудани фондҳои истеъмолӣ, ба рушди ҷамъият таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, мақсади асосии давлату ҳукумат дар таъминот ва идоракунии молия – ин афзоиш додани захираҳои молиявӣ ва таъминнокии молиявии ҳудудҳои он мебошад.

Заминаи асосӣ дар ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳар як минтақаҳо аз давраҳои қаблӣ – ин таъминнокии молиявӣ ба ҳисоб меравад. Вакте ки сухан оид ба таъминнокии молиявӣ меравад, таҳқиқ ва баррасии ҳамаи сарчашмаҳо, оғоз аз сарчашмаҳои давлатӣ то бахши хусусӣ, бахши хориҷӣ, инфиродӣ, худмаблағгузорӣ ва ғайраҳоро ба инобат гирифтан мумкин аст. Пеш аз дида баромадани ин самтҳо мехоҳем, ду сухан оид ба мафҳуми таъминнокии молиявии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ иброз намоем.

Боиси зикр аст, ки таъминнокии молиявии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ унсури таркибии механизми молиявӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин бобат олими рус А.Ю. Маретская дар таҳқиқоти қайд кардааст, ки: «… таъминнокии молиявии минтақа – ин маҷмуи захираҳои молиявии худиву қарзие, ки барои маблағгузории рушди

иҷтимоӣ-иқтисодӣ, идоракунӣ ва ҳалли муаммоҳо равона карда мешавад, маҳсуб меёбад» [119, с.143].

Дар аксари ҳолат таъминнокии молиявӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, пардохтҳои ҳатмӣ, трансфертҳо, қарзҳо ва сармоягузориҳо ташаккул ёфта, асос барои таъмини устувории иқтисодиёти минтақа, беҳтарсозии шароити зиндагонии аҳолӣ ва татбиқи ваколатҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон олимони дигари рус Л. И.Муратова, А. П. Кушхов ва Э.Г. Бабкова дар асари худ қайд кардаанд, ки: «… дар шароити муосир яке аз омили муҳимми рушди иқтисодии минтақа модели сармоягузорӣ-истеъмолӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар доираи афзоиши бахши истеъмолии минтақавӣ, сармоягузориҳои воқеӣ аз фоидаи тиҷоратӣ, ки ба сармоягузориҳои қарзии ба ташкилотҳо додашуда, инчунин буҷетҳои давлатӣ ва минтақавӣ асос ёфтааст, амал мекунад» [65].

Олими дигари рус Э.А. Исаев иброз доштааст, ки: «… таъминнокии молиявии фаъолият ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар асоси буҷет, маблағгузориҳои қарзӣ, манбаҳои молиявии фаъолияти субъектони хоҷагидор, инчунин даромади аҳолӣ муайян карда мешавад, зеро тавассути онҳо иқтидори молиявии минтақа ташаккул ва рушд хоҳад ёфт» [50].

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши фаҳмишҳои назариявии олимону иқтисодчиёни соҳа доир ба таъминнокии молиявӣ гуфтан мумкин аст, ки таъминнокии молиявӣ истифодаи маҷмуи фондҳои пулие мебошад, ки дар ҷараёни ташаккул, тақсимот ва азнавтақсимоти ММД ва даромади миллӣ барои истифодаи минбаъдаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият равона мегардад, ба ҳисоб меравад.

Моҳияти захираҳои молиявии давлатӣ бо ташаккул ва истифодаи фондҳои пулии давлат, ки дар ихтиёри мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои маҳаллӣ ва объектҳои моликияти давлатӣ қарор дорад, алоқаманд аст. Онҳо барои иҷрои вазифаҳои хоҷагӣ ва идоравии рушди истеҳсолӣ, соҳаи иҷтимоӣ, иштирок дар муносибатҳои байналхалқӣ,

ташкили ҳимояи берунии мамлакат ва таъмини тартиботи дохилӣ таъин карда шудаанд. Аз самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ тараққиёти мамлакат вобастагӣ дорад, зеро он тамоми соҳаҳои давлатӣ, ба монанди, маориф, тандурустӣ, нақлиёт, фарҳанг, варзиш, шароити манзил ва дигарҳо, ки аз ҳисоби он ба пуррагӣ маблағгузорӣ мегардад, фарогир аст.

Муносибатҳои молиявӣ оид ба ташаккул, истифода ва тақсимоти захираҳои молиявӣ байни мақомотҳои давлатӣ, субъектони хоҷагидор ва аҳолии ҳудудҳои муайян ба амал баровarда мешавад. Захираҳои молиявӣ объекти идораи давлатӣ ва минтақаҳои он дар низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он танзими муносибатҳои молиявӣ барои таъмин ва дастгирии мутавозунӣ, инчунин барои устувории иқтисодии минтақа амалӣ карда мешавад.

Мехнизмҳои молиявии таъмини инфрасохтори иҷтимоӣ асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, фондҳои ғайрибуҷетии минтақавӣ, ба монанди пардохтҳои ихтиёрии корхонаҳо ва аҳолӣ, ҳамчунин аз ҳисоби трансфертҳои байнибуҷетие, ки аз сатҳи болоии буҷети давлатӣ ба минтақа ҷудо карда мешавад, воситаҳои пулии субъектони хоҷагидор, ки ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ҷудо карда мешавад ва қарзҳои буҷетӣ ташаккул меёбад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло сарчашмаҳои ташкили захираҳои молиявии минтақаро дар шакли схемавӣ чунин нишон додан мумкин аст (расми 2.3.).




**Расми 2.3. - Сарчашмаҳои ташаккули захираҳои молиявии минтақа**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Бояд тазаккур дод, ки механизмҳои молиявӣ-иқтисодии давраи муосир аз механизмҳои молиявии амалкунандаи давраи шуравӣ куллан фарқ мекунанд, механизмҳои молиявӣ дар даврони шуравӣ ба иқтисодиёти нақшавӣ ва назорати давлатӣ асос ёфта буданд, ки буҷети давлатӣ, монополияи Бонки давлатӣ ва низоми банақшагирии молиявиро дар мувофиқа бо нақшаи панҷсола фарогир буданд. Фишангҳои асосии давлатӣ, ба монанди буҷети давлатӣ, қарз, сармоя ва маблағгузорӣ, амалиёт дар ҳолатҳои фавқулодда (қарзҳои ҳарбӣ) маҳсуб мeёфтанд. Буҷети давлатӣ олоти асосии тақсимоти захираҳо буд ва аз ҳисоби андоз ва ҳиссаҷудокуниҳо ташаккул меёфт. Воситаҳои буҷетӣ барои маблағгузории иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ равона карда мешуданд, низоми бонкӣ то солҳои 1988 монополияшуда ва марказонидашуда буд. Зинаи асосии бонки давлатии ИДМ вазифаҳои

маркази ҳисобӣ-хазинавиро иҷро мекард, бо қарздиҳии корхонаҳо машғул буд ва хазинаҳои амонатиро идора мекард. Дар он давра бонки давлатӣ бо номи «Стройбанк СССР» фаъолият мебурд ва бо маблағгузории сармояи асосӣ (сохтмон) машғул буд.

Банақшагирии молиявӣ дар даврони шуравӣ зери низоми сахте қарор дошт, ки дар он ҳаракати пул ба нақшаҳои панҷсолаи давлат тобеъ буд. Соли 1988 қабули Қонун «Оид ба фаъолияти кооперативҳо» имкон дод, ки бонкҳои тиҷоратӣ таъсис дода шаванд, ки оғози эҳёи механизмҳои молиявии бозорро нишон медод.

То соли 1988 қарзи бозорӣ мавҷуд набуд, қарз на танҳо сармоя, балки воситаи банақшагирии давлатӣ буд. Бахшҳои молия, бонкҳо, корхонаҳо таҳти назорати қатъии давлатӣ қарор доштанд ва ҳадафи асосии давлат – ин маблағгузории маҷмуи иқтисодиёти миллӣ ва нақшаҳои рушд маҳсуб меёфт.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шуравӣ имрӯз Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди босуръати ҷаҳонишавии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ қарор дорад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба дастоварду муваффақиятҳои назарраси сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ноил гардидааст ва дар ҷаҳони муосир мавқеи муассири худро пайдо кардааст.

Боиси тазаккур аст, ки соҳаи иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати мамлакат буда, ба тараққиёт ва рушду нумӯи он аҳаммияти хоса зоҳир карда мешавад. Зеро маҳз тавассути рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, имрӯз ҷомеаи мутамаддини кишвар дар давлати иҷтимоӣ ҳаёт ба сар бурда истодааст ва аз дастовардҳои мухталифи истиқлоли кишвар баҳраманд гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити кунунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ташаккул ва истифодаи фишангҳои молиявӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки дар майдони фарохи илмӣ то ҳол масъалаи

баҳсталаб арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар параграфи мазкур ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор дошта бошем.

Маблағгузории буҷетӣ сарчашмаи асосии таъминоти молиявии соҳаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Барои таҳлил ва арзёбии хароҷоти давлатӣ зарур шуморидем, ки онро нисбат ба соҳаи маориф дар давлатҳои ИДМ дида бароем, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.18. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.18. - Ҳиссаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф дар давлатҳои ИДМ (%)**

| Кишварҳо | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | | Ба ҳисоби миёна | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар ММД | Дар хароҷоти давлатӣ | Дар ММД | Дар хароҷоти давлатӣ | Дар ММД | Дар хароҷоти давлатӣ | Дар ММД | Дар хароҷоти давлатӣ | Дар ММД | Дар хароҷоти давлатӣ |
| Арманистон | 2,71 | 9,66 | 2,77 | 9,45 | 2,49 | 9,04 | 2,44 | 9,44 | 2,6 | 9,4 |
| Озарбойҷон | 4,33 | 11,51 | 3,70 | 11,64 | 3,05 | 11,18 | 3,66 | 11,45 | 3,7 | 11,4 |
| Белорусия | 4,86 | 12,81 | 4,61 | 12,18 | 4,63 | 12,28 | 4,95 | 13,18 | 4,8 | 12,6 |
| Қазоқистон | 4,45 | 19,83 | 4,39 | 20,05 | 4,36 | 20,80 | 4,85 | 21,95 | 4,5 | 20,6 |
| Қирғизистон | 5,73 | 16,11 | 5,17 | 23,52 | 7,17 | 22,11 | 6,8 | 19,65 | 6,2 | 20,3 |
| Русия | 4,02 | 10,87 | 4,0 | 10,98 | 4,05 | 13,46 | 4,16 | 14,34 | 4,06 | 12,4 |
| Тоҷикистон | 5,14 | 15,04 | 4,38 | 18,35 | 5,4 | 17,22 | 5,44 | 19,25 | 5,09 | 17,5 |
| Туркманистон | 3,76 | 29,08 | 3,85 | 28,68 | 3,58 | 19,32 | 2,71 | 29,55 | 3,5 | 26,7 |
| Ӯзбекистон | 4,44 | 15,07 | 4,14 | 21,85 | 5,23 | 22,65 | 5,47 | 22,07 | 4,82 | 20,41 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [175]

Тибқи маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки дар байни давлатҳои ИДМ аз рӯи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф ба сегонаи давлатҳо, ки ҳиссаи хароҷоти онҳо ба соҳаи маориф дар ММД бештар аст, Қирғизистон бо 6,2 фоиз, Тоҷикистон бо 5,09 фоиз ва Ӯзбекистон бо 4,82 фоиз қарор доранд. Дар сегонаи дуюм аз рӯи ҳаҷми хароҷоти соҳаи маориф дар ММД давлатҳои Белорусия бо 4,8 фоиз, Қазоқистон бо 4,5 фоиз ва Русия бо 4,06 фоиз қарор доранд. Давлатҳои Озарбойҷон, Туркманистон ва Арманистан вобаста ба ҳиссаи ҳаҷми хароҷоти соҳаи маориф дар ММД мавқеи охиринро ишғол кардаанд, ки қимати он мутаносибан ба ҳисоби миёна 3,7 фоиз, 3,5 фоиз ва 2,6 фоизро ташкил медиҳанд. Нисбат ба ҳиссаи хароҷоти соҳаи маориф дар хароҷоти умумии давлатӣ бошад, Арманистон, Озарбойҷон ва Русия дар сегонаи

аввал қарор доранд, ки нишондиҳандаи онҳо ба ҳисоби миёна мутаносибан ба 9,4 фоиз, 11,4 фоиз ва 12,4 фоиз баробар гардидааст.

Дар сегонаи дуввум вобаста ба ҳиссаи хароҷоти соҳаи маориф дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ давлатҳои Туркманистон бо 26,7 фоиз, Қазоқистон бо 20,6 фоиз ва Ӯзбекистон бо 20,41 фоиз қарор доранд. Нисбат ба муқоисаи ҳаҷми хароҷоти маориф ба ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ давлатҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Белорусия дар сегонаи севвум қарор доранд, ки нишондиҳандаи онҳо ба ҳисоби миёна ба 20,3 фоиз, 17,5 фоиз ва 12,6 фоиз баробаранд.

Бояд иброз дошт, ки ин таҳлил нисбат ба давлатҳои ИДМ анҷом дода шуда, хулосаи ниҳоӣ нест, зеро арзиши маҷмуи маҳсулоти дохилии ҳар як давлат аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва ин арзёбӣ ба таври нисбӣ анҷом дода шудааст.

Маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ дар мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад ва ҳамасола дар Паёми Пешвои муаззами миллат ба таври возеҳ иброз карда мешавад. Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки: «…ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва тадбирҳои солҳои охир амалигардида ба рушди ин соҳаҳо такони ҷиддӣ бахшиданд. Агар ҳиссаҷудокунии молиявӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2024 ба маблағи 20,9 миллиард сомонӣ таъмин гардида бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2026 дар ҷаҷми 29,5 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 8,7 миллиард сомонӣ ё 41,8 фоиз зиёд мебошад. Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаҳои калидиро мунтазам зиёд менамояд ва ҳар сол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад» [1, с.16].

Нишондодҳо оид ба ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоии ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.19. гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.19. - Ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоии ҷумҳурӣ дар солҳои охир**

| Нишондиҳанда | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети давлатӣ | млн.смн. | 29342,7 | 35338,9 | 43034,8 | 45836,1 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 100 | 100 | 100 | 100 |
| | ҳисса дар ММД, % | 29,7 | 30,5 | 32,9 | 29,9 |
| Хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ | млн.смн. | 15135,6 | 16277,24 | 18725,4 | 22333,8 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 51,6 | 46,1 | 43,4 | 48,7 |
| | ҳисса дар ММД, % | 15,3 | 14,1 | | 14,5 |
| Маориф | млн.смн. | 5259,9 | 6240,8 | 7108,5 | 8740,7 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 17,9 | 17,6 | 16,5 | 19,1 |
| | ҳисса дар ММД, % | 5,3 | 5,4 | | 5,7 |
| Тандурустӣ | млн.смн. | 2850,1 | 2618,04 | 3277,4 | 3729,6 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 9,7 | 7,4 | 7,6 | 8,1 |
| | ҳисса дар ММД, % | 2,9 | 2,3 | | 2,4 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | млн.смн. | 4193,5 | 4582,0 | 4625,3 | 5934,6 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 14,3 | 13,0 | 10,7 | 12,9 |
| | ҳисса дар ММД, % | 4,2 | 4,0 | | 3,9 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | млн.смн. | 1669,7 | 1758,3 | 2242,5 | 2499,9 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 5,7 | 5,0 | 5,2 | 5,5 |
| | ҳисса дар ММД, % | 1,7 | 1,5 | | 1,6 |
| Фарҳанг ва варзиш | млн.смн. | 1162,4 | 1078,1 | 1471,7 | 1429,0 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети давлатӣ, % | 4,0 | 3,1 | 3,4 | 3,1 |
| | ҳисса дар ММД, % | 1,2 | 0,9 | | 0,9 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.391-410]

Тавре аз додаҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2021 ба 29342,7 млн. сомонӣ баробар буда, ҳиссаи он дар ММД 29,7 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ ҳамон сол 15135,6 млн. сомониро ташкил дод, ки 51,6 фоизи хароҷоти умумии давлатиро ташкил медиҳад. Хароҷот ба соҳаи маориф дар соли 2021 ба маблағи 5259,9 млн. сомонӣ, ба соҳаи тандурустӣ 2850,1 млн. сомонӣ, ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 4193,5 млн. сомонӣ, ба хоҷагии манзилию коммуналӣ 1669,7 млн. сомонӣ, ба фарҳанг ва варзиш 1162,4 млн. сомонӣ баробар мебошад. Ин нишондодҳо нисбат ба ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ соҳаи маориф 17,9 фоиз, тандурустӣ 9,7 фоиз, суғуртаи иҷтимоӣ

ва ҳифзи иҷтимоӣ 4,2 фоиз, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ 5,7 фоиз, фарҳанг ва варзиш 4 фоизро ташкил медиҳанд. Аз рӯи таҳлили нишондодҳо дидан мумкин аст, ки ҳиссаи бештарро дар хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ соҳаи маориф ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 ин нишондиҳандаҳо чунин тамоюл доранд: хароҷоти умумии давлатӣ ба 35338,9 млн. сомонӣ баробар гашта, 30,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ нисбат ба хароҷоти умумии давлатӣ 14,1 фоизро ташкил дода, ба 16277,24 млн. сомонӣ баробар аст, ҳиссаи бештари он ба соҳаи маориф 17,6 фоиз, соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 13 фоизро ташкил медиҳанд. Соли 2023 ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ аз 35338,9 млн. сомонии соли 2022 ба 43034,8 млн. сомонӣ баробар шудааст, ҳиссаи хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ бошад, дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 43,4 фоизро ташкил медиҳад, ки он ба 18725,4 млн. сомонӣ баробар аст. Дар соли 2023 ҳиссаи маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 16,5 фоиз, ба соҳаи тандурустӣ 7,6 фоиз, ба ҳифзи иҷтимоӣ 10,7 фоиз, ба хоҷагии манзилию коммуналӣ 5,2 фоиз, ба фарҳангу варзиш 3,4 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи иҷтимоиро ташкил медиҳад. Дар соли 2024 ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 45836,1 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба соли 2021 ба 50 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондод дар ММД 29,9 фоизро ташкил медиҳад. Хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ дар соли 2024 ба 22333,8 млн. сомонӣ баробар буда, 48,7 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф дар соли 2024 нисбат ба дигар солҳои таҳлилӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, он ба 19,1 фоиз баробар гаштааст ва дар дигар соҳаҳо низ чунин тамоюли мусбиро дидан мумкин аст.

Аз рӯи далелҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки ҳаҷми бештари хароҷоти иҷтимоӣ ба соҳаи маориф равона гаштааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф бештар нигаронида шудааст, зеро маҳз соҳаи маориф ба рушди нерӯи сармояи инсонӣ саҳми босазо дорад.

Дар асоси ҷадвали болоӣ барои муқоиса ва арзёбии маблағгузории молиявии вилояти Суғд ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ нишондодҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.20. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.20. - Маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд дар солҳои 2021-2024**

| | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети маҳаллӣ | млн.смн. | 2379,9 | 2565,1 | 2818,1 | 3463,2 |
| | ҳамагӣ бо % | 100 | 100 | 100 | 100 |
| | ҳисса дар ММД, % | 8,7 | 8,0 | 8,01 | 8,2 |
| Хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ | млн.смн. | 2085,7 | 2258,2 | 2495,8 | 3118,6 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 87,6 | 88,0 | 88,6 | 90,0 |
| | ҳисса дар ММД, % | 7,6 | 7,07 | 7,09 | 7,35 |
| Маориф | млн.смн. | 1097,5 | 1187,4 | 1369,6 | 1757,5 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 46,1 | 46,3 | 48,6 | 50,7 |
| | ҳисса дар ММД, % | 4,0 | 3,7 | 3,9 | 4,14 |
| Тандурустӣ | млн.смн. | 543,3 | 594,2 | 670,0 | 844,7 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 22,8 | 23,2 | 23,8 | 24,4 |
| | ҳисса дар ММД, % | 2,0 | 1,86 | 1,9 | 1,99 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | млн.смн. | 23,1 | 26,8 | 28,6 | 24,3 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 1,0 | 1,04 | 1,01 | 0,99 |
| | ҳисса дар ММД, % | 0,08 | 0,08 | 0,08 | 0,06 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | млн.смн. | 206,4 | 179,9 | 173,8 | 172,6 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 8,7 | 7,01 | 6,2 | 5,0 |
| | ҳисса дар ММД, % | 0,75 | 0,6 | 0,49 | 0,41 |
| Фарҳанг ва варзиш | млн.смн. | 215,4 | 269,9 | 253,8 | 319,5 |
| | ҳисса дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ, % | 9,1 | 10,5 | 9,0 | 9,2 |
| | ҳисса дар ММД, % | 0,78 | 0,8 | 0,7 | 0,75 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.11-13; 382-390]

Тавре аз маълумотҳои ҷадвал айён аст, хароҷоти буҷети вилоят дар соли 2021 ба 2379,9 млн. сомонӣ баробар буда, ҳаҷми хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ ба 2085,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба хароҷоти умумии буҷети вилоят 87,6 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи бештари хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ нигаронида шудааст, ки мутаносибан ба 46,1 ва 22,8 фоиз баробар аст. Соли 2022 ҳаҷми хароҷоти буҷети вилоят ба 2565,1 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2021 ба 7 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми

хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ дар хароҷоти умумии буҷети вилоят 88 фоизро ташкил мекунад, ки нисбат ба соли 2021 рӯ ба афзоиш дорад. Дар соли 2022 низ ҳаҷми хароҷоти соҳаи маориф ва тандурустӣ ҳиссаи назаррасро дорад, ки мутаносибан ба 48,6 ва 23,8 фоиз баробар аст.

Соли 2024 ҳаҷми хароҷоти буҷети маҳал ба 3463,2 млн. сомонӣ баробар гашта, нисбат ба соли 2023 ба 23 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ дар соли 2023 ба 3118,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2023 ба 25 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи маблағгузориҳо дар соҳаи маориф ба 50,7 фоиз, дар соҳаи тандурустӣ ба 24,4 фоиз, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба 1 фоиз, хоҷагии манзилию коммуналӣ ба 5 фоиз, фарҳанг ва варзиш ба 9,2 фоиз баробар мебошанд. Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки афзалият дар маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустии соҳаи иҷтимоӣ дода шудааст, зеро сохтори асосии инфрасохтори иҷтимоиро соҳаи маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳанд.

Таҳлилҳои ҷадвали зикри болоӣ гувоҳи онанд, ки дар ҳақиқат, маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ алалхусус, маориф ва тандурустӣ сол то сол афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар таркиби хароҷоти буҷети вилоят назаррас гардида истодааст.

Бояд қайд намуд, ки бо баробари афзоиши хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ музди маоши кормандони дар он соҳа фаъолиятбаранда низ бояд зиёд карда шавад, зеро музди маоши кормандони соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ нақши асосии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Барои он ки ин нишондиҳанда маҳсулнокии меҳнатро баланд мебардорад, барои такмили касбӣ ҳавасманд мекунад, ба иҷрои уҳдадории касбии босифат мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, таҳлили музди миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.21. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.21. - Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт**

| Соҳаҳо | 2020 | | 2022 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | смн. | % | смн. | % | смн. | % |
| Ҳамагӣ, аз рӯи ҳамаи соҳаҳо | 1236,26 | 39,4 | 1632,82 | 35,1 | 2148,16 | 37,2 |
| Кишоварзӣ | 598,59 | 19,1 | 798,00 | 17,1 | 938,02 | 16,2 |
| Саноат | 1883,89 | 60,1 | 2567,01 | 55,1 | 2821,71 | 48,9 |
| Сохтмон | 1672,97 | 53,3 | 2382,08 | 51,2 | 2675,69 | 46,3 |
| Савдо | 962,29 | 30,7 | 1270,40 | 27,3 | 1507,93 | 26,1 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 2485,64 | 79,2 | 3792,24 | 81,5 | 4515,13 | 78,2 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ | 3136,28 | 100 | 4654,50 | 100 | 5773,00 | 100 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 1334,42 | 42,5 | 2125,97 | 45,7 | 1905,20 | 33,0 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа | 1026,21 | 32,7 | 1154,19 | 24,8 | 1553,15 | 26,9 |
| Маориф | 981,96 | 31,3 | 1236,62 | 26,6 | 1849,24 | 32,0 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 963,79 | 30,7 | 1106,94 | 23,8 | 1639,67 | 28,4 |
| Санъат ва истироҳат | 911,14 | 29,1 | 1128,00 | 24,2 | 1531,86 | 26,5 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.113]

Таҳлилҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳову ташкилотҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Суғд қимати гуногун доранд, ки баъзеи онҳо аз музди миёнаи ҳармоҳаи номиналӣ нисбатан зиёдтаранд. Масалан, музди миёнаи ҳармоҳаи номиналӣ дар вилоят дар соли 2020 ба 1236,26 сомонӣ, соли 2022 ба 1632,82 сомонӣ ва соли 2024 ба 2148,16 сомонӣ баробар аст, ки он дар соли 2024 нисбат ба 2022 ба 31,5 фоиз ва нисбат ба соли 2020 ба 73,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки музди миёнаи номиналӣ дар соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ аз ҳама баланд мебошад ва аз ин лиҳоз, онро ҳамчун асос барои муқоиса интихоб намудем.

Соли 2020 агар музди миёнаи маоши соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ ба 3136,28 сомонӣ баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар вилоят ба 1236,26 сомонӣ баробар аст, ки нисбат ба вилоят 2,5 маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳандаро агар бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт муқоиса намоем, пас соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 79,2 фоиз, саноат 60,1 фоиз, сохтмон 53,3 фоизро ташкил медиҳанд. Вале, агар ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ назар афканем, соҳаи маориф 31,3 фоиз,

тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 30,7 фоиз ва санъату истироҳат 29,1 фоизро нисбат ба соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ ташкил медиҳанд, ки қаноаткунанда нестанд. Дар солҳои 2022 ва 2024 низ тамоюлоти гуногуни нишондиҳандаи таҳлилиро дидан мумкин аст. Мисол, музди маоши миёнаи номиналии вилоят дар соли 2024 ба 2148,16 сомонӣ баробар бошад, музди маоши миёнаи номиналии миёнаравиҳои молиявӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, саноат ва сохтмон нисбат ба вилоят баландтаранд. Агар онҳоро бо соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ муқоиса намоем, пас, ҳиссаи бештарро нақлиёт ва коммуникатсия бо 78,2 фоиз, саноат 48,9 фоиз ва сохтмон 46,3 фоизро ташкил медиҳанд.

Боиси таассуф аст, ки соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ, санъат ва истироҳат, кишоварзӣ нисбат ба соҳаҳои болозикр ҳиссаи нисбатан пастро доро мебошанд. Гарчанде ки соҳаи иҷтимоӣ яке аз соҳаи афзалиятнок дар мамлакат бошад ҳам, вале бо афзоишёбии хароҷоти буҷетӣ ба соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ, музди маоши миёнаи ҳармоҳаи ин соҳаҳо ҳанӯз ҳам ҳалталаб аст. Барои он ки ин нишондиҳанда ҳамчун омили асосии таъсиррасон ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ баромад мекунад ва ба масъалаи баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи иҷтимоӣ бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Фаъолияти босамар ва пешбурди объектҳои соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ дар асоси мавҷудияти заминаи моддӣ-техникӣ ба роҳ монда мешавад, ки сатҳи ба кордарорӣ ва истифодаи он низ ҳамчун фишанги молиявии рушди инфрасохтор баромад хоҳад кард. Бинобар ин, барои арзёбии сатҳи ба кордарории фондҳои асосӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.22. инъикос карда шудаанд.

**Ҷадвали 2.22. - Ба кордарории фондҳои асосӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии ҷумҳурӣ**

| Нишондиҳанда | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн.смн. | % | млн.смн. | % | млн.смн. | % | млн.смн. | % |
| **Ҳамагӣ фондҳои асосӣ** | **5561,3** | **100** | **5803,4** | **100** | **6860,5** | **100** | **12592,4** | **100** |
| Хоҷагии коммуналӣ | 407,5 | 7,33 | 349,0 | 6,01 | 1072,2 | 15,6 | 36,6 | 0,29 |
| Маориф | 162,7 | 2,9 | 236,0 | 4,07 | 389,5 | 5,7 | 243,4 | 1,9 |
| Тандурустӣ | 52,4 | 0,9 | 42,2 | 0,73 | 55,1 | 0,8 | 78,7 | 0,6 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.295-296]

Нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он дарак медиҳанд, ки ҳаҷми фондҳои асосӣ дар соли 2021 ба 5561,3 млн. сомонӣ баробар мебошад, ки аз он 407,5 ҳазор сомонӣ ба хоҷагии коммуналӣ, 162,7 ҳазор сомонӣ ба маориф, 52,4 ҳазор сомонӣ ба тандурустӣ ҷудо карда шудааст, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии фондҳои асосӣ мутаносибан ба 7,33, 2,9 ва 0,9 фоиз баробар аст. Соли 2022 ҳаҷми фондҳои асосӣ ба 5803,4 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2021 ба 4 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи фондҳои асосии хоҷагии коммуналӣ 6 фоиз, соҳаи маориф 4 фоиз ва тандурустӣ 1 фоизро дар ҳаҷми умумии фондҳои асосӣ ташкил медиҳанд. Соли 2024 ҳаҷми фондҳои асосӣ ба 12592,4 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2023 ба 84 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл аз он дарак медиҳад, ки таваҷҷуҳ таъминоти моддӣ-техникии соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат сол то сол бештар гашта истодааст.

Хизматрасонии пулакӣ дар инфрасохтори иҷтимоӣ яке аз механизмҳои молиявӣ ва пардохтие ҳисобида мешавад, ки дастрасии аҳолиро ба мол ва хизматрасониҳои базавӣ, ба монанди маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг, коммуналӣ, нақлиётӣ, маишӣ таъмин мекунад, ки он тавассути кӯмакҳои мустақим, субсидияҳо, имтиёзҳо, инчунин маблағгузории буҷетӣ барои муассисаҳои иҷтимоӣ дастгирӣ карда мешавад. Хизматрасонии пулакӣ қисми танзими молиявӣ буда, дар он пул чун воситаи ноилшавӣ ба ҳадафҳои иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Аз ин лиҳоз, таҳлили дастрасии аҳолӣ тавассути хизматрасониҳои пулакии соҳаҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки ҳаҷми он дар ҷадвали 2.23. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.23. - Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ вобаста ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2021-2024**

| | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн.смн. | % | млн.смн. | % | млн.смн. | % | млн.смн. | % |
| Ҳамагӣ, хизматрасонии пулакӣ | 3602,3 | 100 | 4114,6 | 100 | 4311,2 | 100 | 5100,8 | 100 |
| Маишӣ | 1925,3 | 53,4 | 2047,3 | 49,7 | 2139,8 | 49,6 | 2166,4 | 42,5 |
| Нақлиёти мусофирбар | 375,4 | 10,4 | 547,2 | 13,3 | 602,5 | 14,0 | 689,1 | 13,5 |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 58,3 | 1,62 | 60,0 | 1,46 | 62,4 | 1,45 | 63,7 | 1,25 |

*Идомаи ҷадвали 2.23.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маориф | 517,8 | 14,4 | 507,6 | 12,3 | 532,2 | 12,3 | 642,0 | 12,6 |
| Маданият | 11,8 | 0,33 | 12,2 | 0,3 | 12,0 | 0,28 | 14,4 | 0,28 |
| Саёҳат ва экскурсия | 0,7 | 0,02 | 2,3 | 0,05 | 3,0 | 0,07 | 3,7 | 0,07 |
| Варзиш | - | - | - | - | 0,1 | 0,00 | - | - |
| Тиб | 210,2 | 5,8 | 213,8 | 5,2 | 230,8 | 5,3 | 273,8 | 5,4 |
| Санаторӣ-табобатӣ | 24,3 | 0,67 | 37,7 | 0,92 | 35,5 | 0,8 | 31,3 | 0,61 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.356-357]

Аз рӯи рақамҳои ҷадвал чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар соли 2021 ба 3602,3 млн. сомонӣ баробар аст, ки аз он ба соҳаҳои маишӣ, нақлиёти мусофирбар, манзилӣ-коммуналӣ, маориф, маданият, саёҳат ва экскурсия, варзиш, тиб, санаторӣ-табобатӣ ҷудо карда шудааст, ки ҳар яки он дар арзиши умумии хизматрасонӣ ҳиссаи гуногунро дорад. Соли 2022 ин ҳаҷм ба 4114,6 млн. сомонӣ баробар гашта, нисбат ба соли 2021 ба 14 фоиз афзоиш гаштааст. Масалан, ҳиссаи бештарро соҳаи маишӣ ташкил медиҳад, ки он нисбат ба ҳаҷми умумии хизматрасонӣ 49,7 фоизро ташкил медиҳад, зеро хизматрасонии маишӣ маҷмуи хизматрасониҳое, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ равона карда мешаванд. Дар ҷойи дуюм, соҳаи маориф ва дар ҷойи сеюм соҳаи тиб қарор дорад, ки ҳиссаи он, дар маҷмуъ, мутаносибан ба 12,3 ва 5,3 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2024 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба 5100,8 млн. сомонӣ баробар гаштааст, ки он нисбат ба соли 2023 ба 18 фоиз афзоиш ёфтааст. Хизматрасонии маишӣ ба 2166,4 млн. сомонӣ, нақлиёти мусофирбар ба 689,1 ҳазор сомонӣ, манзилӣ-коммуналӣ ба 63,7 ҳазор сомонӣ, маориф ба 642,0 ҳазор сомонӣ, маданият ба 14,4 ҳазор сомонӣ, саёҳат ва экскурсия ба 3,7 ҳазор сомонӣ, тиб ба 273,8 ҳазор сомонӣ, санаторӣ-табобатӣ ба 31,3 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки ҳиссаи бештари он ба соҳаҳои маишӣ, маориф ва тиб рост омада, мутаносибан ба 42,5 фоиз, 12,6 фоиз ва 5,4 фоизро ташкил медиҳад.

Хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо муҳаррики асосии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз онҳо маҷмуи талаботро ташаккул дода, соҳаҳои мухталифи иҷтимоиро (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, манзилӣ-коммуналӣ) маблағгузорӣ менамоянд. Тавассути

маблағгузорӣ сифати зиндагии аҳолӣ беҳтар гардида, ҳосилнокии меҳнат баланд мегардад, муътадилии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад ва ҳамзамон сармояи инсонӣ ташаккул мeёбад.

Бинобар ин, таҳлили сохтори хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи вилоят ба манфиати кор арзёбӣ карда мешавад, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 2.24. гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.24. - Сохтори хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо дар минтақа ва ҷумҳур** *(хароҷоти як аъзои хонавода дар як моҳ, сомонӣ)*

| Минтақаҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | Вилояти Суғд | | Муқоисаи нишондодҳои вилоят бо ҷумҳурӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 |
| Озуқа | 535,31 | 570,05 | 548,38 | 560,58 | 1,02 | 1,0 |
| Ғайриозуқа | 422,94 | 395,63 | 403,83 | 320,24 | 0,95 | 0,81 |
| Хизмати манзилӣ-коммуналӣ | 36,44 | 38,79 | 33,01 | 34,61 | 0,90 | 0,9 |
| Хизмати маишӣ | 84,1 | 84,9 | 58,12 | 60,69 | 0,7 | 0,7 |
| Хизмати муассисаҳои маданӣ | 2,88 | 0,47 | 4,98 | 0,36 | 1,7 | 0,76 |
| Хизмати алоқа | 18,01 | 20,33 | 16,56 | 17,59 | 0,9 | 0,86 |
| Хизмати нақлиёти мусофирбар | 24,57 | 20,78 | 28,03 | 35,77 | 1,14 | 1,7 |
| Хизмати системаи маориф | 49,6 | 42,4 | 15,94 | 14,25 | 0,3 | 0,34 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [24, с.123-124]; [28, с.126-128]

Тавре аз ҷадвал мушоҳида карда мешавад, хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои ду соли охир нишон дода шудаанд. Ба таркиби хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо хароҷоти озуқа, ғайриозуқа, манзилӣ-коммуналӣ, маишиву маданӣ, алоқа, нақлиётӣ ва маориф дохил мешавад. Хароҷоти озуқа ба як аъзои хонавода дар як моҳ соли 2023 дар ҷумҳурӣ ба 535,31 сомонӣ, дар сатҳи вилоят ба 548,38 сомонӣ баробар аст, ки хароҷоти озуқавии вилоят нисбат ба ҷумҳур 2 фоиз зиёд аст. Дар соли 2024 ин нишондиҳанда дар сатҳи ҷумҳур ба 570,05 сомонӣ ва дар сатҳи вилоят ба 560,58 сомонӣ расидааст, ки хароҷоти вилоят ба хароҷоти ҷумҳурӣ қариб ки баробаранд. Хароҷоти ғайриозуқа дар ҷумҳурӣ соли 2024 ба 395,63 сомонӣ ва дар вилоят ба 320,24 сомонӣ баробар гаштааст, ки нисбат ба соли 2023 мувофиқан 20 фоиз камтар аст. Боиси қайд аст, ки соли 2024 хароҷоти нақлиётӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ дар ҷумҳурӣ ба 20,78 сомонӣ баробар буда, дар вилоят ба

35,77 сомонӣ мебошад, ки нисбат ба ҷумҳурӣ 72 фоиз зиёдтар аст. Аз ин бармеояд, ки хароҷоти нақлиётӣ дар вилоят нисбат ба ҷумҳурӣ зиёдтар аст.

Ҳамин тавр, тибқи таҳлилу арзёбии фишангҳои молиявӣ-иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ гуфтан мумкин аст, ки ҷанбаҳои баррасишавандаи рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз рушди бомароми сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, тамоюли устувори рушди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа шаҳодат медиҳанд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоии давлат мусоидат хоҳанд кард.

Дар шароити муосир сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, зеро хизматрасонии иҷтимоӣ олоти муҳимми амалигардонии сиёсати иҷтимоӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақа мебошад. Назорат ва дастгирии сатҳи оптималии хизматрасониҳои иҷтимоии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти онҳо таъсир мерасонад, зеро гирандаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои ба даст овардани хизматрасониҳои босифат ҳавасманд буда, хизматгузор бояд барои пешниҳод ва иҷрои хизматрасониҳои босифат вазифадоранд.

Дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ мафҳуми «сифат» нақши муҳимро мебозад, зеро аз сифату шароити хизматрасонӣ сатҳи қаноатмандии истеъмолкунанда вобастагӣ дорад.

Барои муайян намудани таъсири муҳити ташаккулёбӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа аз усули эконометрикӣ истифода мебарем, ки тавассути он имконияти ба таври миқдорӣ арзёбӣ намудани индикаторҳои омилӣ ба индикатори натиҷавӣ мавҷуд аст. Дар ин ҷо, аз рӯи мантиқ, рушди инфрасохтори иҷтимоиро тавассути индикатори натиҷавӣ, яъне хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳар сари аҳолӣ интихоб намуданро мувофиқи мақсад шуморидем. Вале, бояд қайд намуд, ки омилҳое, ки ба сатҳу сифати хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, хеле зиёданд.

Аз нуқтаи назари низомбандинамоӣ ва муайян намудани омилҳои гуногуне, ки ба соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ таъсир мерасонад, чун индикаторҳои омилӣ зеринҳоро интихоб намудем:

- $x_1$ – маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи иҷтимоӣ дар хароҷоти умумӣ (%),

- $x_2$ – ба кордарории фондҳои асосӣ (%),

- $x_3$ – музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат (смн),

- $x_4$ – маҷмуи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ (ҳаз. смн),

-$x_5$ – зичии аҳолии минтақа (нафар ба 1 км$^2$).

Барои ба таври миқдорӣ арзёбӣ намудани таъсири индикаторҳои молиявӣ ба сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ аз муодилаи хаттии зерин истифода мебарем:

$$Y= a + bx_1 + cx_2 + dx_3 + fx_4 + gx_5 \qquad (2.1)$$

Муодилаи хаттии мазкур бо усули ҳалли муодилаи регрессияи бисёромила бо методи квадратии хурдтарин тавассути бастаи барномаҳои компютерӣ ҳисоб карда мешавад. Бархе аз факту рақамҳо оид ба ҳисоби усули эконометрикӣ дар ҷадвали 2.25. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.25. - Низоми нишондиҳандаҳо барои таҳия намудани модели математикии таъсири индикаторҳои молиявӣ ба сатҳи хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳар сари аҳолӣ (смн) | Маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи иҷтимоӣ дар хароҷоти умумӣ (%) | Ба кордарории фондҳои асосӣ дар соҳаи иҷтимоӣ (%) | Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат, (смн) | МММ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳаз.смн) | Зичии аҳолии минтақа (нафар ба 1 км$^2$) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | (y) | ($x_1$) | ($x_2$) | ($x_3$) | ($x_4$) | ($x_5$) |
| 2010 | 879,6 | 73,8 | 17,4 | 354,44 | 2,54 | 88,6 |
| 2011 | 942,5 | 74,2 | 15,8 | 442,13 | 2,86 | 90,6 |
| 2012 | 1004,2 | 89,04 | 9,8 | 555,29 | 3,05 | 89,2 |
| 2013 | 1065,9 | 89,6 | 9,5 | 694,89 | 3,24 | 86,1 |
| 2014 | 1095,8 | 96,3 | 2,7 | 816,27 | 4,23 | 99,0 |
| 2015 | 1131,3 | 63,5 | 15,8 | 878,91 | 4,79 | 99,6 |
| 2016 | 1161,2 | 83,6 | 21,4 | 774,23 | 5,72 | 101,6 |
| 2017 | 1231,7 | 74,4 | 21,2 | 1012,87 | 6,71 | 103,5 |
| 2018 | 1689,1 | 76,2 | 12,9 | 1072,28 | 6,90 | 105,5 |
| 2019 | 1672,9 | 80,9 | 11,4 | 1182,69 | 7,58 | 107,4 |
| 2020 | 1446 | 82,9 | 6,9 | 1236,3 | 7,8 | 109,3 |

*Идомаи ҷадвали 2.25.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2021 | 1464,4 | 87,6 | 11,2 | 1418,8 | 9,7 | 112,1 |
| 2022 | 1595 | 88 | 10,8 | 1632,8 | 11,1 | 113,9 |
| 2023 | 1591,5 | 88,5 | 22,1 | 1875,7 | 12,06 | 115,8 |
| 2024 | 1719,7 | 90 | 2,8 | 2148,2 | 14,3 | 117,7 |

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои зерин таҳия гардидааст: [26, с.305; 422-450]; [24, с.296]; [28, с.9-13; 23-24; 295-296; 357; 382-390]

Тавре аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, тамоми нишондиҳандаҳои тавсифии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз соли 2010 то 2024 рӯ ба афзоиш доранд. Хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи таҳқиқ тамоюли рушд дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 ин нишондиҳанда ба 195,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи иҷтимоӣ дар хароҷоти умумӣ соли 2010 ба 73,8 фоиз баробар буда, соли 2024 он ба 90 фоиз расидааст, ки нисбат ба соли 2010 ба 16,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳиссаи маблағгузории буҷетӣ дар хароҷоти умумӣ сол аз сол афзоиш ёфта, таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати мамлакат ба беҳтарсозии соҳаи иҷтимоӣ аҳаммияти бештар зоҳир намуда истодаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки фаъолияти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз мавҷудият ва таъминоти заминаи моддӣ-техникӣ вобастагии калон дорад, ки ба кордарории фондҳои асосӣ дар ин самт яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми механизми молиявӣ маҳсуб меёбад. Ҳиссаи ба кордарории фондҳои асосӣ дар соҳаи иҷтимоӣ аз соли 2010 то соли 2024 тамоюли гуногун дорад, агар дар як давра он ҳиссаи бештарро дошта бошад, дар давраи дигар он ҳиссаи начандон бештар дорад. Масалан, ҳиссаи ба кордарории фондҳои асосӣ ба соҳаи иҷтимоӣ соли 2010 ба 17,4 фоиз баробар буда, соли 2024 он ба 2,8 фоиз баробар гаштааст, ки нисбат ба давраи гузашта 14,6 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таъминоти молиявии кормандони соҳаи иҷтимоӣ яке аз омилҳои муҳимми фаъолияти соҳа буда, маҳз тавассути он шароити зиндагӣ ва некуаҳволии онҳо беҳтар мегардад. Бинобар ин, музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат ҳамчун омили таъсиррасон ба хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ба инобат гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда дар давраи таҳлил рӯ ба

афзоиш дорад ва соли 2010 он ба 354,44 сомонӣ баробар буда, соли 2024 ба 2148,2 сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2010 ба андозаи 6 маротиба зиёд гаштааст. Тамоюли мусбии ин нишондиҳанда борҳо дар Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда мешавад.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ тамоюли рушд дорад, ки он соли 2010 ба 2,54 ҳаз. сомонӣ баробар буда, соли 2022 ба 14,3 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2010 ба 56 маротиба зиёд ва нисбат ба соли 2023 ба 118,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Вале, нисбат ба зичии аҳолии минтақа чунин гуфтан мумкин аст, ки бо афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ зичии аҳолӣ низ ба 1 $км^2$ афзоиш ёфтааст. Агар соли 2010 зичии аҳолӣ ба 1 $км^2$ 88 нафар рост ояд, соли 2024 ба 1 $км^2$ 118 нафар мувофиқ омада истодааст, ки дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 ба 32,8 фоиз афзоиш дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи аҳолӣ аз зичии он вобастагии калон дорад, зеро афзоиши шумораи аҳолӣ боиси ба вуҷудоии талабот ба инфрасохторҳои гуногун мегардад ва барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа таъсири худро мерасонад.

Аз ин лиҳоз, таъсири индикаторҳои ташкилӣ-молиявӣ ба нишондиҳандаҳои натиҷавии умумии интизорӣ, яъне сатҳи хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳар сари аҳолӣ тавассути усули математикаи иқтисодӣ коркард карда шудааст. Дар асоси истифодаи бастаи барномаҳои махсуси компютерӣ ҳисобу китоби муодилаи регрессионӣ чунин шаклро гирифтааст:

$$\mathbf{Y=-411{,}66 + 3{,}263x_1 + 5{,}929x_2 + 0{,}224x_3 + 10{,}15x_4 + 18{,}49x_5} \qquad \mathbf{(2.2)}$$

Тавре аз муодилаи регрессионӣ бармеояд, нишондиҳандаҳое, ки ба сатҳу сифати хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ таъсири зиёд доранд, дар навбати аввал зичии аҳолии минтақа, дувум маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки зарибҳои ҳисобкардашудаи се нишондиҳандаи аввал нисбат ба дигарон баланд буда, чандирнокиашон ба натиҷаи интизорӣ бузург аст. Дар асоси муодилаи регрессионии болозикр иерархияи нишондиҳандаҳои арзёбишударо аз рӯи сатҳи қувваи таъсиррасонӣ таҳия кардан мумкин аст, ки дар ҷадвали 2.26. дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 2.26. - Қимати зарибҳои таъсиррасон**

| Мавқеи таъсиррасонӣ | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Қиммати зариби таъсиррасон |
|---|---|---|
| 1 | Зичии аҳолии минтақа (нафар ба 1 км²) | 18,49 |
| 2 | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ (хаз. сомонӣ) | 10,15 |
| 3 | Ба кордарории фондҳои асосӣ дар соҳаи иҷтимоӣ (%) | 5,929 |
| 4 | Маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи иҷтимоӣ дар хароҷоти умумӣ (%) | 3,262 |
| 5 | Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат (сомонӣ) | 0,224 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Барои муайян намудани зичии вобастагии омилҳои зикршуда, шохиси коррелятсияи бисёромила мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Доир ба масъалаи таҳқиқшаванда қимати шохиси коррелятсионӣ аз ҳисобҳои анҷом додашуда маълум шуд, ки R=0,9031 баробар аст. Чун назария қимати ҳосилшуда маънои онро дорад, ки зичии алоқа дар байни нишондиҳандаҳои таҳқиқшаванда баланд аст, яъне онҳо байни ҳам вобастагии зич доранд.

Дар асоси нишондиҳандаи мазкур сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаи натиҷавӣ аз омилҳои таъсиррасон тавассути зариби детерминатсия муайян карда шуд ва ҳисобҳо нишон доданд, ки зариби детерминатсия ба $R^2$=0,8157 баробар аст, яъне ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омилҳое, ки ба модел дохил карда шудаанд, сатҳи вобастагии онҳо 81,57 фоиз мебошад.

Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, хуб мешуд, агар минбаъд дар ташаккули механизмҳои молиявии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа, алалхусус, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва

ҳам дар сатҳи минтақа ба омилҳои таҳқиқшаванда аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад, он гоҳ дараҷаи муайяни рушди он таъмин мегардад.

Мутобиқатии модели математикии коркардшударо ба ҳаёти воқеӣ тавассути фишанги регрессия дар барномаи Microsoft Excel муайян кардан мумкин аст. Масалан, аз рӯи нишондиҳандаи «FTest» баҳо додан мумкин аст ва натиҷаи ҳисоб нишон медиҳад, ки $F_{факт}$ (79,695)> $F_{табл}$ (0,004007) аст.

Ҳамин тавр, аз ҳисобҳои анҷомдодашуда, бармеояд, ки муодилаи регрессионии ҳисобкардашуда аз нуқтаи назари арзёбишаванда вобастагӣ дошта, нишон медиҳад, ки байни омилҳои таҳқиқшаванда ва омили натиҷавӣ робитаи муайяни пешгӯишавандагӣ мавҷуд мебошад.

Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки фишангҳои молиявии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа гуногунанд ва ҳар яки он ба фаъолияти объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба таври гуногун таъсир мерасонад. Боиси қайд аст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ индикатори муҳим дар рушди минтақа ба ҳисоб меравад, зеро тавассути иқтидори он сиёсати иҷтимоӣ татбиқ ва сатҳи пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ муайян карда мешавад.

Дар шароити имрӯза на танҳо рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳамчунин нигоҳдорӣ ва азнавсозии иншоотҳои мавҷудаи соҳа, масъалаҳои таъминоти кадрӣ, таҳия ва татбиқи хизматрасонии иҷтимоии марбут ба аҳолӣ бо миқдор ва сифати зарурӣ, дастрасӣ ва мутобиқатии онҳо ба талаботи истеъмолкунандагон низ хеле муҳим аст.

## Хулосаҳои боби II

1. Муаммои сатҳу сифати зисти аҳолӣ ва дараҷаи некӯаҳволии он аз рушди босуботи инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин лиҳоз, механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар ташаккули банақшагирии салоҳиятнок, идоракунии босамар ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд.

2. Дар асоси таҳқиқотҳои анҷом додашуда муайян намудем, ки сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ пас аз вилояти Хатлон дар ҷойи дуввум қарор дорад, вале дар таъминот бо унсурҳои таркибии он вазъият гуногун аст. Масалан, вобаста ба сатҳи таъминнокӣ бо инфрасохтори тандурустӣ ва фарҳанг қафомонӣ, вобаста ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф дар сатҳи миёна ва дар соҳаи нақлиёт ва савдо пешқадам мебошад.

3. Дар асоси истифодаи модели бисёромила муайян намудем, ки сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ аз фишангҳои молиявӣ-иқтисодӣ пайвастагии зич дорад. Вале, бо вуҷуди тамоюли назарраси рушди ҳиссаҷудокуниҳои буҷетӣ ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳаҷми он талаботи соҳаро қонеъкунанда намебошад, ки инро сатҳи пасти музди маоши кормандони дар он соҳа фаъолиятбаранда мудаллал карда шудааст.

# БОБИ 3. ТАКОМУЛИ ҚИСМАТҲОИ ТАРКИБИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА

## 3.1. Шарикии давлатӣ ва хусусӣ чун механизми инкишофи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа

Табодули бозории иқтисодиёти мамлакат ва баланд гаштани сатҳи мустақилияти минтақаҳо ба вайрон шудани фаъолияти муттасил ва пуррагии такрористеҳсоли унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ оварда расонидааст. Дар чунин шароит зарурати ҷустуҷӯ ва пайдо намудани самтҳои рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ки на танҳо мавҷудияти онро таъмин мекунад, балки рушди минбаъдаи онро таъмин карда метавонад, ба вуҷуд меояд. Табодули минтақа аз объекти сиёсати иҷтимоӣ ба субъекти фаъоли амалкунанда, танҳо дар сурати ошкор намудани тамоми захираҳои дохилии он ва истифодаи иқтидори мавҷуда имконпазир аст, зеро дар асоси он самтҳои такомули раванди идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа бо истифодаи ҳамгироию ҳавасмандии субъектони хоҷагидор ва сохторҳои давлатӣ муайян ва татбиқ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки муаммоҳои назариявӣ ва амалии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки дар истифодаи усулҳо, амсилаҳо, шаклҳо ва механизмҳои рушди он таъсири манфӣ мерасонанд. Боиси қайд аст, ки рушди иҷтимоии ҷамъият зери таваҷҷуҳи илми иқтисодӣ қарор дорад ва сиёсати иҷтимоӣ предмети муҳокимаи ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ маҳсуб меёбад. Соҳаи иҷтимоӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба таври назаррас тағйир ёфта, механизми идоракунӣ ва маблағгузории соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ муаммои асосии минтақа ба ҳисоб меравад, зеро онҳо барои таъмини талаботи ҷамъият ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши босазо доранд.

Мушаххас кардани мазмуну мундариҷаи инфрасохтори иҷтимоӣ, робитаи мутақобилаи он бо талаботи ҷамъият ва сатҳу сифати зиндагии

аҳолии минтақа мувофиқи мақсад аст, ки онро ба таври схемавӣ инъикос намоем, ки дар расми 3.1. оварда шудааст.




**Расми 3.1. - Мавқеи объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар қонеъ намудани талаботи ҷамъият ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маврид ба ёдоварист, ки инфрасохтори иҷтимоӣ низоми ташкилӣ-иқтисодие мебошад, ки фаъолияти он барои иҷрои мақсадҳои зерин ба роҳ монда шудааст:

«- қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа;

- таъмини кафолати сатҳу сифати зиндагӣ;

- саҳм гузоштан дар таъмини самаранокии раванди истеҳсолӣ ва рақобатпазирии он дар шароити муосир;

- таъмини такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои ботахассус барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат» [171].

Ҳамин тавр, инфрасохтори иҷтимоии минтақа барои таъмини ҳамаҷонибаи талаботи ҷамъиятӣ тарҳрезӣ гардидааст, ки дар ҳолати мавҷудияти норасоӣ дар банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаҳои он боиси коҳиш ёфтани самаранокии рушди фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ мегардад. Объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ зинаи муҳимми пайвасткунандаи талаботи аҳолӣ ва унсурҳои сифати зиндагии онҳо ҳисобида мешавад. Сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз сифати зиндагонии аҳолӣ дарак медиҳад, ки он бо рушди иқтисодӣ алоқамандии зич дорад, зеро ба сифати объекти асосӣ инсон баромад мекунад. Инсон, дар навбати худ, барандаи сармояи инсонӣ буда, аз як тараф, ҳамчун истеъмолкунанда, аз тарафи дигар, ҳамчун истеҳсолкунандаи молу хизматрасонӣ баромад мекунад (омили истеҳсолот). Яъне, дар ҳолати истеъмолкунанда будан сатҳи қонеъгардонӣ ба сифати зиндагӣ ва дар ҳолати истеҳсолкунанда будан ба сатҳи рушди иқтисодии минтақа таъсир мерасонад. Бояд гуфт, ки падидаи мазкур таркибдиҳандаи тараққиёт ва рушди иқтисодиёти тамоми минтақаҳо маҳсуб меёбад.

Дар шароити муосир ҷустуҷӯи олотҳое, ки дар ҳолати маҳдуд будани захираҳои молиявии буҷетӣ барои фаъол гардонидани захираҳои дохилӣ ва амалигардонии бомуваффақияти лоиҳаҳо ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа имконият медиҳад, яке аз масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар яке аз сарчашмаҳо гуфта шудааст, ки: «Шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар сатҳи минтақа яке аз олоти самараноки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, зеро он бо имкониятҳои наве, ки дар ҷараёни омезиши захираҳои тиҷоратӣ (дар шакли молия, менеҷмент, таҷрибаи соҳибкорӣ, навоварӣ) ва захираҳои давлатӣ (дар шакли ба истифодадиҳии фондҳои асосӣ, моликияти давлатӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ) ба вуҷуд меоянд, вобастагӣ дорад» [40].

ШДХ имконият медиҳад, ки захираҳои иловагӣ барои ҳалли муаммоҳои буҷетӣ аз қабили таъмини объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (муассисаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг ва ғайра) ҷалб

карда шавад, зеро идораи ин объектҳо ва маблағгузории онҳо тавассути ШДХ дар он аст, ки ҳиссаи хавф ба бахши хусусӣ вогузор гардида, объектҳо чун моликияти давлатӣ боқӣ мемонад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ чун механизми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи иқтисодӣ ба таври гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Масалан, яке аз муҳаққиқи тоҷик Х.М. Тухсанбоева дар рисолаи илмии худ қайд кардааст, ки: «ШДХ механизми сиёсати иқтисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва ба шарти судмандии мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодиро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддӣ аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд» [162, с.18].

Олими дигари самти иқтисодӣ Н.Ш. Раҳимова дар таҳқиқоти худ қайд кардааст, ки: «Ҳамоҳангсозии манфиатҳо дар таҳия ва истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии минтақавиро таъмин намуда, рушди устувор ва мутавозини ҳудудҳои маъмуриро кафолат медиҳад» [127, с.84-94].

Ҳамин тавр, вобаста ба масъалаи фароҳам овардани шароит ва муҳити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025 қайд карда шудааст, ки: «Саҳми бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят, махсусан, дар рушди инфрасохтори аввалиндараҷа, хизматрасонӣ ва истеҳсолоти саноатию кишоварзӣ сол аз сол тавсеа ёфта, ҳиссаи он дар раванди таъсис додани ҷойҳои нави корӣ басо назаррас мебошад» [12, с.28].

Мавриди зикр аст, ки барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва бахши хусусӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [2] қабул гардидааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии шарикии давлатро бо бахши хусусӣ муқаррар гардонида, тартиби татбиқ намудани лоиҳаҳои шарикии

давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои мухталифи инфрасохторӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусӣ таъмин карда шудаанд, ки ин фоли нек барои ташкили шароити мусоиди сармоягузорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва минтақаҳои он ҳисоб меёбад.

Афзалиятҳои ШДХ дар он аст, ки як ё якчанд корхонаҳои хусусӣ объектҳои инфрасохтори иҷтимоиро сохта ба истифода медиҳанд ё ин ки таъмиру азнавсозӣ менамоянд, ба фондҳои асосӣ маблағгузорӣ мекунанд, ки дар натиҷа аз давлат чунин дастгириҳоро гирифта бошанд:

«- мусоидат дар намуди тезонидани қабули қарорҳо дар сатҳи идораи минтақавӣ (ҷудо намудани қитъаи замин, иҷозат барои сохтмон, додани иҷозатнома барои фаъолиятҳои мухталиф);

- мусоидатҳои ташкилӣ ҳангоми ҷалб ё интихоби корманд ва амсоли инҳо;

- мусоидатҳои иттилоотӣ дар намуди инъикоси фаъолиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми ташкилотҳо дар васоити ахбори оммаи минтақавӣ бо шартҳои имтиёзнок;

- мусоидатҳои молиявӣ дар намуди ҷудо намудани маблағҳои пулӣ дар доираи лоиҳаҳои миллӣ ва минтақавӣ, грантҳо, субсидияҳо» [126, с.34-39].

Бо вуҷуди афзалиятҳои мавҷуда дар ташаккули шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳамчунин як қатор мушкилиҳое ҷой доранд, ки соҳибкорон дар вақти фаъолияти худ ба онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ба монанди:

- норасоии захираҳои молиявӣ, номукаммалии механизмҳои дастгирии молиявӣ, дастрасӣ ба имтиёзҳо ва воситаҳои қарзӣ;
- баланд будани фоизи қарзӣ дар бонкҳо ва нокифоя будани имтиёзҳо дар самти рушди соҳибкорӣ;
- номукаммал будани механизми суғуртаи хавфҳо ва рушди нокифояи механизми лизинг;

• номукаммалии қонунгузории андоз, гаронии сарбории андозҳо ба соҳибкории хурду миёна;

• ҷой доштани монеаҳои сунъӣ дар низоми иҷозатномадиҳӣ;

• зиёд будани шумораи ниҳодҳои назоратию тафтишотӣ.

Шарикии давлатӣ ва хусусӣ чун механизми маблағгузории инфрасохтори иҷтимоӣ дар тамоми ҷаҳон зери таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Бояд тазаккур дод, ки «лоиҳаҳои татбиқшавандаи ШДХ ба соҳаҳои иҷтимоӣ нақши босазо доранд, масалан, дар Британиёи Кабир шартномаҳо аз рӯи лоиҳаҳои ШДХ ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мутаносибан 36 фоиз ва 31 фоизро аз маҷмуи умумии лоиҳаҳо ташкил медиҳанд, дар Олмон бошад, ин ҳисса ба маориф 43 фоиз аз ҳамаи лоиҳаҳои ШДХ рост меояд, дар Федератсияи Русия ин ҳисса ба 18,6 фоизро ташкил медиҳад» [153, с.1-11].

Мушоҳида гардид, ки дар мамлакати мо таваҷҷуҳ ба лоиҳаҳои ШДХ ба соҳаи иҷтимоӣ ҳам аз ҷониби ҷамъият ва ҳам аз ҷониби шарикони хусусӣ бештар зоҳир гардида истодааст. Тибқи маълумотҳо дар соли 2015 дар қаламрави вилояти Суғд 97621 нафар соҳибкорони хурду миёна ба қайд гирифта шудаанд ва соли 2025 он тахминан ба 126500 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2015 ба 28879 нафар ё худ ба 29,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Баҳри фароҳам овардани шароити мусоид, ташаккули фазои сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ дар назди Раиси вилояти Суғд Шурои машваратӣ ва Ассотсиатсияи соҳибкорон таъсис дода шудааст, ки ин ниҳодҳо кафолати муносибатҳои бахши хусусиро бо давлат таъмин менамоянд.

Ҳавасмандгардонии давлатӣ барои рушди шарикии давлатӣ ва ҳусусӣ пеш аз ҳама аз зарурати бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар бахшҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ба монанди паст будани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва маҳдуд будани захираҳои буҷетӣ сарчашма мегирад. Маврид ба ёдоварист, ки бахши хусусӣ барои иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ чун воситаи истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳо бо талаботи устувори ҷамъият ҳавасманд аст. Имрӯзҳо

шумораи иштироки бахши хусусӣ дар лоиҳаҳои ШДХ, ки ба беҳтар кардани сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ, ҳамчунин рушди инфрасохтори иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, рушд ёфта, зиёд гардида истодааст.

Самти дигари муҳимми мушкилоти муттаҳидсозии захираҳои давлатӣ ва хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати давлатӣ дар он аст, ки ШДХ арзишҳои иқтисодиро афзоиш медиҳад ва ба рушд ва азнавсозии инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар ташаккули ШДХ шакли ҳамгироии бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ, механизми маблағгузорӣ гуногунҷабҳа мебошад, ки онро бо тарзи амсила чунин пешниҳод менамоем (расми 3.2.).




**Расми 3.2. - Амсилаи механизми маблағгузории ШДХ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар мавриди татбиқи лоиҳаҳои ШДХ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, одатан, дар таҷрибаи иқтисодиёти мамлакати мо ҳам маблағгузории мустақим ва ҳам маблағгузории лоиҳавиро истифода мебаранд, зеро онҳо дар истифода ва амалигардонии ҳадафҳои иҷтимоӣ қулай ва дастрас арзёбӣ карда мешаванд.

Шарикии давлатӣ ва хусусӣ, пеш аз ҳама, дар он соҳаҳое ба вуҷуд меояд, ки дар он давлат масъулияти бештар оид ба навсозӣ ва нигоҳдории объектҳои истифодаи маишӣ, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, маориф, тандурустӣ дорад. Давлат маъмулан наметавонад, ки аз соҳаҳои номбурдаи иқтисодиёт пурра даст кашад, ҳамзамон барои таъмини нигоҳдории онҳо хароҷотҳо аз ҳисоби буҷет маҳдуд мебошад. Ин боиси ҷалби сармояи иловагӣ тавассути татбиқи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ мегардад.

Бино ба иттилои Раёсати маорифи вилояти Суғд «то соли 2025 дар қаламрави вилоят 284 муассисаи томактабӣ фаъолият дорад, ки 47000 кӯдакро ба таълиму тарбия фаро гирифтааст. Бо вуҷуди ин, сатҳи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ қонеъкунанда намебошад ва масъулони вилоят нақша доранд, ки дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» ин нишондиҳандаро то соли 2027 афзоиш диҳанд» [173].

Барномаи мазкур афзалият ва самтҳои асосии дастгирӣ ва рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи маориф муаяйн мекунад, ки барои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ барои анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити мусоидро фароҳам меорад. Барнома барои рушди намудҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи хусусӣ мусоидат намуда, рақобати солимро дар соҳаи мазкур ба вуҷуд меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот дар соҳаи муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ, ба монанди фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбия, такомули заминаи меъёрии

ҳуқуқии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ, фароҳам овардани шароити имтиёзнок, ҷудо кардани қитъаи замин ва амволи махсус бо низоми содакардашуда, фароҳам овардани шароит барои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тибқи қонун, таъсис додани шурои машваратӣ ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар сатҳи маҳал, таъмини шароити мусоид барои рушди маданияти пардохти андоз, пеш бурдани ғояҳои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони пешсафе, ки дар соҳаи маориф саҳм гузоштаанд мавҷуданд, ки бояд дар асоси қабули Барнома ҳал карда шаванд.

Барои татбиқи барномаи мазкур дар марҳилаи аввал (солҳои 2022-2024) аз ҷониби бахши хусусӣ маблағгузорӣ ба муассисаҳои томактабӣ чунин сурат гирифтааст, ки маълумоти заруриро вобаста ба шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҷадвали 3.1. дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 3.1. - Маблағгузорӣ дар муассисаҳои томактабии хусусӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | 2022 | | | 2023 | | | 2024 | | | Ҳамагӣ дар 3 сол | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, ҳаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, ҳаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, ҳаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, ҳаз.смн. |
| ш.Хуҷанд | 1 | 200 | 11700 | 2 | 300 | 17550 | 1 | 150 | 8775 | 4 | 650 | 29250 |
| ш.Истаравшан | - | - | - | 1 | 150 | 8775 | - | - | - | 1 | 150 | 8775 |
| ш.Конибодом | - | - | - | 1 | 100 | 5850 | - | - | - | 1 | 100 | 5850 |
| ш.Гулистон | 1 | 150 | 8775 | - | - | - | - | - | - | 1 | 150 | 8775 |
| ш.Панҷакент | 1 | 200 | 11700 | - | - | - | - | - | - | 1 | 200 | 11700 |
| ш.Бӯстон | - | - | - | 1 | 100 | 5850 | - | - | - | 1 | 100 | 5850 |
| ш.Исфара | 1 | 150 | 8775 | - | - | - | 1 | 150 | 8775 | 2 | 300 | 17550 |
| н.Спитамен | - | - | - | 1 | 100 | 5850 | - | - | - | 1 | 100 | 5850 |
| н.Ҷ.Расулов | - | - | - | - | - | - | 1 | 150 | 8775 | 1 | 150 | 8775 |
| н.Мастчоҳ | - | - | - | 1 | 100 | 5850 | - | - | - | 1 | 100 | 5850 |
| н.Зафаробод | - | - | - | 1 | 100 | 5850 | - | - | - | 1 | 100 | 5850 |
| н.Ашт | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| н.Деваштич | 1 | 150 | 8775 | - | - | - | - | - | - | 1 | 150 | 8775 |
| н.Б.Ғафуров | - | - | - | 1 | 150 | 8775 | 1 | 100 | 5850 | 2 | 250 | 14625 |
| **Ҳамагӣ, дар в.Суғд** | **5** | **850** | **49725** | **10** | **1250** | **73125** | **4** | **550** | **32175** | **19** | **2650** | **155025** |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Замимаи 1-и «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» таҳия карда шудааст.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвал мушоҳида мегардад, ки маблағгузорӣ ба муассисаҳои томактабии хусусӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят дар солҳои 2022-2024 ба роҳ монда шудаанд.

Тибқи далелҳои болоӣ дидан мумкин аст, ки соли 2022 дар шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, Исфара ва ноҳияи Деваштич ба шумораи як ададӣ дар ҳар шаҳру ноҳия бо иқтидори 150-200 ҷой ба маблағи 8775 ҳаз. сомонӣ ва 11700 ҳаз. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, ба пуррагӣ амалӣ карда шудааст. Дар вилоят ин теъдод ба 5 адад бо 850 ҷой ба маблағи 49725 ҳаз. сомонӣ баробар аст.

Соли 2023 дар шаҳри Хуҷанд ду адад муассисаи томактабии хусусӣ бо иқтидори 300 ҷой ва маблағи 17550 ҳаз. сомонӣ амалӣ гардидааст. Дар шаҳрҳои Истаравшан, Конибодом, Бӯстон, ноҳияҳои Спитамен, Мастчоҳ, Зафаробод ва Б.Ғафуров ба шумораи як адад муассиса бо 100 ҷой, ба маблағи 5850 ҳаз. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, амалӣ гардидааст. Ҳамон сол теъдоди муассисаҳо дар вилоят ба 10 адад бо 1250 ҷой ва маблағи 73125 ҳаз. сомонӣ баробар гаштааст.

Соли 2024 танҳо дар шаҳрҳои Хуҷанду Исфара ва ноҳияҳои Ҷ.Расулов ва Б.Ғафуров ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабии хусусӣ тибқи Барномаи давлатӣ бо шумораи як адад ва 150 ҷой, ба маблағи 5850-8775 ҳаз. сомонӣ амалӣ гардидааст, вале дар дигар шаҳру ноҳияҳо ба нақша гирифта нашудааст. Нисбат ба вилоят чунин гуфтан мумкин аст, ки ин теъдод ба 4 адад баробар буда, бо 550 ҷой ва 32175 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, дар соли таҳлил шумораи муассисаҳои томактабии маблағгузоришуда 19 адад буда, шумораи ҷой ба 2650 баробар аст ва ҳаҷми умумии маблағҳои сарфшуда 155025 ҳаз. сомониро ташкил медиҳанд. Ин иҷроиши марҳилаи аввали татбиқи барнома буда, корҳои созандагиву ободкорӣ ва ба истифодадиҳии муассисаҳои нав идома доранд.

Боиси қайд кардан аст, ки дар давраи дуюми иҷрои миёнамуҳлати «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» танҳо дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Гулистон, Панҷакент, Бӯстон, Исфара, ноҳияҳои Спитамен, Ҷ.Расулов, Мастчоҳ, Зафаробод, Деваштич, Б.Ғафуров ба истифода додани муассисаҳои томактабии хусусӣ ба назар мерасанд, вале дар дигар шаҳру ноҳияҳо ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабии хусусӣ ба нақша гирифта нашудаанд. Мебоист, дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ теъдоди муассисаҳои томактабии хусусӣ зиёд карда шаванд, зеро ин боиси таъмин гардидани кӯдакони синни томактабӣ бо ҷойҳои муайян мегарданд, ки барои рушди таълиму тарбияи кӯдакон мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамзамон давлат бо дастгирии субъектони бахши хусусӣ дар солҳои охир теъдоди бисёри муассисаҳои томактабии давлатиро таъмиру азнавсозӣ кардааст ва сохта ба истифода супурд, ки барои арзёбии онҳо маълумотҳои лозима дар ҷадвали 3.2. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.2. - Теъдоди ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар асоси ШДХ**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Теъдоди муассисаҳои томактабӣ, в-д | | | | | Ҳамагӣ дар 5 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| **Вилояти Суғд** | **12** | **9** | **10** | **12** | **15** | **58** |
| н.Айнӣ | 1 | - | 1 | - | 1 | 3 |
| н.Ашт | - | 1 | - | - | - | 1 |
| н.Б.Ғафуров | 3 | - | 2 | 1 | 2 | 8 |
| ш. Бӯстон | 2 | - | - | 1 | - | 3 |
| ш.Гулистон | - | - | 1 | 1 | - | 2 |
| н.Деваштич | 1 | - | 1 | - | - | 2 |
| н.Зафаробод | - | 1 | - | 1 | - | 2 |
| ш.Истаравшан | - | - | 1 | 1 | 1 | 3 |
| ш. Истиқлол | 1 | - | - | 1 | - | 2 |
| ш.Исфара | - | 2 | 1 | - | 1 | 4 |
| ш.Конибодом | 1 | - | 1 | 1 | 2 | 5 |
| н.К. Мастчоҳ | - | 1 | - | 1 | - | 2 |
| н.Мастчоҳ | 1 | - | - | 1 | 3 | 5 |
| ш.Панҷакент | 1 | - | 1 | - | - | 2 |
| н.Спитамен | - | - | - | 1 | 1 | 2 |
| ш. Хуҷанд | - | 1 | 1 | 2 | 2 | 6 |
| н.Ҷ. Расулов | - | 1 | - | - | 1 | 2 |
| н.Шаҳристон | 1 | 1 | - | - | 1 | 3 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [30]

Аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки соли 2020 дар вилоят 12 адад муассисаҳои томактабии давлатӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки 3 адади он ба н.Б.Ғафуров ва 2 адади он ба ш.Бӯстон рост омадааст. Дар ноҳияҳои Айнӣ, Деваштич, Мастчоҳ, Шаҳристон ва шаҳрҳои Истиқлол, Конибодом, Панҷакент ба шумораи як адад муассиса сохта ба истифода дода шудаанд. Вале, соли 2020 дар ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, К.Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов, Шаҳристон, шаҳрҳои Гулистон, Истаравшан, Исфара, Хуҷанд ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабии давлатӣ ба нақша гирифта нашудааст.

Соли 2021 дар вилоят 9 адад муассисаи томактабӣ ба истифода дода шуда, 2 адади он ба шаҳри Исфара рост омадааст ва теъдоди боқимондаи муассиса ба ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, К.Мастчоҳ, Ҷ.Расулов, Шаҳристон ва шаҳри Хуҷанд рост омадааст. Нисбат ба солҳои 2022 ва 2023 низ чунин натиҷаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки дар маҷмуъ дар вилоят 10 адад ва 12 ададро ташкил медиҳанд. Боиси хурсандист, ки соли 2024 теъдоди муассиса аз 12 адади соли 2020 ба 15 адад расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи давлату ҳукумат барои фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

Бояд гуфт, ки дар 5 сол, дар маҷмуъ, 58 адад муассисаҳои томактабӣ дар қаламрави вилояти Суғд сохта ба истифода дода шудаанд, ки аз ин теъдод 8 адад ба н. Б.Ғафуров, 6 адад ба ш.Хуҷанд, 5 адад ба ш.Конибодому н.Мастчоҳ, 4 адад ба ш.Исфара, 3 адад ба ш.Бӯстону н.Шаҳристон ва Айнӣ, 2 адад ба ш.Гулистон, ш.Панҷакент, ш.Истиқлол, н.Деваштич, Зафаробод, К.Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов рост омадааст. Танҳо дар ноҳияи Ашт давоми 5 соли охир 1 адад муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода шудаасту халос ва мебоист, ки дар дигар ноҳияҳои вилоят низ ба истифодадиҳии муассисаҳои томактабӣ ба нақша гирифта шавад.

Дар асоси татбиқи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027»

маблағгузорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ низ равона гардидааст, ки вазъи иҷрои он дар давраи миёнамуҳлат дар асоси маълумотҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Маблағгузории бахши хусусӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | 2022 | | | 2023 | | | 2024 | | | Ҳамагӣ дар 3 сол | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, хаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, хаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, хаз.смн. | Шумора | Иқтидор (ҷой) | Маблағ, хаз.смн. |
| ш.Хуҷанд | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 | 2 | 480 | 10000 |
| ш.Истаравшан | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 | 2 | 480 | 10000 |
| ш.Конибодом | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | - | - | - | 1 | 240 | 5000 |
| ш.Панҷакент | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| ш.Бӯстон | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | - | - | - | 1 | 240 | 5000 |
| ш.Исфара | 1 | 792 | 16500 | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 2 | 1032 | 21500 |
| н.Спитамен | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| н.Ҷ.Расулов | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| н.Зафаробод | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| н.Ашт | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| н.Б.Ғафуров | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 2 | 280 | 10000 | 3 | 520 | 15000 |
| н.Айнӣ | - | - | - | - | - | - | 1 | 240 | 5000 | 1 | 240 | 5000 |
| **Ҳамагӣ, дар в.Суғд** | **1** | **792** | **16500** | **5** | **1200** | **25000** | **11** | **2640** | **55000** | **17** | **4632** | **96500** |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Замимаи 1-и «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» таҳия карда шудааст.

Тибқи додаҳои ҷадвал чунин мушоҳида кардан мумкин аст, ки амалигардонии «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» барои давраи миёнамуҳлат ботадриҷ идома дорад. Дар аввали давраи амалигардонии барномаи давлатӣ, яъне соли 2022 аз додаҳои ҷадвал маълум аст, ки маблағгузории бахши хусусӣ ба муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ танҳо дар шаҳри Исфара ба назар мерасад, вале дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ сохта ба истифода дода нашудаанд.

Соли 2023 аллакай теъдоди ин муассисаҳо зиёд гашта, аз як адади соли 2022 ба 5 адад расидааст. Теъдоди зикршуда ба шаҳрҳои Хуҷанд,

Истаравшан, Конибодом, Бӯстон ва н.Б.Ғафуров бо иқтидори 240 ҷой ва ба маблағи 5000 ҳаз. сомонӣ ҳар яки он тааллуқ доранд, ки дар маҷмуъ, соли 2023 дар вилоят 5 адад муассисаи миёнаи умумии хусусӣ бо 1200 ҷой ба маблағи 25000 ҳаз. сомонӣ амалӣ карда шудааст.

Соли 2024 низ маблағгузории бахши хусусӣ барои сохта ба истифода додани муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ дар вилоят бомаром идома ёфта, аз 5 адади соли 2023 ба 11 адади соли 2024 расидааст, ки 6 адад зиёд аст. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Исфара, ноҳияҳои Спитамен, Ҷ.Расулов, Зафаробод, Ашт ва Айнӣ ба шумораи 1 адад муассиса бо 240 ҷой ба маблағи 5000 ҳаз. сомонӣ татбиқ гашта, танҳо дар н.Б.Ғафуров теъдоди ба истифодадиҳии муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ 2 адад бо 280 ҷойро ташкил дода, маблағи амалигардонии он ба 10000 ҳаз. сомонӣ баробар гаштааст.

Аз рӯи таҳлили анҷомдодашуда, маълум аст, ки дар 3 соли охир дар қаламрави вилоят, дар маҷмуъ, 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии нав сохта ба истифода дода шуда, иқтидори он ба 4632 ҷой баробар аст ва ҳаҷми умумии маблағҳои равоншуда ба 96500 ҳаз. сомониро ташкил додаанд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи амалигардонии барномаи давлатии болозикр танҳо дар 12 шаҳру ноҳияҳои вилоят маблағгузории бахши хусусӣ ба муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ ба назар мерасанд, аммо дар дигар шаҳру ноҳияҳо мавҷуд нестанд ва мебоист, ки дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ сохта ба истифода додани муассисаҳои миёнаи умумии хусусӣ то ба охир расидани татбиқи Барномаи давлатӣ ба нақша гирифта шуда, амалӣ карда шаванд.

Боиси тазаккур аст, ки дар соли хониши 2024-2025 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба 4037 адад баробар буда, аз он 3386 ададро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд, ки фарогири 2 миллиону 357 ҳазору 56 хонанда мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки бо афзоиши шумораи аҳолӣ дар кишвар талабот ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёд гашта истодааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф дар вилояти Суғд ташкили шароити мусоиди таҳсил, муҷаҳҳазгардонии он бо таҷҳизотҳои зарурӣ ва навсозиву ба истифодадиҳии муассисаҳои нави таълимӣ ба шумор меравад, ки ҳамчун самтҳои афзалиятнок арзёбӣ карда мешаванд.

Бинобар ин, ҳамасола барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур бо дастгирии шарикии давлат ва бахши хусусӣ як қатор корҳои созандагиву ободкорӣ, таъмиру муҷаҳҳазгардонии биноҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба истифода додани муассисаҳои нав дар шаҳру ноҳияҳои вилоят роҳандозӣ карда мешаванд. Вобаста ба он, дар ҷадвали 3.4. маълумотҳо оид ба теъдоди ба истифода додани муассисаҳои нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси ШДХ тибқи маълумотҳои Раёсати маорифи вилояти Суғд гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.4. - Теъдоди ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси ШДХ**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, в-д | | | | | Ҳамагӣ дар 5 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| **Вилояти Суғд** | **6** | **6** | **5** | **5** | **11** | **33** |
| н.Айнӣ | - | 1 | - | - | 1 | 2 |
| н.Ашт | - | 1 | 1 | - | 1 | 3 |
| н.Б.Ғафуров | 2 | - | - | 1 | 1 | 4 |
| ш. Бӯстон | - | - | - | 1 | - | 1 |
| ш.Гулистон | - | - | 1 | - | - | 1 |
| н.Деваштич | - | - | - | - | - | - |
| н.Зафаробод | - | - | - | - | 1 | 1 |
| ш.Истаравшан | - | - | - | 1 | 1 | 2 |
| ш. Истиқлол | - | - | - | - | - | - |
| ш.Исфара | - | - | 1 | - | 1 | 2 |
| ш.Конибодом | - | 1 | - | 1 | - | 2 |
| н.К. Мастчоҳ | - | - | - | - | - | - |
| н.Мастчоҳ | 1 | 1 | - | - | - | 2 |
| ш.Панҷакент | - | 2 | - | - | 1 | 3 |
| н.Спитамен | 2 | - | 1 | - | 1 | 4 |
| ш. Хуҷанд | - | - | 1 | 1 | 2 | 4 |
| н.Ҷ. Расулов | - | - | - | - | 1 | 1 |
| н.Шаҳристон | 1 | - | - | - | - | 1 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [30]

Дар асоси маълумотҳои ҷадвал гуфтан мумкин аст, ки на дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят муассисаҳои нави таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дастгирии шарикии давлатӣ ва хусусӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Масалан, соли 2020 дар вилоят ҳамагӣ 6 адад муассисаи нав сохта ба истифода дода шудааст, ки ин теъдод ба н. Б.Ғафуров – 2 адад, н.Спитамен – 2 адад ва н.Шаҳристон – 1 адад рост омадааст, вале дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят теъдоди муассисаҳои нави ба истифода додашуда ба назар намерасанд. Соли 2021 низ, дар умум, 6 адад муассиса дар вилоят ба истифода дода шуда, теъдоди он ба ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Мастчоҳ ва шаҳрҳои Конибодом ва Панҷакент мувофиқ аст. Соли 2022 ҳамагӣ дар вилоят 5 адад муассиса таҳсилоти миёнаи умумӣ ба истифода дода шуда, нисбат ба соли 2021 ба 1 адад кам аст. Дар соли 2022 ба истифодадиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳои Гулистон, Исфара, Хуҷанд, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ба назар мерасанд. Соли 2023 низ дар вилоят ҳамагӣ 5 адад муассисаи нав сохта ба истифода дода шуда, ин теъдод ба шаҳрҳои Бӯстон, Истаравшан, Конибодом, Хуҷанд ва ноҳияи н.Б.Ғафуров рост омадааст.

Бояд гуфт, ки соли 2024 бо таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши хусусӣ ба рушди соҳаи маориф теъдоди муассисаҳои нави ба истифода додашуда ба 11 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2023 тамоюли афзоишёбӣ дорад ва ба 6 адад зиёд гардидааст. Ба истифодадиҳии муассисаҳои нав дар шаҳрҳои Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Хуҷанд, ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Б.Ғафуров, Зафаробод, Спитамен, Ҷ.Расулов ба мушоҳида мерасанд, аммо дар дигар шаҳру ноҳияҳо ба назар намерасанд. Ҳамагӣ дар 5 соли охир дар вилоят 33 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд, ки шумораи бештари он ба шаҳри Хуҷанд (4 адад), ноҳияҳои Б.Ғафуров (4 адад) ва Спитамен (4 адад) рост омадааст. Дар шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Ашт дар солҳои 2020-2024 ҳамагӣ 3 адад муассиса ва дар шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Истаравшан, ноҳияҳои Айнӣ, Мастчоҳ ҳамагӣ 2 адад муассиса сохта ба истифода дода шудаанд. Дар шаҳрҳои Бӯстону Гулистон, ноҳияҳои Зафаробод, Ҷ.Расулов ва Шаҳристон дар 5 соли охир ҳамагӣ 1 адад муассисаи нави

таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки бояд дар ин самт таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ноҳияҳои Деваштич, Куҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Истиқлол дар солҳои 2020-2024 сохта ва ба истифодадиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии нав ба назар намерасанд, ки бояд сохторҳои дахлдори давлатӣ ба ин масъала аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро бо афзоиши шумораи аҳолӣ талабот ба фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёд мегардад, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ арзёбӣ карда мешавад.

Боиси хушнудист, ки ба ғайр аз сохта ба истифода додани муассисаҳои нави миёнаи умумӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят бо дастгирии шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳои таъмир, навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои мавҷуда босуръат ҷараён дорад, ки ин ҳам заминаи мусоид барои рушду нумуи соҳаи маориф мегардад.

Мақсади таҳия ва татбиқи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» ташкили шароити мусоид барои ШДХ ва беҳтар сохтани дастрасии кӯдакон ба таълими босифат мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад як қатор вазифаҳо оид ба рушди механизми ШДХ, сохтмони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ, дастрасӣ ба таълими босифат, таҳкими пояи кадрӣ ва моддиву техникӣ, баланд бардоштани тахассусмандии мураббиён ва омӯзгорон, ташкил ва амалигардонии мониторинги сифати таҳсилот дар доираи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, ки дар асоси татбиқи Барнома дар соли 2027 ба чунин натиҷаҳо ноил шудан мумкин аст:

- фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ то 33 фоиз афзоиш меёбад;

- 68 муассисаҳои томактабӣ сохта ба истифода дода мешаванд;

- 56 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ сохта ба истифода дода мешаванд;

- дар марҳилаи таҳсилоти томактабӣ шаклҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ таъсис дода мешаванд ва дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ беҳтар карда мешаванд;

- мундаричa ва методикаи низоми таълими фаъолият такмил меёбад;

- пояи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои умумӣ беҳтар карда мешаванд;

- тартибот ва шартҳои ташкили муассисаҳои таълимии хусусӣ барои ҷалби соҳибкорони ватанӣ ба соҳаи маориф такмил дода мешаванд;

- дастгирии давлатӣ пурзӯр карда шуда, механизмҳои ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ такмил дода мешаванд.

Баланд бардоштани ҳавасмандгардонии соҳибкорон ба соҳаи маориф ва илм, ҷалби сармоягузорон ва шарикони ватаниву хориҷӣ оид ба рушд ва кӯмаки техникии ташкилотҳои байналмилалӣ метавонанд рушди устувори соҳаи маорифро шиддат бахшанд. Аз ҳисоби истифодаи ин омилҳо фазои сармоягузорӣ ба соҳаи маориф афзоиш ёфта, сатҳу сифати таълим беҳтар мегардад.

Имрӯзҳо саломатӣ ва ҳаёти солим чун яке аз омилҳои муҳимми шахсият, ҷамъият ва иқтисодиёт баромад мекунад, зеро он ба давомнокии умр, сифати ҳаёт, қобилият ба таҳсил, маҳсулнокии меҳнат, фаъолнокии таъсири мустақим дорад, ки бевосита ба масъалаҳои рушди он таваҷҷуҳи давлату ҳукумат равона гардидааст. Яке аз масъалаҳое, ки боиси баланд гаштани сифати хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ мегардад, ин дастрасӣ ва таъминнокии аҳолӣ бо муассисаҳои тиббӣ мебошад. Вазъи муассисаҳои тиббӣ имрӯз қонеъкунанда набуда, беҳбудиро талаб менамояд ва барои беҳтар гардонидани шароит ва сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ бо дастгирии давлат ва бахши хусусӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки маълумотҳои зарурӣ дар ҷадвали 3.5. инъикос карда шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. - Навсозӣ ва ба истифода додани муассисаҳои тиббӣ бо дастгирии бахши хусусӣ дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Шумораи муассисаҳои тиббӣ | Аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Марказҳои тиббӣ | Амбулатория ва дармонгоҳҳо | Беморхонаҳо |
| 2020 | 123 | 59 | 49 | 15 |
| 2021 | 193 | 116 | 64 | 13 |
| 2022 | 124 | 16 | 68 | 40 |
| 2023 | 129 | 76 | 41 | 12 |
| 2024 | 132 | 27 | 85 | 58 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [31]

Аз маълумотҳои ҷадвал айён аст, ки аз соли 2020 то 2024 шумораи бештари муассисаҳои тиббӣ навсозӣ, таъмир ва ба истифода дода шудаанд. Масалан, соли 2020 дар вилоят 123 муассисаҳои тиббӣ, аз қабили марказҳои тиббӣ 59 адад, амбулатория ва дармонгоҳҳо 49 адад ва беморхонаҳо 15 адад бо дастгирии шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ таъмиру навсозӣ шуда, ба истифода дода шудаанд. Соли 2021 теъдоди муассисаҳои тиббии таъмиршуда дар вилоят нисбат ба соли 2020 афзоиш ёфта, аз 123 адади соли 2020 ба 193 адади соли 2021 расидааст. Аз шумораи умумии зикршуда 116 марказҳои тиббӣ, 64 амбулатория ва дармонгоҳҳо, 13 беморхонаҳо аз таъмири кулл бароварда шудаанд, ки дар он саҳми соҳибкорони ватанӣ басо калон аст.

Соли 2022 низ дар қаламрави вилоят 124 муассисаҳои тиббӣ навсозӣ ва ба истифода дода шудаанд, ки аз ин шумора 16 марказҳои тиббӣ, 68 амбулатория ва дармонгоҳҳо ва 40 беморхонаҳо ташкил медиҳанд. Соли 2023 саҳми бахши хусусӣ дар таъмиру навсозии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бештар гашта, 129 муассисаҳои тиббӣ аз таъмири куллӣ бароварда шудаанд, ки 76 марказҳои тиббӣ, 41 амбулатория ва дармонгоҳҳо, 12 беморхонаҳо мебошанд. Соли 2024 теъдоди муассисаҳои тиббии навсозӣ ва таъмиршуда нисбат ба соли 2023 афзоиш ёфта, он аз 129 адади соли 2023 ба 132 адади соли 2024 расидааст, ки аз сол то сол беҳтар гаштани шароити объектҳои соҳаи тандурустӣ шаҳодат медиҳад. Дар соли 2024 дар қаламрави вилоят 27 марказҳои тиббӣ, 85 амбулатория ва дармонгоҳҳо ва 58 беморхонаҳо навсозӣ ва ба истифода дода шудаанд.

Ин нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳам давлат ва ҳам бахши хусусӣ дар беҳтаргардонии шароити объектҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда истодаанд. Хуб мешуд, агар таҷҳизот, асбобу олотҳои ин соҳа низ бо дастгирии бахши хусусӣ аз нав карда шуда, лавозимоти тиббӣ ба шароити муосири имрӯза мутобиқ карда шаванд.

Боиси тазаккур аст, ки ҳангоми ШДХ якҷояшавии захираҳои моддӣ ва ғайримоддии ҷамъият ва бахши хусусӣ дар давраи дарозмуддат ба вуҷуд меояд, ки дар асоси он ташаккули манфиатҳои ҷамъиятӣ (шуғл ва рушди иқтисодии минтақа ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ) ва ташаккули хизматрасониҳо ба ҷамъият (дар соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) ба вуҷуд меояд. ШДХ дар иқтисодиёти минтақа мавқеи муҳимро дорад, зеро дар асоси он бозорҳои сармоя, мол ва хизматрасонӣ ба таври фаъол инкишоф меёбад, ки боиси рақобатпазирии соҳаҳои иқтисодиёт мегардад.

Гуфтан ба маврид аст, ки ШДХ яке аз механизмҳои муҳимми самаранок оид ба тамаркузи захираҳо ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки метавонад заминаи мусоидро барои рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа фароҳам оварад.

Ҳамин тавр, нақши ШДХ дар таъмини рушди устувори соҳаҳои иҷтимоии иқтисодиёт дар он аст, ки он барои рафъи ғайримутавозинии хароҷоти буҷетӣ ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин мекунад, ташаббуси бахши хусусиро оид ба беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳавасманд мекунад.

## 3.2. Банақшагирӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии самаранок ва босифати ҳудудҳои он маҳсуб меёбад, ки дар он мавқеву мақоми банақшагирӣ басо

калон аст. Баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ самти мақсаднок ва афзалиятноки банақшагирии стратегии давлатӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб мегардад. Бинобар ин, таҳқиқи моҳият ва вазифаҳои банақшагирӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба мақсад мувофиқ аст, барои он ки таъмини ҳаёти босифат, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ, рушди сармояи инсонӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо ба аҳолӣ маҳз тавассути инфрасохтори иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба сифати олотҳои асосӣ барои таъмини татбиқи банақшагирӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таъминоти захиравӣ, институтсионалӣ ва мақсадноки стратегиву барномавӣ баромад мекунад. Ҳуҷҷатҳои асосии стратегие, ки барои банақшагирии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионии он мусоидат мекунанд, мухталифанд. Бинобар ин, дар ин параграф тасмим гирифтем, ки бархе аз онҳоро вобаста ба давраҳои иҷро қайд карда гузарем, ки маълумотҳои лозима дар ҷадвали 3.6. оварда шудааст:

**Ҷадвали 3.6. - Ҳуҷҷатҳои стратегии танзимотӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ**

| Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Давраи татбиқ | Ҳолати иҷро | |
|---|---|---|---|
| | | Иҷро шуд | Иҷро нашуд |
| ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» [3] | 2012 то инҷониб | - дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии инноватсионӣ; - фароҳам овардани шароити мусоидии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ оид ба истеҳсол ва фуруши маҳсулотҳои инноватсионӣ; - ҷалби субъектони соҳибкории хурду миёна ба фаъолияти инноватсионӣ ва ғайраҳо | - ташкили инфрасохтори инноватсионӣ дар мамлакат; - таъмин намудани ҳамкории илм ва истеҳсолот дар доираи ташкили фаъолияти инноватсионӣ; - ташаккули низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва ғайраҳо |
| «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» [8] | 2016-2030 | - амалишавии сенарияи инертсиониву индустриалӣ ва марҳилаҳои татбиқи он | - татбиқи сенарияи индустриалию инноватсионӣ: - баланд бардоштани дараҷаи инноватсионии соҳаҳои ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ |

*Идомаи ҷадвали 3.6.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [10] | 2025-2040 | - ташаккули заминаи ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон; - ҷорисозии пурраи ҳукумати электронӣ дар сохторҳои давлатӣ; - таъмини шароити мусоид барои аҳолӣ тариқи ҷорӣ намудани унсурҳои асосии зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳушмандсозии шаҳрҳо. | - таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди неруи зеҳнии кишвар тавассути истифода аз низоми зеҳни сунъӣ; - омода намудани кадрҳои соҳибихтисос дар соҳаи зеҳни сунъӣ. |
| «Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» [17] | 2023-2027 | - таҳкими неруи зеҳнии илм ва бунёди сармояи инсонӣ, навсозӣ ва рақамисозии инфрасохтори илмии кишвар. | - дарёфти ҷавонони боистеъ-дод ва фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди касбият дар муҳити илмӣ, муҳандисӣ ва соҳибкорӣ; - тақвият додани таҷрибаи илмӣ дар самти илмҳои педагогӣ, таъминоти иҷтимоӣ, илмҳои психологӣ ва психопедагоги-кӣ. |
| «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2020-2025» [12] | 2020-2025 | - тақвияти рушди сармояи инсонӣ, ҳамчун воситаи калидии таъмини рушди бонизоми иҷтимоию иқтисодӣ; - зиёд намудани маблағгузории илму маориф; - сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ бо назардошти таъмини дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсилоти умумӣ, таъмири асосии мактабҳои қисман садамавӣ, аз ҷумла бо ҷалби бахши хусусӣ; - таҷдиди муассисаҳои тиббӣ барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба муассисаҳои тиббӣ; - рушди усулҳои алтернативии пешниҳоди хизматрасониҳо ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ. | - таъмин намудани ҳамбастагии фаъолияти илму истеҳсолот; - баланд бардоштани сифати омӯзиши касбии шаҳрвандон ва бо кортаъминкунии онҳо тавассути беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ; - тибқи талаботи бозори меҳнат ба роҳ мондани омӯзиши мунтазами кадрҳои коргарӣ. |
| «Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] | 2015 то инҷониб | - кам шудани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ тавассути баланд бардоштани самараву сифати хизматрасонии иҷтимоӣ; - фароҳам омадани шароити мусоид барои шарикии давлат ва бахшҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ, рушди бахши ғайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ;<br>- баланд шудани сатҳи иттилоотнокии ҷомеа аз хусуси вазъи соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ. | - рушди низоми расонидани хизматҳои иҷтимоӣ дар сатҳи ҷамоатҳо; - рушди шаклҳои ғайристатсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ; - мустаҳкам шудани заминаи моддӣ-техникии хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз рӯи ҳолати иҷрои ҳуҷҷатҳои стратегии танзимотӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ гуфтан мумкин аст, ки бархе аз зербандҳои он то ҳол ба пурраги иҷро нагардидаанд. Масалан, дар ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» муқаррар шудааст, ки инфрасохтори инноватсионӣ дар мамлакат бояд ташкил шуда, ҳамкории илм ва истеҳсолот дар доираи ташкили фаъолияти инноватсионӣ таъмин карда шавад, ки то ҳол дар қаламрави мамлакат ҳалли худро наёфтаанд. Дар СМР-2030 низ як қатор масъалаҳои соҳавӣ, ба монанди татбиқи сенарияи индустриалию инноватсионӣ, ташаккули низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва амсоли инҳо, ки бояд то соли 2030 ҳалли худро ёбанд. Дар дигар ҳуҷҷати стратегӣ таҳти унвони «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» гуфта мешавад, ки барои таъмини рушди иҷимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди неруи зеҳнии кишвар низоми зеҳни сунъӣ ҷорӣ карда шуда, кадрҳои соҳибихтисос дар ин соҳа омода карда шавад, ки дар марҳилаи кунунӣ дар раванди иҷро аст.

Мавриди қайд аст, ки қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба инфрасохтори иҷтимоӣ чун таҳкурсии ҳуқуқӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо нақши калидӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, бояд нақши мақомотҳои идоравии давлатӣ ва маҳаллиро барои ташаккули нақшаҳои стратегӣ муайян намуда, раванди амалишавии мантиқии онро таҳия намуд, ки он марҳилаҳои зеринро фарогир аст:

Марҳилаи аввал – консептуалӣ. Масалан, «дар стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ самтҳои минбаъдаи рушди ҳудудҳо пешгӯӣ карда мешавад, афзалиятҳои рушди он муайян карда шуда, индикаторҳои асосӣ ташаккул дода мешавад» [62].

Марҳилаи дуюм – барномавӣ. Ба ҳар як самтҳои интихобшудаи стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ барномаҳои мақсадноки

афзалиятнок таҳия карда мешавад, лоиҳаҳои аввалиндарачаи соҳавии барномаи рушд аз ҷониби давлат пешниҳод карда шуда, дар асоси он барномаҳои мақсадноки минтақавӣ таҳия карда мешаванд.

Марҳилаи сеюм – лоиҳавӣ. Дар ин марҳила, дар асоси барномаҳои мақсадноки давлативу минтақавӣ лоиҳаҳои (нақшаҳои) стратегии мушаххас тартиб дода мешавад, ки дар онҳо мушаххасоти мақсаду вазифаҳои гузошташуда инъикос карда шуда, механизмҳои амалигардонии онҳо муайян мегарданд.

Таҳияи лоиҳаҳо дар асоси барномаҳои мақсаднок аз як тараф, асос барои коркарди нақшаҳои фавриву ҷории рушди минтақаҳо ба ҳисоб рафта, аз тарафи дигар, нақшаи стратегии мунтахаби рушдро барои тамоми низоми минтақа ташаккул медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки яке аз соҳаҳои афзалиятноки инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаи маориф ҳисобида мешавад, ки дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ заминаи асосӣ дорад. Вобаста ба ин, хостем, ба яке аз зинаҳои таҳсилоти афзалиятноке, ки дар соҳаи маориф мавҷуд аст, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Дар шароити имрӯза таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳимми таҳсил дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки ба ташаккул ва рушди он дар сатҳи зарурӣ таваҷҷуҳи хоса дода нашудааст.

Вобаста ба ин, аз ҷониби яке аз олимони соҳа Г. Лазарев қайд карда шудааст, ки: «… фаъолияти муттасилии таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар табодули соҳаи маориф буда, ба таҳияи низоми таълиме, ки қобилияти омода намудани хатмкунандагони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ ва ба ҷамъият манфиатовар равона карда шудааст» [114, с.3-12].

Дар ҳақиқат, низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун унсури мустақили таълими муттасил вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шахсиву касбиро дар амал татбиқ мекунад.

Мавриди зикр аст, ки вазъи ноустувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷаҳони мутамаддин метавонад, ки ба вазъи бозори меҳнати дохили

ҷумҳурӣ таъсири бевоситаи худро расонида бошад ва имрӯз муҳим аст, ки шаклу усулҳои нави хизматрасониро дар самти тайёр кардани кадрҳои касбии баландихтисос ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ, касбият ва тақсимоти самараноки аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёт чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Имрӯз дар қаламрави мамлакат дар самти тайёр намудани кадрҳои коргар ва таъмини сифати онҳо як қатор мушкилот ҷой доранд, зеро сатҳи афзоиши аҳолӣ кишварро бо захираҳои меҳнатӣ таъмин менамояд, вале сатҳи омодагии касбии ин захираҳои мавҷуда ба талаботи корфармоён ҷавобгӯ нестанд.

«Тибқи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ давоми солҳои 2023-2027 дар қаламрави ҷумҳурӣ шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёна аз 2 то 2,1 фоиз афзоиш ёфта, соли 2027 он ба 11097,0 ҳазор нафар хоҳад расид, ки бешубҳа, ба вазъи бозори меҳнат таъсири худро мерасонад» [13].

Аз ин лиҳоз, тахассусмандии кадрҳо, вазъи низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, арзёбии иқтидори кадрӣ, идора ва таъсири он ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа масъалаи мубрам ҳисобида мешавад.

Иқтидори кадрии минтақа – ин аҳолии дар ҳудуди минтақа зиндагидошта буда, ки омодаанд ба фаъолияти мухталифи касбиву меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт машғул бошанд. Масъалаи омодасозии кадрҳои коргаре, ки дорои касбияти гуногун ҳастанд, дар шароити имрӯз хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро бо тараққиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони соҳибкасб рӯз то рӯз афзоиш ёфта истодааст. Вазъи мавҷудаи захираҳои меҳнатӣ ва қувваи кории истифода нашуда, дар вилояти Суғд аз он шаҳодат медиҳанд, ки низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд сайқал ва рушд дода шаванд (расми 3.3.).




**Расми 3.3. Вазъи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [28, с.79]

Аз расми 3.3. дидан мумкин аст, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамагӣ дар соли 2020 ба ҳисоби миёна дар як сол ба 1630,8 ҳазор нафар баробар буда, аз он 852,9 ҳазор нафар қувваи кориро ташкил медиҳанд, ки аз ин ҳисса танҳо 845 ҳазор нафар аҳолӣ бо кор машғул буда, 777,9 ҳазор нафар қувваи кории истифода нашуда мебошад. Соли 2024 мушоҳида мегардад, ки захираҳои меҳнатӣ ба 1729,7 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2020 ба 6,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ин шумора 908,5 ҳазор нафар қувваи корӣ ва 901,8 ҳазор нафар аҳолии машғули кор мебошанд, ки нисбат ба соли 2020 мутаносибан ба 6,5 ва 6,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми қувваи кории истифода нашуда дар соли 2024 ба 821,2 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2020 ба 5,6 фоиз зиёд гаштаст.

Мақсад аз таҳлили ин нишондиҳандаҳо дар он аст, ки беҳтар мешуд, агар қувваи кории истифода нашударо барои касбомӯзӣ ҷалб намуда, дараҷаи тахассусмандӣ ва соҳибкасбии онҳоро баланд бардорем, ки ба ин масъала теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши босазо доранд ва маълумотҳои лозима вобаста ба он дар ҷадвали 3.7. ҷамъ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.7. - Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд таъминоти аҳолӣ бо он**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | | Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёни касбӣ (в-д) | | Шумораи умумии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ҳаз. нафар) | | Теъдоди донишҷӯён ба 1000 нафар аҳолӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 | 2020 | 2024 |
| в. Суғд | 2783,0 | 2966,1 | 22 | 21 | 21,9 | 20,1 | 7,9 | 6,8 |
| н.Б.Ғафуров | 383,4 | 406,3 | 1 | 1 | 1,9 | 2,7 | 4,9 | 6,6 |
| ш.Бӯстон | 37,1 | 40,3 | 1 | 1 | 0,3 | 0,2 | 8,1 | 4,9 |
| н.Зафаробод | 75,9 | 82,9 | 2 | 2 | 0,9 | 0,5 | 11,8 | 6,03 |
| ш.Истаравшан | 282,2 | 305,6 | 2 | 2 | 1,5 | 1,9 | 5,3 | 6,2 |
| ш.Исфара | 283,3 | 293,3 | 1 | 1 | 0,5 | 0,6 | 1,8 | 2,04 |
| ш.Конибодом | 218,0 | 225,6 | 3 | 3 | 2,5 | 1,9 | 11,5 | 8,4 |
| ш.Гулистон | 49,8 | 52,0 | 1 | 1 | 2,1 | 2,9 | 42,2 | 55,8 |
| н.Мастчоҳ | 129,7 | 141,6 | 2 | 2 | 1,1 | 0,6 | 8,5 | 4,2 |
| ш.Панҷакент | 307,5 | 333,1 | 3 | 3 | 2,2 | 2,3 | 7,2 | 6,9 |
| ш.Хуҷанд | 196,8 | 206,5 | 5 | 4 | 7,9 | 6,3 | 40,1 | 30,5 |
| н.Ҷ.Расулов | 142,0 | 151,4 | 1 | 1 | 1,0 | 1,0 | 7,04 | 6,7 |

* Эзоҳ: дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавҷуд нестанд.
***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия гардидааст: [28, с.60-63]

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал гуфтан мумкин аст, ки теъдоди муассисаҳои миёнаи касбӣ дар вилояти Суғд нокифояанд, зеро дар соли 2020 ин теъдод 22 воҳид буда, соли 2024 ба 21 воҳид расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 1 воҳид кам шудааст. Аз теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дидан мумкин аст, ки кам шудани воҳиди муассиса дар шаҳри Хуҷанд ба назар мерасад, ки он аз 5 воҳиди соли 2020 ба 4 воҳиди соли 2024 баробар шудааст.

Нисбат ба теъдоди донишҷӯён гуфтан мумкин аст, ки соли 2020 дар вилоят ба 1000 нафар аҳолӣ 8 нафар донишҷӯ рост омада, соли 2024 бошад, ба 1000 нафар аҳолӣ 7 нафар донишҷӯ мувофиқ омадааст, ки сабаби коҳишёбӣ аз дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста аст. Масалан, дар шаҳри Бӯстон соли 2020 ба 1000 нафар аҳолӣ 8 нафар ва дар соли 2024 бошад, 5 нафар донишҷӯ рост омадааст, ки нисбат ба давраи гузашта 3 нафар кам аст ва чунин тамоюлот дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ ба мушоҳида мерасад. Дар шаҳри Хуҷанд низ соли 2020 ба 1000 нафар аҳолӣ 40 нафар ва дар соли 2024 ба 1000 нафар аҳолӣ 30 нафар донишҷӯ рост омадааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 10 нафар кам

гаштааст. Дар шаҳри Конибодом низ соли 2020 ин теъдод ба 11 нафар буда, соли 2024 он ба 8 нафар расидааст, ки нисбат ба давраи таҳлил 4 нафар кам мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки сабаби коҳишёбии теъдоди донишҷӯён гуногунанд. Масалан, аксари ҷавонон баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёни умумӣ таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давом медиҳанд ва ё дар донишкадаву донишгоҳҳои олии хориҷӣ таҳсил мекунанд, гуруҳи дигар, барои беҳтарсозии шароити зиндагии худ баъди хатми мактаб ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ё ки дар дохили ҷумҳурӣ бо корҳои мухталифи касбӣ машғуланд.

Бояд тазаккур дод, ки новобаста ба коҳишёбии теъдоди донишҷӯён дар баъзе шаҳру ноҳияҳо тамоюли мусбӣ низ дида мешавад. Масалан, дар шаҳри Гулистон соли 2020 ба 1000 нафар аҳолӣ 42 нафар буда, соли 2024 он ба 55 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2020 ба 13 нафар афзоиш ёфтааст. Дар ноҳияи Б.Ғафуров соли 2020 ба 1000 нафар аҳолӣ 5 нафар ва соли 2024 ба 7 нафар расидааст, ки дар ин ноҳия ҳам тамоюли мусбӣ дида мешавад.

Аз рӯи таҳлилҳо қайд кардан мумкин аст, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии дар вилояти Суғд мавҷуда нокифоя буда, хуб мешуд, агар зиёд намудани теъдоди онҳо чун яке аз нақшаҳои муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят қабул карда шавад, ба манфиати кор аст.

Масъалаи рушди тайёр кардани кадрҳои касбӣ дар «Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2023-2027» [13] дарҷ гардидааст. Мақсади Барнома тайёр кардани кадрҳои касбии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муҳайё намудани шароит барои қонеъ гардонидани ҷомеа ва бозори меҳнат ба кадрҳои коргарӣ тавассути таъсис ва азнавсозии сохтор ва низоми таҳсилот, рушди малакаҳои касбӣ ва дар амал ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии насли нав, ташаккули низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, истифодаи самараноки захираҳои моддию молиявӣ,

бунёд ва таҳкими механизми тайёр кардани кадрҳои коргарӣ тибқи талаботи бозори меҳнат маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, барои дар амал татбиқ намудани «Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2023-2027» [13] дурнамои амалигардонии он вобаста ба зинаҳои таҳсилот нақшагирӣ карда шудааст.

Муҳиммияти масъалаи мазкур дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардида, «…Сарвари давлат Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои таҷдиди стандартҳо, нақшаву барномаҳои таълимӣ, омодасозии маводҳои муассири илмиву таълимӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосир ва такмили малакаву маҳорати касбии омӯзгорон вазифадор намуданд, зеро фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани ҷавонон ба касбомӯзӣ яке аз афзалиятҳои асосии ҳукумату мамлакат арзёбӣ мегардад…» [1].

Гузариши давлатҳои мутараққии иқтисоди ҷаҳон ба зинаи нави тараққиёти илмӣ-техникӣ, талаботи ҷомеаи мутамаддин ба вусъат бахшидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва фаъолнокии инноватсионӣ, ки илм ва техникаро бо сифати зиндагии аҳолӣ пайваст мекунад, бомаром афзоиш ёфта истодааст. Маҳз инноватсия дар шароити муосир дар соҳаи иҷтимоӣ чун омили муҳимми таҳаввулоти илмӣ-техникӣ баромад карда истодааст.

Афзоиш ёфтани нақши инфрасохтори иҷтимоӣ ва инноватсия дар сифати зиндагии аҳолӣ ба тағйироти бозорӣ, ба монанди хусусияти рақобат, гузариш аз рақобати статикии анъанавӣ ба рақобати динамикӣ вобаста аст ва ин ҳолат, асосан, хусусиятҳои таъсири мутақобилаи навовариҳои иҷтимоӣ ва бозори имрӯзаро муайян кардааст.

Олими немис Й. Шумпетер дар яке аз асарҳои худ қайд мекунад, ки: «…пешгӯии рушди давраҳои минбаъда дар тӯли 45-60 соли оянда ҳамчун пешравиҳои инноватсионии илмӣ дар дарозумрӣ ва беҳтарсозии

он, ҷоринамоии наноэлектроника, муҳандисии генетикии одам, технологияи иттилоотӣ, низомҳои мултимедиявӣ ва ғайраҳо дида мешавад, ки ҳар як мавҷи инноватсионии тӯлонӣ ду мавҷи кӯтоҳтари орзуҳои технологии ҷомеаро барои навовариҳои сифати зиндагӣ дар бар мегирад. Мо, айни замон, шоҳиди раванди ҷаҳонишавӣ дар тағйир додани векторҳои рушд таҳти таъсири мавҷҳои миёна ҳастем» [84].

Бозори муосири хориҷӣ бо мавқеи мусоиди истеъмолкунандагон нисбат ба фурӯшандагон тавсиф карда мешавад, ки пешниҳод нисбат ба талабот бо нархи муқарраршуда зиёдтар аст. Дар иқтисоди даврони Шӯравӣ талабот ба мол аз пешниҳод зиёдтар буд ва тадбирҳои давлатӣ барои рафъи бозори фурӯшанда ва табдили он ба бозори харидор равона карда шуда буд. Ба андешаи Ю.В. Яковетс ва якчанд олимони дигар «беш аз 75 фоизи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби навоварӣ ба вуҷуд меояд» [85].

Аз нуқтаи назари мо, инноватсия дар соҳаи иҷтимоӣ метавонад бо ду роҳ тавсиф карда шавад. Якум, аз нигоҳи рушди дарозмуддат, ки раванди инноватсия татбиқи маҷмуи тағйиротро дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва технологияро дар асоси навсозиҳои куллӣ ифода мекунад, ки боиси пайдо гаштани хизматрасониҳои нав, пайдо шудани тағйирот дар сохтори хароҷот, шароити таъминнокӣ ва истеъмоли онҳо мегардад.

Фаъолнокии инноватсионӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ асосан тавассути қобилияти қабули инноватсионии ҷузъҳои алоҳидаи низоми иҷтимоию иқтисодии он дар ҳама сатҳҳо, қобилияти зуд ва босамари омӯзиши навовариҳо, эҷод ва татбиқи онҳо, дарк намудани навовариҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба хизматрасонии иҷтимоии босифат арзёбӣ карда мешавад.

Манбаҳое, ки боиси пайдоиши инноватсия дар соҳаи иҷтимоӣ мегарданд, инҳо шуда метавонанд (расми 3.4.):




**Расми 3.4. Сарчашмаҳои пайдоиши инноватсия дар соҳаи иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити кунунӣ фаъолнокии инноватсионӣ қисми таркибии фаъолияти ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки дар соҳаи иҷтимоӣ фаъолият мебаранд, бояд ба тағйирёбии муҳити зист мутобиқ шуда, тамоюлоти минбаъдаро пешгӯӣ карда тавонанд.

Боиси қайд аст, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 се сенария оид ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат баррасӣ гардидааст: сенарияи инертсионӣ, индустриалӣ ва индустриалию инноватсионӣ.

Сенарияи сеюми СМР – 30 оид ба индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки «...ҳангоми ташаккул додани равишҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад» [8, с.19].

Маврид ба зикр аст, ки ба рушди фаъолнокии инноватсионии инфрасохтори иҷтимоии минтақа омилҳои гуногун таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ки онҳоро шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст (расми 3.5.):

Омилҳои таъсиррасон ба фаъолнокии инноватсионии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ

| | |
|---|---|
| Омилҳои таъсиррасони мусбат | 1) ислоҳоти ниҳодӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ; 2) талаботи иҷтимоии мавҷуда барои навсозии соҳаҳое, ки хизматрасонии онҳо аз ҷониби шаҳрвандон истифода мешавад; 3) ҳалли муаммоҳои асосии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳаи иҷтимоӣ; 4) мавҷудияти заминаи муайяни илмиву техникӣ дар он соҳаҳое, ки барои соҳаи иҷтимоӣ ҷолибанд; 5) имконияти истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба қарорҳои инноватсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ. |
| Омилҳои таъсиррасони манфӣ | 1) таваҷҷуҳи нокифояи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ҷоринамоии воқеии навоварӣ; 2) муқобилати ҷамъият ба навовариҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ ба амал оварда мешаванд ва ба ҳаёти муқаррарии онҳо таъсир мерасонад; 3) хусусиятҳои хоси соҳаи иҷтимоӣ, ки паҳншавии мустақими навовариҳо дар он душвор аст; 4) норасоии захираи кадрӣ оид ба раванди фаъолнокии инноватсионӣ. |
| Омилҳои таъсиррасони омехта | 1) аз монополизатсия баровардани бахшҳои иҷтимоӣ; 2) тамоюли густариши тадриҷии имкониятҳои молиявии кишвар, ки имкон медиҳад миқдори муайяни захираҳоро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона кунад. |

**Расми 3.5. Омилҳои таъсиррасон ба фаъолнокии инноватсионии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

1) омилҳое, ки ба фаъолнокии инноватсионии инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонанд;

2) омилҳое, ки ба равандҳои инноватсионии инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

3) омилҳое, ки ба фаъолнокии инноватсионӣ ҳам таъсири омехта мерасонанд (ҳам мусбат ва ҳам манфӣ).

Омилҳои таъсиррасони мусбат ба фаъолнокии инноватсионии инфрасохтори иҷтимоӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1)ислоҳоти ниҳодӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ,

2) талаботи иҷтимоии мавҷуда барои навсозии соҳаҳое, ки хизматрасонии онҳо аз ҷониби шаҳрвандон истифода мешавад,

3) ҳалли муаммоҳои асосии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳаи иҷтимоӣ,

4) мавҷудияти заминаи муайяни илмиву техникӣ дар он соҳаҳое, ки барои соҳаи иҷтимоӣ ҷолибанд,

5) имконияти истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба қарорҳои инноватсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ.

Ба ғайр аз омилҳои ба равандҳои инноватсионӣ мусбӣ таъсиррасон, ҳамзамон омилҳое мавҷуданд, ки ба он таъсири манфӣ мерасонанд, ба монанди:

1) таваҷҷуҳи нокифояи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ҷоринамоии воқеии навоварӣ;

2) муқобилияти ҷамъият ба навовариҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ ба амал оварда мешавад ва ба ҳаёти муқаррарии онҳо таъсир мерасонад;

3) хусусиятҳои хоси соҳаи иҷтимоӣ, ки паҳншавии мустақими навовариҳо дар он душвор аст;

4) норасоии захираи кадрӣ оид ба раванди фаъолнокии инноватсионӣ.

Ба гуруҳи сеюми омилҳои таъсиррасон ба фаъолнокии инноватсионӣ он омилҳое дохил мешаванд, ки вобаста ба шароит, муҳит ва омили вақт ба соҳаи иҷтимоӣ ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам таъсири манфӣ мерасонанд, ба монанди:

1) аз монополизатсия баровардани бахшҳои иҷтимоӣ;

2) тамоюли густариши тадриҷии имкониятҳои молиявии кишвар, ки имкон медиҳад, миқдори муайяни захираҳоро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона кунад.

Таъсири мутақобилаи омилҳои номбаршуда суръати татбиқи роҳҳои ҳалли инноватсиониро дар механизмҳои ташкиливу иқтисодии

соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ташаккул медиҳад. Омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва методии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба густариш ва рушди соҳаи инноватсионӣ дар соҳаҳое, ки фаъолияташон бевосита сифати зиндагии аҳолиро муайян мекунад, мусоидат хоҳад кард.

Боиси тазаккур аст, ки тибқи параметрҳои сенарияи рушди сеюми (индустриалию инноватсионӣ) СМР – 2030 пешгӯӣ карда шудааст, ки дар асоси ташаккули равишҳои инноватсионӣ ҳангоми вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф нисбат ба ММД ба 7 фоиз ва хароҷот ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба ММД ба 10 фоиз афзоиш хоҳад ёфт, ки боиси рушди босамари хизматрасониҳои соҳаҳо хоҳад шуд. Вобаста ба ин масъалаҳо, тибқи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мамлакат лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ татбиқ шуда истодаанд, ки бархе аз лоиҳаҳои сармоягузории дар соҳаи маориф татбиқшавандаро дар ҷадвали поён овардаем.

**Ҷадвали 3.8. - Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф татбиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯи лоиҳаҳо | Номгӯи донорҳо | Намуди маблағгузорӣ | Маблағи умумии лоиҳа аз рӯи созишнома (ҳаз.смн.) | % иҷроиш аз маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|
| Лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4» | Фонди Саудии Рушд | Қарз | 35000 | 99,55 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 63500 | 82,36 |
| Лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ» | Бонки Осиёгии Рушд | Грант | 31500 | 41,96 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 3200 | 6,68 |
| Лоиҳаи “Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф” | Бонки Исломии Рушд | Қарз | 30000 | 88,63 |
| | | Грант | 10000 | 31,44 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 6000 | 99,31 |

*Идомаи ҷадвали 3.8.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Лоиҳаи таҳсилоти касбию техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон | Бонки Исломии Рушд | Қарз | 17000 | 0,00 |
| | | Грант | 15000 | 0,00 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 2000 | 0,00 |
| Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» | Бонки Ҷаҳонӣ | Грант | 73000 | 35,55 |
| Лоиҳаи дастгирии ғизои мактабӣ | Фонди Байналмилалии Рушди соҳаи Кишоварзӣ | Грант | 1320 | 85,57 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 24800 | 67,12 |
| Лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии яккатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» | Фонди Саудии Рушд | Қарз | 20000 | 0,00 |
| Лоиҳаи «Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат дар Тоҷикистон» | Бонки Ҷаҳонӣ | Грант | 50000 | 0,39 |
| Ҳамагӣ | | | 382320 | 39,91 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [32]

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал гуфтан мумкин аст, ки дар қаламрави мамлакат, минтақа ва ҳудудҳои он татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар соҳаи маориф аз соли 2022 то инҷониб ба роҳ монда шудааст. Масалан, лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4» бо дастгирии Фонди Саудии Рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 98500 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст, ки 99,55 фоизи ҳиссаи Фонди Саудии Рушд ва 82,36 фоизи саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз аллакай иҷро гардидааст. Лоиҳаи дигари соҳа «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бокортаъминшавӣ», ки он ба маблағи 34700 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Аз ин маблағ 31500 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант аз ҷониби Бонки Осиёгии Рушд ва 3200 ҳазор сомонӣ саҳми Ҳукумати мамлакат мебошад, ки фоизи иҷроиши онҳо мутаносибан ба 41,96 ва 6,68 иҷро гардидааст. Лоиҳаи «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф» аз ҷониби Бонки Исломии Рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ

гардида, 30000 ҳазор сомонӣ ҳамчун қарз ва 10000 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант аз ҷониби Бонки Исломии Рушд пешниҳод гардидааст ва 6000 ҳазор сомонӣ маблағҳои ҳукумати мамлакат мебошанд. Вазъи иҷрои ин лоиҳа то давраи ҷорӣ мутаносибан 88,63 31,44 ва 99,31 фоизро ташкил медиҳанд. Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» низ яке аз лоиҳаҳои муҳимми соҳа арзёбӣ мегардад, ки он бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ ба маблағи 73000 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст, ки фоизи иҷрои он ба 35,55 фоиз баробар аст. Лоиҳаи дастгирии ғизои мактабӣ бо ташаббуси Фонди Байналмилалии Рушди соҳаи кишоварзӣ ва Ҳукумати кишвар татбиқ гардида истодааст, ки 1320 ҳазор сомонии он ҳамчун грант ва 24800 ҳазор сомонӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки иҷрои он ин давра мутаносибан ба 85,57 фоиз ва 67,12 фоиз амалӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамзамон лоиҳаҳое ҳастанд, ки татбиқи он дар соҳаи маориф то ҳол ба роҳ монда нашудааст. Масалан, лоиҳаи навбатии татбиқшаванда ин лоиҳаи таҳсилоти касбию техникӣ ва омӯзиш дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби Бонки Исломии Рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 34000 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст, ки 17000 ҳазор сомонӣ ҳамчун қарз ва 15000 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант аз ҷониби Бонки Исломии Рушд ҷудо гардидааст, боқимонда 2000 ҳазор сомонии он саҳми ҳукумати мамлакат мебошад, ки то ҳол ин лоиҳа дар амал татбиқ карда нашудааст. Лоиҳаи дигар «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» аз ҷониби Фонди Саудии Рушд ба маблағи 20000 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки то ҳол аз иҷрои он маълумот мавҷуд нест. То ин дам, маҷмуи лоиҳаҳо ба маблағи 382320 ҳазор сомонӣ татбиқ гардида, фоизи иҷрои он ба 39,91 баробар гаштааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳамаи лоиҳаҳои татбиқшавандаи соҳаи маориф асос барои баланд бардоштани дараҷаи инноватсионии

ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ мебошад ва иҷрои он боиси ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ мегарданд.

Ҳамзамон як қатор лоиҳаҳое мавҷуданд, ки дар соҳаи тандурустӣ аз соли 2022 татбиқ шуда истодаанд ва чун афзалиятҳо оид ба таъмин намудани стандартҳои баланди некӯаҳволии инсон ва суботи ҷамъият, инчунин беҳбудии иҷтимоӣ ҳисобида мешаванд. Теъдоди лоиҳаҳои дар соҳаи тандурустӣ татбиқшаванда дар ҷадвали 3.9. гирд оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.9. - Теъдоди лоиҳаҳое, ки дар соҳаи тандурустӣ дар ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодаанд**

| Номгӯи лоиҳаҳо | Номгӯи донорҳо | Намуди маблағгузорӣ | Маблағи умумии лоиҳа аз рӯи созишнома (ҳаз.смн.) | % иҷроиш аз маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|
| Лоиҳаи “Хизматрасониҳои маҷмуӣ барои модар ва кӯдак” | Бонки Осиёии Рушд | Грант | 32000 | 53,59 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 3200 | 76,73 |
| Лоиҳаи “Мубориза бар зидди бемориҳои сил, марҳилаи 5” | Бонки Олмонии Рушд | Грант | 5765 | 34,72 |
| Лоиҳаи “Мубориза бар зидди бемориҳои сил, марҳилаи 6” | | Грант | 13400 | 0,00 |
| Лоиҳаи «Ҳифзи саломатии модару кудак ва беҳтар намудани самти ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон» | Бонки Олмонии Рушд | Грант | 62604 | 79,16 |
| Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» (маблағгузории дуюми иловагӣ) | Бонки Ҷаҳонӣ | Грант | 12000 | 92,90 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 502,81 | 44,95 |
| Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ барои модар ва кӯдак дар чор ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон" | Бонки Исломии Рушд | Қарз | 14950 | 80,48 |
| | | Грант | 9060 | 67,17 |
| | Саҳми ҲҶТ | - | 2860 | 43,93 |
| Лоиҳаи «Такмили таҷҳизоти тиббӣ дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон «Шифобахш» ва Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | Ҳукумати Ҷопон | Грант | 7400 | 100,00 |
| Лоиҳаи «Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» | Бонки Ҷаҳонӣ | Грант | 21100 | 0,07 |
| Ҳамагӣ | | | 184841,81 | 56,14 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [32]

Гуфтан ҷоиз аст, ки соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои авлавиятдошта дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ҳисобида мешавад ва ба ин соҳа низ таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат дар мадди аввал меистад.

Нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он шаҳодат медиҳанд, ки баҳри баланд бардоштани хизматрасониҳои тиббӣ, беҳдошти саломатии ҷамъият ва нигоҳдории ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як қатор лоиҳаҳои зарурӣ татбиқ шуда истодаанд. Масалан, лоиҳаи «Хизматрасониҳои маҷмуӣ барои модар ва кӯдак» бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ шуда истодааст, ки маблағи умумии он ба 35200 ҳазор сомонӣ баробар аст. Аз ин маблағ 32000 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант аз Бонки Осиёии Рушд ва 3200 ҳазор сомонӣ саҳми ҳукумати мамлакат мебошад, ки он мутаносибан ба 53,59 фоиз ва 76,73 фоиз иҷро гардидааст. Лоиҳаи «Мубориза бар зидди бемориҳои сил, марҳилаи 5» аз ҷониби Бонки Олмонии Рушд маблағгузорӣ гардида истодааст, ки ҳаҷми он ба 5765 ҳазор сомонӣ баробар буда, ба 34,72 фоиз иҷро гардидааст. Вале лоиҳаи «Мубориза бар зидди бемориҳои сил, марҳилаи 6», ки ба маблағи 13400 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ бояд шавад, то ҳол вазъи иҷрояш номаълум аст. Лоиҳаи «Ҳифзи саломатии модару кӯдак ва беҳтар намудани самти ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон» низ аз ҷониби Бонки Олмонии Рушд амалӣ гардида истодааст, ҳаҷми маблағи он ба 62604 ҳазор сомонӣ баробар аст ва ба 79,16 фоиз то давраи ҷорӣ иҷро гардидааст. Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» (маблағгузории дуюми иловагӣ) ба маблағи 12502,81 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст, ки 12000 ҳазор сомонии он ҳамчун грант аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ҷудо гардида, 502,81 ҳазор сомонӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки то ин дам мутаносибан ба 92,90 фоиз ва 44,95 фоиз иҷро гардидааст. Лоиҳаи дигар соҳаи тандурустӣ оид ба «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ барои модар ва кӯдак дар чор ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маблағи 26870 ҳазор сомонӣ амалӣ гардида истодааст, ки 14950 ҳазор сомонӣ ҳамчун қарз ва 9060 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант аз

ҷониби Бонки Исломии рушд ҷудо гардидааст ва боқимонда 2860 ҳазор сомонӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутаносибан иҷрои он ба 80,48 фоиз, 67,17 фоиз ва 43,93 фоиз баробар аст. Лоиҳаи «Такмили таҷҳизоти тиббӣ дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон «Шифобахш» ва Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон ба маблағи 7400 ҳазор сомонӣ ҳамчун грант амалӣ гардида истодааст, ки он то давраи ҷорӣ 100 фоиз иҷро гардидааст. Лоиҳаи «Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун грант ба 21100 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, ба 0,07 фоиз иҷро гардидааст. Дар маҷмуъ арзиши лоиҳаҳо 184841,81 ҳазор сомониро ташкил дода, дар умум, ба 56,14 фоиз иҷро гардидааст.

Имрӯз муаммоҳои соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии мамлакат ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯ набуда, беҳбудиро талаб менамояд, зеро соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ яке аз соҳаҳои муҳимми инфрасохтори иҷтимоӣ оид ба таъминоти сатҳи зиндагии мусоид ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ муҳиммияти таҳқиқотро дар самти таҳия ва татбиқи равишҳои нави идоракунӣ ва арзёбии фаъолиятҳои инноватсионии онро, ки ба таъмини сифати баланди зиндагӣ барои аҳолӣ нигаронида шудаанд, нишон медиҳад. Бинобар ин, дар ин соҳа низ аз ҷониби Ҳукумати кишвар таваҷҷуҳи хоса андешида шуда истодааст, ки лоиҳаҳои татбиқшавандаи он дар ҷадвали 3.10. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.10. - Теъдоди лоиҳаҳои дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ татбиқшаванда**

| Номгӯи лоиҳаҳо | Номгӯи донорҳо | Намуди маблағгузорӣ | Маблағи умумии лоиҳа аз рӯи созишнома (ҳаз.смн.) | % иҷроиш аз маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|
| Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хоруғ» | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | Қарз | 2000 | 100,00 |
| | | Грант | 2000 | 80,12 |
| Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд, марҳилаи 2» | | Қарз | 2500 | 73,00 |
| | | Грант | 910 | 100,10 |
| | | Грант | 2500 | 83,69 |

*Идомаи ҷадвали 3.10.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Турсунзода» | | Қарз | 2000 | 95,55 |
| | | Грант | 1147 | 100,00 |
| | | Грант | 2000 | 89,74 |
| Лоиҳаи “Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Кӯлоб” | | Қарз | 2000 | 99,87 |
| | | Грант | 950 | 109,37 |
| | | Грант | 2000 | 73,72 |
| Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии нохияи Ёвон» | | Қарз | 2000 | 99,40 |
| | | Грант | 2000 | 97,19 |
| Ҳамагӣ | | | 24007 | 92,44 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин таҳия карда шудааст: [32]

Аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст, ки шуруъ аз соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 5 лоиҳа дар амал татбиқ шуда истодаанд, ки аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маблағгузорӣ гардида истодаанд. Лоиҳаҳои мазкур дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Турсунзода, Кӯлоб ва ноҳияи Ёвон дар раванди амалишавӣ қарор дошта, маблағи умумӣ 24007 ҳазор сомонӣ ва вазъи иҷрои он то марҳилаи кунунӣ ба ҳисоби миёна 92,44 фоизро ташкил медиҳад.

Бо баробари татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ як қатор муаммоҳо ҷой доранд, ки тибқи таҳқиқотҳо онро ба чор гуруҳ ҷудо менамоем, ки ин омилҳои технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ мебошанд (расми 3.6.).

Нисбат ба муаммоҳои ҷойдошта гуфтан ба маврид аст, ки фондҳои истеҳсолии соҳа бояд пурра азнавсозӣ карда шаванд, сатҳи хизматрасонии соҳа бояд аз рӯи шарти муайян анҷом дода шавад, маблағгузории буҷетӣ ба фаъолияти корхонаҳои хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шуда, нисбат ба ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад, қарорҳои идоравӣ ба таври самаранок ва муттасил қабул гардида, ба масъалаи таъсиррасонии баландшавии нарх ба хизматрасониҳо диққати зарурӣ зоҳир карда шавад.

**Технологӣ**

- хӯрдашавии аз ҳад зиёди фондҳои истеҳсолӣ;
- қарорҳои ғайрисамараноки технологӣ ва схемаи пешниҳоди хизматрасониҳои ичтимоӣ;
- шартҳои гуногуни пешниҳоди хизматрасонӣ.

**Иқтисодӣ**

- вобастагии баланди буҷетӣ, маблағгузории нокифояи фаъолияти корхонаҳои хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ;
- мавҷуд набудани воситаҳои гардон ва захираҳо барои навсозии фондҳои асосӣ;
- механизми харҷноки ташаккули тарофаҳо;
- набудани ҷолибияти сармоягузорӣ;
- набудани механизми таъсиррасон ба истеъмолгари ниҳоӣ.

**Ташкилӣ**

- сохтори мураккаби идоракунии соҳа;
- такрорёбии вазифаҳо;
- қарорҳои идоравии ғайрисамаранок ва номуттасил.

**Иҷтимоӣ**

- зарурати доимии пешниҳоди хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналӣ;
- таъсири афзоиши нарх ба хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналӣ ва шиддати иҷтимоӣ.

**Расми 3.6. Муаммоҳои фаъолияти соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии минтақа чун объекти сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ ба як соҳаи муносибатҳои бозорӣ табдил ёфта истодааст ва ҷорӣ намудани стандартҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва тамаркуз ба низоми хизматрасонии иҷтимоӣ, татбиқи технологияҳои нави инноватсиониро барои навсозии сифатии инфрасохтори иҷтимоӣ осон мегардонад. Ҷорӣ намудани навовариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа метавонад вазъи инфрасохтори иҷтимоиро устувор ва беҳтар созад. Аз ин лиҳоз, афзоиши самаранокии иқтисодии навовариҳо муҳим аст, зеро рушди равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи иҷтимоӣ омӯзиши васеи кадрҳои соҳибтахассусро талаб мекунад. Пайдоиши чунин иқтидорҳои инноватсионӣ дар бозор на танҳо рақобатро афзоиш медиҳад, балки навовариро низ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ҳавасманд мегардонад.

## Хулосаҳои боби III

1. Дар асоси таҳқиқи механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа муайян сохтем, ки шарикии давлатӣ ва хусусӣ чун механизми инкишофдиҳандаи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа баромад хоҳад кард, зеро тавассути он бо омезиши захираҳои тиҷоративу давлатӣ сатҳи таъминнокии молиявии инфрасохтори иҷтимоиро баланд бардошта, дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ таъмин кард.

2. Дар натиҷаи таҳлили маблағгузории бахши хусусӣ ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ маълум гардид, ки татбиқи механизми маблағгузории ШДХ баҳри афзоиш додани фарогирии кӯдакону хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабиву умумӣ ва дастрасии аҳолӣ ба иншоотҳои соҳаи тандурустӣ бевосита мусоидат хоҳад кард.

3. Дар асоси таҳқиқот муайян намудем, ки татбиқи фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоии вилояти Суғд дар шароити муосири рақамикунонӣ нақши асосӣ дорад, зеро тавассути ҷорӣ намудани инноватсия дар фаъолияти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба рушди иқтидори инсонӣ, дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ метавон такони ҷиддӣ бахшид.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар асоси таҳқиқоти илмии назариявӣ ва амалии гузаронидашуда оид ба инкишофи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1) Дар шароити муосири тамаддуни ҷаҳонӣ инфрасохтори иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи таъмини рушди устувори ҳар як минтақаи алоҳида ба ҳисоб меравад, зеро хосатан тавассути он сатҳи зиндагонии ҷамъият ва дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта мешавад, заминаи муносиб барои мустаҳкам намудани рақобатпазирии онҳо гузошта мешавад. Инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди муҳим аз маҷмуи объектҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият иборат аст, ки ҳадафи асосии функсионалии онҳо дар низоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ шароити муносиб фароҳам овардан барои фаъолияти самараноки захираҳои меҳнатӣ ва таъмин намудани ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ мебошад.

2) Банақшагирии маҷмуии салоҳиятнок, қабули қарорҳои идоракунӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа барои қонеъ гардонидани низоми талаботи ҷомеа ва фардҳои он нигаронида шуда, таъминоти методии арзёбиро талаб менамояд. Методҳои арзёбии механизмҳои ташкилӣ- иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд то ҳол ба таври кофӣ коркард нашудаанд, ки боиси бозмондагии фаъолияти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ мегарданд.

3) Таҷрибаҳои хориҷӣ оид ба идораи механизми ташкилӣ ва иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти низомҳои пешрафтаи ҳифзи иҷтимоӣ ҷузъи асосӣ ва хусусияти фарқкунандаи модели аврупоии иқтисоди бозорӣ мебошад. Истифодаи таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, аз қабили Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон оид ба ташаккули механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

мақсад мувофиқ аст. Зеро дар онҳо баланд бардоштани сармояи инсонӣ аҳаммияти стратегӣ дорад ва кишварҳо самти модернизатсияи иҷтимоиро пеша кардаанд, ташкили муколамаи ошкоро бо шаҳрвандон ва ҷалб намудани оила ба фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади расонидани кӯмаки инфиродӣ, ташкили низоми иттилоотӣ барои расонидани кӯмакҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст, ки заминаи мусоидро барои тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ медиҳад.

4) Соҳаҳои марбутаи инфрасохтори иҷтимоӣ дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ нақши калидӣ мебозад. Теъдоди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд рӯ ба афзоишанд. Аз рӯи теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе дар ҷойи аввал, вилояти Суғд дар ҷойи дуюм ва вилояти Хатлон дар ҷойи сеюм қарор доранд ва таъминнокии донишҷӯён бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқан дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд аст. Таъминоти аҳолӣ бо беморхонаҳо ва муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо қаноаткунанда набуда, беҳбудиро талаб менамояд.

5) Яке аз механизмҳои ташкилии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ин тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ ва кадрҳои баландихтисос маҳсуб меёбад. Дар вилояти Суғд муайян гардид, ки дар 3 соли охир дар шаҳру ноҳияҳои минтақа норасоии кадрӣ дида мешавад, ки боиси коҳишёбии сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ гардида, сарбории зиёди табибон ва кормандони тиббӣ шудаанд.

6) Соҳаи фарҳанг қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, ки барои таъмини рушд ва инкишофи шахсият, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва маънавии ҷамъият таъсири мустақим дорад. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва шумораи тамошобинони ин соҳа дар вилояти Суғд, ба монанди театрҳо, осорхонаҳо ва китобхонаҳо то ҳол қаноаткунанда намебошад. Бинобар ин, бояд ба зиёд кардани теъдоди онҳо аҳаммияти ҷиддӣ додан зарур аст, зеро инҳо соҳаҳое ҳастанд, ки захираҳои инсонии босифатро барои ҷомеа тавлид

мекунанд. Чӣ қадаре ки сатҳи фарҳангӣ ва маърифатии аҳолӣ баланд бошад, ҳамон қадар сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат баланд мегардад. Дар заминаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ, фарҳанг ҳамчун захираи нави иқтисодӣ ва манбаи тафаккури нав бояд баррасӣ карда шавад.

7) Хизматрасониҳои хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, ба монанди таъмини об, канализатсия, неруи барқ ва таъминот бо газ ҷузъи муҳимми низоми таъминоти ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад ва барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъият, ҳифзи ҳуқуқу саломатии он ва таъмини амнияти миллӣ равона карда шудааст. Хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ яке аз низомҳои мураккаби инфрасохтори иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, дорои хусусиятҳое аз қабили доштани мавқеи баланди иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъият; робитаи мутақобилаи зич бо дигар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ; робитаи мутақобила байни истеҳсол ва истеъмоли хизматрасониҳои ин соҳа, якранг будани маҳсулот, душвор будани ташаккули захираҳо, ҳиссаи баланди арзиши масолеҳҳои ёрирасон ва энергия дар таркиби хароҷоти истеҳсолӣ мебошад, ки зарурати такмили механизмҳои идоракунии онро ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам сатҳи ҳудудҳои маъмурӣ талаб менамояд.

8) Хоҷагии коммуналӣ дар шаҳру деҳоти вилояти Суғд дар сатҳи паст қарор дорад ва барои ҳалли ин муаммо бояд ба хӯрдашавии олоти шабакавии дастраскунии об ва хизматрасонии канализатсияҳо бештар дар деҳот аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Ҳамчунин ба ҳолати садамавии қубурҳо ва боми манзилҳои истиқомативу маишӣ таваҷҷуҳи хоса дода шавад.

9) Дар шароити муосир маблағгузории инфрасохтори иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки давлату ҳукумат маҳсуб мегардад, ки барои ташаккул ва рушди он аз ҳисоби буҷети давлатӣ захираҳои назаррас ҷудо карда мешаванд. Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ бештар ва ба дигар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ нисбатан камтар аст. Вазъи истифодабарӣ ва

навсозии фондҳои асосӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ҳанӯз ҳалталаб аст, зеро фаъолияти босамар ва пешбурди объектҳои ин соҳа дар асоси мавҷудияти заминаи моддӣ-техникӣ ҷараён мегирад.

10) Хизматрасонии пулакӣ дар инфрасохтори иҷтимоӣ яке аз механизмҳои молиявӣ ва пардохте ҳисобида мешавад, ки дастрасии аҳолиро ба молҳо ва хизматрасониҳои базавӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг, коммуналӣ, нақлиётӣ, маишӣ таъмин мекунад ва он тавассути кӯмакҳои мустақим, субсидияҳо, имтиёзҳо, инчунин маблағгузории буҷетӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар вилояти Суғд бештар ба хизматрасониҳои маишӣ ва маориф рост омадааст ва ҳамзамон дар таркиби хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо ин хизматрасониҳо нисбат ба дигар намудҳо мавқеи назаррас доранд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Такомули механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа коркард ва амалӣ намудани чораҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳияи барномаҳову стратегияҳои маҳаллӣ, ки баланд бардоштани самаранокии механизмҳои молиявии рушди инфрасохтори иҷтимоиро таъмин менамояд;

- афзоиш додани теъдоди беморхонаҳо ва муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо дар минтақа, ки боиси афзоиши сатҳи таъминокии аҳолӣ ба объектҳои соҳаи тандурустӣ мебошад;

- инкишоф додани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар вилоят ва ҷалби қувваи кории истифода нашуда ба касбомӯзӣ, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғл ва дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, ки боиси рушди устувори иқтисодии минтақа мегардад;

- бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии соҳаҳои

инфрасохтори иҷтимоии минтақа тавассути навсозӣ ва модернизатсияи фондҳои асосӣ;

- такмили касбият ва тахассусмандии кормандони соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ба сатҳи амалишавии сиёсати иҷтимоӣ дар минтақа таъсири худро мерасонанд;

- ҳавасмандкунӣ оид ба афзоиши таъминнокии минтақа бо табибон ва кормандони тиббӣ;

- тақвият бахшидан ба дастгирии шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар самти афзоиш ва беҳтарсозии иншоотҳои инфрасохтори иҷтимоӣ тавассути пешниҳод намудани имтиёзҳо ва мусоидати давлатӣ;

- афзоиши фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бо ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024; 16.12.2025. – Душанбе, 2024-2025. – С. 7, 5.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012 «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» / Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 13с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2012 «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» / Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 15с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 таҳти № 1833 «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» / Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 – 11с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти 2015 «Дар бораи илм ва фаъолияти илмӣ» / Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015 – 20с.
